**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи**

**ба номи А.М. Баҳоваддинов**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ҶОБИРОВ ИҚБОЛ ФАТҲУЛЛОЕВИЧ**

# НАҚШИ КОММУНИКАТСИЯИ СИЁСӢ ДАР НИЗОМИ ИДОРАКУНИИ СИЁСИИ ҶОМЕА

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо**
**ва технологияҳои сиёсӣ**

**Роҳбари илмӣ**

доктори илмҳои фалсафа,

профессор, узви вобастаи АМИТ

Усмонзода Х.У.

**Душанбе – 2025**

## МУНДАРИҶА

ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО.........................................................3
МУҚАДДИМА...................................................................................4
**Боби I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ АЛОҚАМАНДИИ КОММУНИКАТСИЯИ СИЁСӢ ВА ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ**..............................................................21
1.1. Равишҳои назариявӣ ва методологии таҳлили баҳамалоқамандии коммуникатсияи сиёсӣ ва идоракунии сиёсии ҷомеа................................21
1.2. Тамоюли тағйирёбии нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосир..........................................................43

**Боби II. ШАКЛ ВА УСУЛҲОИ АМАЛИШАВИИ КОММУНИКАТСИЯИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ**..............................................................65
2.1. Истифодаи технологияҳои муосири манипулятсия дар амалияи коммуникатсияи сиёсӣ..........................................................................65
2.2. Хусусияти таъсири коммуникатсияи сиёсӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва аҳамияти он дар идоракунии сиёсӣ........................................................88

**Боби III. ВАЗЪ ВА ДУРНАМОИ ТАЪСИРИ КОММУНИКАТСИЯИ СИЁСӢ ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОН ...........................................................................................................108**
3.1. Ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ ва таъсири он ба раванди сиёсӣ дар Тоҷикистон......................................................108
3.2. Вазъият ва нерӯи таъсири интернет–ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ..........................................135

**ХУЛОСА..........................................................................................158**

**РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА.................................................................165**

**ИНТИШОРИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ.........188**

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

1. **ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико
2. **ВАО** – Васоити ахбори омма
3. **ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил
4. **КМ ҲКИШ** – Коммисияи Маркизии Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ
5. **ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон
6. **ТИК** – Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ
7. **MLPS** – Multi-Level Protection System
8. **PR** – Public Relations
9. **CADA** – Central Asian Development Agency

# МУҚАДДИМА

**Аҳаммияти мавзуи таҳқиқот.** Бо тағйирёбии фазои иртиботӣ ва мураккабшавии равандҳои сиёсӣ дар низоми муосири ҳаёти ҷомеа ва ҳокимият тарҳи муносибатҳо низ шаклан ва мазмунан тағйир ёфта, зарурати пешниҳоди методҳо ва шаклҳои идоракунии ин равандҳо бештар эҳсос мешавад. Дар соҳаи идоракунии сиёсӣ арзиши гуманистии муносибатҳои иттилоотию коммуникатсионӣ боз ҳам афзоиш ёфта, ин раванд боиси на танҳо тавлиди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мегардад, балки шароитҳои нав, имкониятҳои муосири рушди ҷамъиятиро ба вуҷуд меоварад. Аз ҷумла солҳои охир ба низоми фаъолияти сиёсии байни ҷомеа ва элитаҳои сиёсӣ ворид шудани абзорҳои муосири иртиботӣ, хусусан шабакаҳои иҷтимоӣ боиси ба вуҷуд омадани тағйироти амиқ дар ҳаёти сиёсию ҷамъиятии баъзе аз кишварҳои олам шудааст, ки аксар вақт таъсирашон ҳудудҳои миллиро бидуни монеа убур менамоянд. Намунаи возеҳи ин андеша раванди баргузории интихобот дар баъзе аз кишварҳо, аз ҷумла ИМА мебошад, ки дар чигунагии натиҷаҳои он унсурҳои иттилоотӣ, иртиботӣ ва интернетӣ нақши муассир мебозанд. Яъне фазои интернетии муошироти сиёсӣ дар шароити муосир чунин имкониятеро фароҳам овардааст, ки истифодаи мақсадноки он боиси ба манфиати ин ва ё он гурӯҳҳо, ҳизбҳо ва ташкилотҳои сиёсӣ анҷом ёфтани муборизаҳои сиёсӣ ва машруияти комил пайдо намудани неруи муайяни сиёсӣ зимни идораи давлат гардад. Чунин ҳолат, агар аз як ҷиҳат бартарии имкониятҳои воситаҳои муошироти сиёсиро дар шароити имрӯза ба намоиш гузорад, аз тарафи дигар, тадриҷан эътимодро оид ба холисии фанновариҳои иттилоотии муосир дар идоракунии ҳаёти сиёсии ҷомеа коҳиш медиҳад.

Паёмади ин гуна дигаргуниҳо вобаста ба суръату дараҷаи таваҷҷуҳи ҷомеа агар дар як маврид боиси коркарди дидҳои нав оид ба таҳкиму суботи сиёсӣ гардад, аммо дар мавридҳои дигар шикасту

ноустувории низомҳои сиёсиро ба дунбол доштааст. Махсусан давоми беш аз ду даҳсолаи охир таъсири воситаҳои иттилоотӣ дар шаклгирии вазъи сиёсии кишварҳои олам хеле зиёд эҳсос мешавад. Инро дар мисоли ҳаводиси «Баҳори араб» ва инқилобҳои рангае, ки солҳои охир боиси сар задани ноорамӣ дар як қатор кишварҳо шуданд, дидан мумкин аст.

15 сол қабл, аниқтараш тирамоҳи соли 2010 дар як қатор кишварҳои арабӣ, аз ҷумла: «Тунис, Миср, Яман, Сурия, Либия, Баҳрайн, Алҷазоир, Ироқ, Урдун, Марокаш, Уммон, Кувайт, Лубнон, Мавритания, Арабистони Саудӣ, Судон ва Ҷибути ҷангҳои шаҳрвандӣ ва эътирозҳои оммавӣ сар заданд, ки яке аз омилҳои асосии ин ноорамиҳо ба паҳншавии технологияҳои нави иттилоотӣ ва иртиботӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ, аз қабили Facebook ва Twitter ва микроблогҳо алоқаманд шуморида мешавад» [107, с.95]. Баъзе аз андешамандон ҳатто нақши ин воситаҳоро дар сар задани ҳаводиси мазкур чунон муассир арзёбӣ мекунанд, ки ҳатто бидуни шабакаҳои иҷтимоӣ рух додани «Баҳори арабӣ»-ро ғайриимкон мешуморанд. Бинобар ин, баъзан «Баҳори арабӣ» ва дигар инқилобҳои рангае, ки таҳти таъсири шабакаҳои муайяни иҷтимоӣ ба вуҷуд омаданд, ба таври рамзӣ «инқилоби фейсбукӣ» ё «инқилоби твиттерӣ» низ меноманд.

Мисоли боз ҳам равшан оид ба инъикоси барҷастагии нақши воситаҳои муосири иттилоотӣ дар шаклгирии равандҳои сиёсӣ ноорамиҳои пасазинтихоботӣ дар Ҷумҳурии Белорус мебошад. Моҳи августи соли 2020 дар робита ба эълони натоиҷи расмии интихоботи президентӣ дар ин кишвар эътирозҳо миқёсан васеъ сар зада, Белорусро мувоҷеҳи буҳрони ҷиддии сиёсӣ намуд. Омил асосии бавуҷудоӣ ва таҳрикдиҳандаи асосии ин эътирозҳо шабакаи иттилоотии «Телеграм» буд, ки рафтори сиёсии мардумро аз хориҷа идора мекард Дар натиҷа, оммаи мардум бидуни роҳбарии сарвари ягона таҳти идораи иттилоотии

«Телеграм» ба хиёбонҳо баромада, ба эътирозҳои дастаҷамъӣ ва раҳпаймоиҳои бузург даст заданд.

Маҳз чунин воқеиятҳо солҳои охир боиси такон ёфтани назарияи «детерменизми технологӣ» ва бузург арзёбӣ шудани омили технологӣ дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ гардид.

Бо бардошт аз ин таҳаввулот ва ҳамчун ҷузъи тасмимҳои амниятӣ, Ҷумҳурии Мардумии Чин акнун низоми MLPS 2.0 (Multi-Level Protection System)-ро коркард ва ҷорӣ намуд, ки он ба табиати муоширатҳои сиёсӣ мазмуни нав мебахшад.

Аз ин рӯ, мубрамии таҳқиқоти мазкур аз мураккабии равандҳои имрӯзаи ҳаёти сиёсии ҷомеа вобаста аст, ки дар баробари тақвияти иртиботи байни объекту субъектҳои сиёсӣ, инчунин зарурати тақвияти қобилияти посухгӯйии онҳо ба ҳамлаҳои иттилоотӣ ва амалҳои тахрибкории қувваҳои манфиатнок ва ғайра меафзояд. Мавқеи ҷомеаи Тоҷикистон низ дар ин маврид аз он иборат аст, ки кишвари мо дар муқовимат бо ин тамоюлҳо ва умуман рушдбахшии худ метавонад дар заминаи роҳандозии иртибототи қавии ҷузъҳои таркибии онро ҳамчун система ташкилдиҳанда ба даст орад.

Иртиботи муназзами сиёсӣ инчунин барои ҷараёни муътадили ҳаёти ҷамъиятӣ нақши муҳим дорад. Низоми сиёсии ҷомеа бо такя аз роҳандозии иртиботи муназзам ташаккули иродаи сиёсии мардумро, ки ба таъмини суботу рушд нигаронида шудааст, ба даст меорад. Татбиқи ин ҳадаф имконият медиҳад, ки мардум дар баробари ниҳодҳои сиёсӣ худро масъули қабул ва дар амал татбиқ намудани қарору барномаҳои рушду суботи мамлакат эҳсос намоянд. Ин ҳадаф барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таҳияи пояҳои давлатдории мустақили миллӣ сайъ менамояд, хеле муҳим мебошад. Дар ин замина истифодаи имкониятҳои навини техникии воситаҳои иртибототи барои татбиқи ҳадафҳои сиёсӣ нақши калидиро касб мекунанд. Бинобар ин, имрӯз кулли ниҳодҳои

сиёсии ҷомеа кӯшиш менамоянд, ки аз имкониятҳои мавҷуда барои мустаҳкам кардани робитаашон бо мардум ва пуштибонӣ аз суботи ҳаёти ҷомеа васеъ истифода намоянд.

Дар шароити Тоҷикистон бо дарназардошти аҳаммияти коммуникатсияи сиёсӣ раванди ҳамбастагии сиёсат ва иттилооти оммавӣ ҳамчун дастгоҳи неруманди таъсиррасонии сиёсӣ ба мушоҳида мерасад. Воситаҳои муосири коммуникатсия ба низоми муносибатҳои сиёсию иҷтимоии давлат роҳ ёфта, зарур будани худро ҳамчун таркиби ногузири низоми идоракунии сиёсӣ тасдиқ мекунанд. Хусусан, ба вуҷуд омадани таҳаввулоти амиқ дар фазои иттилоотию коммуникатсионӣ шароити мусоидро барои демократикунонии ҳаёти ҷомеа фароҳам меоранд.

Модернизатсияи идоракунии давлатӣ ва трансформатсияи коммуникатсияи сиёсӣ системаи ба худ хоси «ҷомеа – ВАО – коммуникатся – ҳокимият»–ро ба вуҷуд меорад. Бо дарназардошти ин, муҳим ба назар мерасад, ки донишҳои илмиеро, ки қонуниятҳои рушди муносибатҳои иртиботиро инъикос мекунанд, бо технологияи навтарини идоракунӣ алоқаманд намуд. Маҳз дар натиҷаи ташхис ва арзёбии якҷояи масъалаҳои мазкур аҳаммияти иртиботи сиёсӣ ва моҳияти коммуникативии технологияи идоракунӣ возеҳ хоҳад шуд. Муҳим будани мавзуи рисолаи мазкур низ ба ҳамин вобаста мебошад.

**Ҳамзамон, аҳаммияти мавзуи рисолаи номзадӣ ба омилҳои зерин вобаста мебошад:**

– зарурати ҷустуҷӯи роҳҳои самаранок, усулҳо ва механизмҳои идоракунии сиёсӣ дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ;

– мавҷуд будани талабот ба дарки амиқи зуҳуроти сиёсие, ки дар низоми идоракунии сиёсӣ ба вуҷуд меоянд ва ба равандҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, модернизатсияи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи тоҷикистонӣ робитаи қавӣ доранд;

– болоравии дарки танзими равандҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва муносибатҳои байни одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва давлат, ки дар якҷоягӣ ҳамчун системаи мукаммалсозии манфиатҳои аъзои ҷомеа баромад мекунанд;

– зарурати таҳкими нақши ояндабинии идоракунии сиёсӣ ва институтҳои муҳимтарини он дар шароити гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Муҳаққиқони гуногуни хориҷию ватанӣ оид ба омӯзиши моҳият ва хусусиятҳои коммуникатсияи сиёсӣ, консепсияҳои коммуникатсионии сиёсат ва идоракунии сиёсӣ корҳои назарраси илмиро анҷом додаанд. Ҳамзамон, анъанаҳои арзишманд ва бисёрасраи тадқиқотиро, ки ба масъалаи иттилоот бахшида шудаанд, қайд намудан зарур мебошад.

Таҳқиқоти зиёди анҷомдодашуда оид ба коммуникатсияи сиёсӣ ва нақши он дар идоракунии сиёсӣ имкон медиҳад, ки адабиёти илмии дахлдорро ба гурӯҳҳо тақсимбандӣ намоем.

**Ба гурӯҳи аввал** асарҳои илмии классикон ва донишмандони аҳди қадимро метавон шомил кард, ки аз аввалинҳо шуда аҳаммияти падидаро дар ҳаёти сиёсии давлат ва муносибатҳои ҷамъиятӣ дарҷ намудаанд. Дар ин самт, пеш аз ҳама, асарҳои файласуфони Юнони Қадим Афлотунро, ки истифодаи воситаҳои иттилоотию коммуникатсиониро ба шуури сиёсии шаҳрвандон зарур мешуморад [62] ва Арастуро, ки дар таҳқиқоти худ шаклҳои гуногуни муоширатро асоси фаъолияти гурӯҳӣ номидааст, [20] ба таври махсус бояд зикр кард.

Арасту коммуникатсияи сиёсиро ҳамчун «фазилат» арзёбӣ намуда, дар бораи иртиботи сиёсӣ чунин менависад: «Азбаски ҳар як давлат табиатан як навъи иртиботро мемонад ва ҳамаи иртибот барои кадом як мақсади накукорӣ ташкил карда мешаванд, пас, аён аст, ки ҳама иртибот ба ин ё он чизи хуб саъй мекунанд. Назар ба дигар навъҳо авлотар ва бартар аз ҳама он иртиботест, ки аз ҷумлаи муҳимтаринҳо буда, ҳамаи

иртиботи дигарро фаро мегирад. Ин иртибот коммуникатсияи давлатӣ ва ёсиёсӣ ба шумор меравад» [20, с. 46].

Дар пайравӣ ба андешаҳои Афлотун ва Арасту минбаъд муҳаққиқони дигар тавонистанд, ки ҷанбаҳои васеи онро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ таҳқиқ намоянд.

**Ба гурӯҳи дуюми** пажуҳишҳо, ки равишҳои хоси илмиро дар ташхиси коммуникатсияи сиёсӣ мавриди истифода қарор додаанд муҳаққиқони аврупоӣ: Ҷ. Коттер, К. Сиун, Л. Пай, Д. Истон, Г. Алмонд [180; 181; 182; 188; 189] ва дигаронро метавон дохил намуд. Маҳз дар заминаи таҳқиқоти онҳо самтҳои асосии назарияи коммуникатсияи сиёсӣ ва назарияҳои дигари илмии ба он алоқаманд, аз ҷумла консепсияи ҷамъи умум (ҷомеаи омма), ба таври васеъ рушд намуданд.

Ҷ. Коттер ва К. Сиун коммуникатсияи сиёсиро аз бисёр ҷиҳатҳо муносибати байни ҳокимон ва омма ва ё идоракунандагону идорашавандагон шумурдаанд, ки аз баҳамтаъсиррасонӣ таркиб ёфтааст. Мутаносибан, тибқи назари онҳо байни ин ду метавонад ҳам муносибатҳои симметрӣ ва ҳам асимметрӣ инкишоф ёбанд.

Ба андешаи Ҷ. Коттер чунин унсурҳо: раъйпурсӣ, интихобот, ташкилоти сиёсию ғайрисиёсӣ ва ВАО воситаи коммуникатсияи сиёсӣ байни идоракунандагону идорашавандагон мебошанд. Дар давлати демократӣ интихобот ва ВАО ҳадди олии иртиботи сиёсӣ ва ташкилотҳои гуногуни сиёсӣ ва ғайрисиёсӣ иштирокчиёни фаъоли раванди коммуникатсия ба шумор мераванд.

Нигоҳи К. Сиун низ тақрибан ба Ҷ. Коттер шабеҳ мебошад. Ӯ ба ҷойи истилоҳи идоракунандагон элитаҳоро истифода кардааст. К. Сиун ҷойгоҳи назаррасро дар системаи коммуникатсияи сиёсӣ ба элитаҳо мансуб медонад, ки қудрати худро ба тамоми ҷомеа тавассути коммуникатсияи мобайнӣ – дастгоҳи бюрократӣ ва воситаи

коммуникатсияи оммавӣ ҷорӣ мекунанд, то иттилооте, ки ба омма расонида мешавад, легитимияти онҳоро мустаҳкам кунад.

Муҳаққиқон Г.Алмонд ва Д.Истон дар чаҳорчӯби омӯзиши масоили гуногуни системаи сиёсӣ ба комуникатсияи сиёсӣ низ ҳамчун унусури таркибии он таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир намудаанд.

Дэвид Истон ба системаи сиёсӣ ҳамчун «системаи кушод» нигоҳ мекунад, ки он аз «муҳити атроф» ҳамеша қувват мегирад. Зинда мондан ва устувории системаи мавҷударо Д. Истон аз мутобиқшавӣ ба ин муҳити зист, яъне аз коммуникатсияи «мустақим» ва «ҷавобӣ» байни системаи сиёсӣ ва муҳити беруна, вобаста мешуморад [188].

Тавсифи коммуникатсия дар равиши илмии Г. Алмонд хосияти даврагӣ дорад. Ӯ тарҳи «баромад» ва «даромад»-ро пешниҳод мекунад, ки тибқи он ҳолати системаи сиёсӣ аз шаклу мазмуни иртиботи сиёсии он бо ҷомеа вобаста мебошад. Яъне ҳар чизе ки аз системаи сиёсӣ бармеояд, мувофиқи он аксуламал хоҳад гирифт [189, с.124].

Дар мавриди худ сиёсатшиноси амрикоӣ Л. Пай таъкид мекунад, ки «коммуникатсияи сиёсӣ самти яктарафаи иртиботи элита бо омма нест, балки тамоми ҷараёни ғайрирасмии коммуникатсионӣ дар ҷомеа аст, ки ба сиёсат таъсири комилан мухталиф мерасонанд. Ӯ ҳаёти сиёсиро дар ҳама ҷомеа бидуни усулҳои муқарраршудаи коммуникатсияи сиёсӣ ғайриимкон меҳисобад» [182, с. 244].

**Ба гурӯҳи сеюм** пажуҳишҳо ва осори муҳаққиқони рус, аз ҷумла М.Н. Грачев, И.М. Дзялошинский, О.Ю. Малинова, А.И. Соловев [27; 33; 129; 73] шомил мешаванд, ки ҷанбаҳои мухталифи коммуникатсияи сиёсиро дар шароити ҷомеаи иттилоотӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд. Онҳо ҷомеаи иттилоотӣ ва коммуникатсияи сиёсиро аз нуқтаи назари мавҷудияти алоқамандии зичи байни ин падидаҳо таҳлил намуда, рушди якеро бидуни дигаре ғайриимкон мешуморанд.

Миёни муҳаққиқони зикргардида нақши арзишмандро дар таҳлили ҷанбаҳои ҳам консепуталӣ ва ҳам амалии коммуникатсияи сиёсӣ М.Н. Грачев соҳиб мебошад. М.Н. Грачев ду навъи иттилоот – «иттилооти сиёсӣ» ва «иттилооти дорои аҳамияти сиёсӣ»-ро ҷудо мекунад ва миёни онҳо тафовут мегузорад. «Иттилооти сиёсӣ», ба андешаи ӯ паёмҳо дар бораи падидаҳо ва воқеаҳоест, ки дар соҳаи сиёсии ҷомеа рух медиҳанд. «Иттилооти дорои аҳаммияти сиёсӣ» бошад тамоми он паёмҳоеро дар бар мегирад, ки раванди сиёсию ҷамъиятиро тағйир дода, моҳиятан ба бадасторӣ, нигоҳдорӣ ё истифодаи қудрат нигаронида шудааст. Дар ин асос М.Н. Грачев ба хулосае меояд, ки коммуникатсияи сиёсӣ ҷавҳари ҳамкории субъектҳои сиёсат тавассути мубодилаи иттилоот дар ҷараёни мубориза барои қудрат ё амалигардонии он мебошад [27].

А.И. Соловёв воситаҳои муосири коммуникатсияи оммавиро ба соҳаи мустақили ҳаёт монанд мекунад. Воситаҳои расонидани иттилооти гуногун, ки дар заминаи системаҳои алоқаи компютерӣ ва моҳворавӣ сохта шудаанд, дар системаи коммуникатсия инқилоби воқеӣ ба амал оварданд, то ҷое ки дорои муассисаҳо, меъёрҳо ва қонуниятҳои худ буда, ба соҳаи мустақили ҳаёт табдил ёфтаанд, зикр мекунад ӯ. А.И. Соловёв чор навъи коммункиатсияи сиёсиро ҷудо намудааст: шифоҳӣ, амудӣ, шахсӣ ва расмӣ [73].

И.М. Дзялошинский дар таҳқиқоти илмии худ зери унвони «Технологияи монипулятсионӣ ва васоити ахбори омма» истифодаи роҳу усулҳои мухталифи монипулятсияро тариқи воситаҳои ахбори омма нишон додааст [33].

Ҳамзамон, як қатор муҳаққиқони дигари рус, ба монанди Г.Л. Акопов, М.С. Вершинин, А.А. Киселев, И.В. Самаркин, А.В. Дмитриев, А.А. Илин, А.В. Роменков [98, с.159-170, 106, с.98-107, 44, 117, 120, 143] дар мавриди нақши интернет ва технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар сиёсат таваҷҷуҳи амиқ зоҳир кардаанд.

Муҳаққиқон ба воридшавии интернет ва технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар сиёсат нигоҳи оптимистона дошта, дар баробари ҷанбаҳои мусбати ин раванд, ҳамзамон паҳлуҳои манфии онро низ дар таҳқиқоти илмии худ дарҷ намудаанд.

Г.Л. Акопов нақши интернетро дар ташаккули демократияи электронӣ, ки меҳвари онро робитаҳои ба ҳам наздики ҳокимияти давлатӣ ва аҳолӣ ташкил медиҳад, асосӣ меҳисобад.

М.С. Вершинин нақши интернетро дар ҳаёти сиёсӣ баланд арзёбӣ мекунад: интернет аз тариқи фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои табодули иттилоот, таъсири шаҳрвандони одиро ба сиёсат афзоиш дода, аз тарафи дигар, таъсири соҳибони ВАО-ро суст мекунад. Яъне, чӣ қадаре ки имкониятҳо барои робитаи мустақим бо ҳукумат зиёд бошанд, ҳамон қадар онҳо ба сиёсат ҷалб мешаванд ва ҳар чи бештар ҷалб карда шаванд, онҳо ҳамон андоза сиёсӣ мешаванд.

Муаллифони пажуҳише зери унвони «Муносибатҳои байниҳамдигарии интернет ва сиёсат дар таҳқиқоти муосири ватанӣ» («Проблема взаимосвязииинтернета и политики в современных отечественных исследованиях) О.И. Зазнаев, Э.И. Авзалов чунин мешуморанд, ки имконоти иртиботии интернетӣ, ба мисли ҳама навгониҳои дигар дар сиёсат, метавонанд аз ҷониби фаъолони сиёсӣ бо роҳҳои гуногун истифода шаванд. Дар таҷрибаи сиёсии давлатҳои муосир мисолҳои зиёдеро ёфтан мумкин аст, ки чӣ гуна коммуникатсия тариқи интернет ба воситаи идоракунии шуури оммавии шаҳрвандон табдил меёбанд, ки барои поймол кардани устувории низомҳои сиёсӣ ва барангехтани кинаву адовати байни миллатҳо истифода мешаванд.

**Гурӯҳи чоруми** адабиёт дар самти омӯзиш ва таҳлили масоили гуногуни коммуникатсияи сиёсӣ марбут ба олимони ватанӣ мебошад. Онҳо дар пажуҳишҳои илмии худ нақши коммуникатсияи сиёсиро дар

низоми идоракунии ҷомеа ва равандҳои сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон додаанд. Дар ин радиф асарҳои Усмонзода Х.У., Зокиров Г.Н., Муҳаммад А.Н., Нуриддинов Р.Ш., Ятимов С.С., Хидирзода М.У., Шарипов С.И. [39; 40; 36; 37; 38; 51; 52; 53; 55; 56; 57; 92; 93; 82; 87] ва дигарон арзиши бузурги илмию назариявиро соҳиб мебошанд.

Ҳамзамон, дар диссертатсияҳои Маҳмадов П.А., Обидов О.С. ва дигарон системаи коммуникатсияи сиёсӣ, нақши иттилоот ва воситаҳои коммуникатсияи омма дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд.

Таҳлили номгӯйи асарҳо ва рисолаҳои илмии муҳаққиқони тоҷик нишон медиҳанд, ки коммуникатсияи сиёсӣ ҷузъи таркбии ҳаёти сиёсии кишвар буда, такмилу тавсеаи механизмҳои татбиқи самараноки он дар равандҳои муосири рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва таҳдидҳои иттилоотӣ барои Тоҷикистон беш аз пеш муҳим мегардад. Нақши асосиро дар ин раванд фарҳанги сиёсии элитаҳои сиёсӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва қишрҳои дигари иҷтимоии ҷомеа иҷро мекунанд.

Аз ҷумла, Усмонзода Х.У. хусусиятҳои коммуникатсияи иҷтимоиро дар раванди ташаккули институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар давраи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда, вижагии ин ҳамкориҳоро дар муқоиса бо ҷомеаҳои ғарбӣ мушаххас кардааст. Ӯ дар заминаи омӯзиши амиқи масъала ба хулосае меояд, ки: «Дар Тоҷикистон сохторҳо ва муассисаҳое, ки навъҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таҷассум мекунанд, бо афзалият додан ба ҳукумат ва бартарӣ тарзи муносибатҳои амудӣ нисбат ба уфуқӣ асос ёфтаанд. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистон самаранок истифода бурдани модели ғарбии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба таври механикӣ интиқол додани он ба воқеиятҳои тоҷикии ҳаёти ҷамъиятӣ ғайриимкон аст. Хусусияти ҷомеаи Тоҷикистон таҳияи модели худ – дар заминаи арзишҳо ва принсипҳои умумиҷаҳонии ҷомеаи

шаҳрвандӣ, вале бо назардошти таҷрибаи фарҳангии худро талаб мекунад» [40, с.48-53].

Новобаста аз ин, зимни омӯзиши маводи илмии муҳаққиқони ватанӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун бахши муҳимми илмҳои ҷомеашиносӣ баррасии васеи илмию назариявиро пайдо накардааст. Хусусан, нақши технологияҳои нави иттилоотӣ, интерент ва унсурҳои дигари коммуникатсия дар татбиқи коммуникатсияи сиёсӣ диди нави таҳқиқотиро тақозо мекунад. Аз ин лиҳоз, рисолаи илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда муҳим дар илмҳои сиёсатшиносии ватанӣ мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки аз як ҷониб, таҳлили муфассали тамоми вижагиҳои адабиёти истифодашуда аз имкон берун буда, аз ҷониби дигар дар рафти таълифи диссертатсия танҳо баъзе ҷанбаҳое истифода гардиданд, ки ба мавзуи таҳқиқоти мо наздиканд.

**Объекти таҳқиқот:** коммуникатсияи сиёсӣ ва таъсири он дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа мебошад.

**Мавзуи таҳқиқотро** восита, шакл ва хусусиятҳои таъсири коммуникатсияи сиёсӣ ба низоми идоракунии сиёсии ҷомеа ташкил медиҳанд.

**Мақсади таҳқиқот** аз асоснокнамоии назариявию методологии коммункатсияи сиёсӣ ҳамчун унсури муҳимми сиёсат, таҳлилу баррасии нақш ва хусусиятҳои таъсири он дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосир иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар алоқамандӣ ба мақсади илмию таҳқиқотии муайяншуда ҳаллу фасли як қатор вазифаҳои асосии зерин мувофиқи мақсад шуморида мешавад:

– таҳлили назариявӣ ва методологии падидаи коммуникатсияи сиёсӣ аз нуқтаи назари идоракунии сиёсии ҷомеа ва муносибатҳои иттилоотию коммуникатсионӣ;

– таҳлили тамоюли тағйирёбӣ ва нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосир, мушаххаснамоии асосҳои коммуникативии идоракунии сиёсӣ ва таъсири институтҳои ҳокимияти давлатӣ дар ташаккули сиёсати коммуникатсионии давлат;

– муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи манипулятсияи сиёсӣ, усулҳо ва шаклҳои амалишавии он дар раванди коммуникатсияи сиёсӣ;

– таҳқиқи хусусиятҳои ҳамбастагӣ миёни ҷомеа, воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва идоракунии сиёсӣ, арзёбии таъсири унсурҳои мазкур ба афкор ва шуури ҷамъиятӣ;

– бо дарназардошти шаклгирии ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ дар Тоҷикистон анҷом додани таҳлили системавии равандҳои сиёсии дохили кишвар ва дурнамои онҳо;

– мушаххас намудани таҷрибаи амалии истифодаи технологияи интернет–коммуникатсия дар ташаккулёбии шакли нави ҳамкориҳои байни субъектони ҳаёти сиёсӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Рисолаи мазкур дар таҷрибаи корҳои таҳқиқотии ватанӣ яке аз аввалин рисолаҳое мебошад, ки ба омӯзиш ва таҳлили ҳамаҳонибаи масъалаҳои назариявию амалии коммуникатсияи сиёсӣ, шаклҳо ва усулҳои амалишавии он дар ҷомеа, таъсири унсурҳои он ба раванди идоракунии сиёсӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти анҷомшуда ба инкишофи яке аз бахшҳои муҳимми илми сиёсатшиносии ватанӣ – «Коммуникативистикаи сиёсӣ» аҳамияти назаррас хоҳад расонид. Ба таври мухтасар натиҷаҳои илмии таҳқиқотро ба сифати навоварии илмӣ метавон чунин ифода намуд:

– дар шароити ватанӣ бори аввал ҷанбаҳои назариявӣ ва асосҳои методологии коммуникатсияи сиёсӣ мавриди таҳлил қарор дода шуданд;

– аҳаммияти коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун омили таъмини устувории системаи сиёсӣ ва меъёри шаффофияти фаъолияти институтҳои ҳокимияти давлатӣ асоснок ва дараҷаи таъсири он ба шаклгирии муносибатҳои субъектони ҳаёти сиёсӣ ба таври мушаххас баён карда шуданд;

– аҳаммият ва таъсири унсурҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ташаккул ва инкишофи асосҳои бунёдии системаҳои сиёсию иҷтимоии идоракунии давлат муайян карда шуданд;

– таҳаввули шаклию мазмунии коммуникатсияи сиёсӣ мавриди назар қарор дода шуда, тариқи методҳои муқоисавӣ аз усули яктарафаи пахши иттилоот то ба сатҳи мубодилаи гунгогунсамт ташаккул ёфтани падида ва аз лиҳози таъсирнокӣ арзиши комилан ҳатмӣ пайдо намудани коммуникатсияи сиёсӣ дар замони муосир натиҷагирӣ карда шуданд;

– нақш ва аҳаммияти рушди воситаҳои коммуникатсионӣ ҳамчун омили таъсиррасон ба тағйирёбии воқеияти ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ошкор карда шуда, ҷойгоҳи онҳо дар баланд бардоштани дараҷаи «кушода» ва «дастрас» будани иттилоот оид ба фаъолияти ниҳодҳои сиёсию иҷтимоӣ дар таҳия, қабул ва татбиқи қарорҳои сиёсӣ муайян карда шуданд;

– бо истифода аз методҳои гуногуни илмӣ шароитҳо, имкониятҳо ва маҳдудиятҳои истифодабарии воситаҳои коммуникатсияи оммавӣ ба сифати унсури сотсиализатсияи сиёсӣ дар замони муосир аниқ карда шуданд;

– дар заминаи таҳлили дараҷаи таваҷҷуҳ ва ниёзҳои иттилоотии истифодабарандагони интернет тамоюли тавлиди фарҳанги нави муошират миёни шаҳрвандони Тоҳикистон ошкор карда шуданд, ки бо арзишҳои гуногуни ҷамъиятӣ асос ёфтаанд;

– дар чаҳорчӯби таҳлили назариявии истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ моҳият ва аҳаммияти «ҳукумати

электронӣ» ҳамчун падидаи сифатан нав дар муносибатҳои байни шаҳрвандон ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ мушаххас карда шуда, нақши он дар шароити гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва равандҳои муосири умумиҷаҳонӣ ба таври муфассал инъикос карда шуданд.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Бо дарназардошти таҳлили консепсияи коммуникатсияи сиёсӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки он хосияти ноустуворро соҳиб буда, дар як вақт ҳам ба сифати унсури низоми сиёсӣ ва ҳам таркиби муҳимми равандҳои сиёсӣ амал мекунад. Дар натиҷаи шаклгирии институтҳои сиёсию иҷтимоӣ нақши он низ тағйир ёфта, аз воситаҳои техникии таъминкунандаи мубодилаи иттилооти иҷтимоию сиёсӣ, коммуникатсияи сиёсӣ ба раванди мустақили интиқолдиҳандаи иттилооти сиёсӣ табдил ёфта, алоқа ва робитаҳои иҷтимоиро тақвият мебахшад.

Воситаҳои ахбори омма ба манбаъҳои легитимияти ҳокимияти сиёсӣ табдил ёфта, равандҳои сиёсиро бо фазои иттилоотӣ омехта месозанд. Дар шароити болоравии муборизаҳои сиёсӣ аҳёнан муборизаҳо барои ҳокимият тавассути воситаҳои ахбори омма анҷом дода мешаванд. Ин омилҳо ба тағйирёбии вазифаҳои васоити ахбори омма оварда расонида, тамоюли манипулятсияро дар раванди иттилоотонӣ ва иҷтимоикунонии ҷомеа меафзоянд.

2. Коммуникатсионии сиёсӣ дар ташкили муносибатҳои сиёсӣ мақоми бунёдиро касб намуда, шаклҳо ва хусусиятҳои амалишавии он муҳтавои инсонӣ (гуманистӣ)–и муносибатҳои муосири иттилоотию коммуникатсиониро дар соҳаи сиёсат ва идоракукнии сиёсӣ муайян мекунад.

3. Аз як тараф, таҳти таъсири тамоюлҳои муосири идоракунӣ дар низоми давлатҳои пешрафта ва аз тарафи дигар, ниёзҳои воқеӣ сабаб мешаванд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ рӯ ба

модернизатсияи сиёсӣ орад. Албатта, дар ин марҳила на танҳо бавуҷудоии тағйироти нав дар низоми идоракунии сиёсӣ, балки маниторинги пайвастаи он хусусияти ҳатмӣ пайдо мекунад. Мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор додани коммуникатсияи сиёсӣ ва хусусиятҳои амалишавии он имкон медиҳанд, ки равандҳои сиёсию ҷамъиятӣ муайян карда шуда, ба масъала ва мушкилоти ҷойдошта ҷавоби саривақтӣ дода шавад. Ин тарзи муносибат легитимияти институтҳои ҳокимияти давлатиро таъмин намуда, дараҷаи устувории низоми сиёсиро тақвият мебахшад.

4. Технологияҳои муосири иттилоотӣ воситаи беҳтарини таъмини коммуникатсияи сиёсӣ ва дар умум таъмини идоракунии равандҳои сиёсӣ мебошанд, зеро имкониятҳоеро, ки онҳо соҳибанд, дар муқоиса аз воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ ба омилҳои вақту фазо маҳдуд намешаванд. Ҳамин ҷиҳат сабаб мешавад, ки ин воситаҳо неруи бештари таъсирраосниро ба шуури ҷамъиятӣ соҳиб шаванд.

5. Рушди босуръати дастрасӣ ба технологияҳои интернет имкониятҳои нави демократикунонии ҷомеа, худамалисозӣ ва иштироки васеи шаҳрвандонро дар равандҳои сиёсӣ фароҳам меорад. Интернет–коммуникатсияи сиёсӣ дар худ неруи бузурги васеънамоии доираи иштирокчиёни ҳаёти сиёсиро соҳиб буда, ба онҳо имкон медиҳад, ки дар раванди таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ бидуни харҷи зиёд ҳамчун иштирокчии фаъоли мубодилаи афкор аз худ дарак диҳанд.

**Асосҳои назариявию таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳо ва мақолаҳои муҳаққиқони илмҳои ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, дар диссертатсия адабиёти илмию оммавӣ ва маводи воситаҳои ахбори омма низ истифода бурда шудаанд. Барои асосноккунии таҳқиқот натиҷаи маълумоти оморӣ ва сотсиологӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ интишор шудааст, низ мавриди истифода қарор гирифтаанд. Асосҳои назариявии

диссертатсияро консепсияҳои «ҷомеаи иттилоотӣ», «постиндустриализм» ва «соҳаи ҷамъиятӣ», ташкил медиҳанд, ки саромадони онҳо Д. Белл, М. Кастелс, Ю. Хабермас ва дигарон мебошанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқот методҳои илмии таҳлили системавӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, таърихӣ, сохторию вазифавӣ ва ғайра истифода шудаанд. Таҳлили системавӣ имкон дод, ки таърифҳои гуногуни коммуникатсияи сиёсӣ ва унсурҳои таркибии ҷомеаи иттилоотӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, таъсири бевоситаи он ба низоми идоракунии сиёсӣ нишон дода шавад. Истифодаи методи муқоисавӣ барои омӯзиши тамоюли тағйирёбии нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа истифода гардидааст. Методи таърихӣ имкон дод, ки омилҳои пайдоиши шаклҳои анъанавии робитаҳои сиёсӣ ва омилҳои рушди воситаҳои коммуникатсионӣ омӯхта шавад. Методи сохторию вазифавӣ бошад, барои омӯзиши коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун воситаи пайванди ташкилотҳои сиёсӣ бо аҳолӣ истифода гардидааст.

Натиҷаҳои тадқиқот барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии сиёсӣ, рушди фазои коммуникатсияи сиёсӣ ва робитаҳои коммуникатсионӣ бо ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ судманд мебошанд. Таҳқиқот имкон медиҳад, ки тамоюли тағйирёбии фазои коммуникатсияи сиёсӣ муайян карда шуда, таъсири тағйирёбии он ба такмили низоми муносибатҳои байниҳамдигарии ҷомеа ва ҳокимият, модернизатсияи системаи идоракунии давлатӣ ва ташаккули имиҷи мусбати мақомоти давлатӣ заминагузорӣ кунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.**

Интихоби мавзуъ, таҳия ва таҳлили адабиёти ҷамъовардашуда барои диссертатсия натиҷаи фаъолияти чандинсолаи илмии муаллиф мебошад. Тамоми давраи татбиқи нақшаи корҳои таҳқиқотӣ бо иштироки бевосита ва пешниҳодҳои муаллиф сурат гирифтааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6D.КОА-079 – Сиёсатшиносӣ, 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии рисолаи илмӣ аз ҷониби муаллиф дар семинарҳо ва конфронсҳои илмию назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ маъруза гардидаанд. Рисолаи илмии мазкур дар ҷаласаи шуъбаи сиёсатшиносии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ муҳокима ва барои ҳимоя тавсия гардидааст. Мувофиқ ба самти мавзуи рисолаи мазкур муаллиф чор мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаш мақолаву фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конференсияҳо нашр намудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисолаи мазкур аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии рисола 188 саҳифа мебошад.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ АЛОҚАМАНДИИ КОММУНИКАТСИЯИ СИЁСӢ ВА ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ

## 1.1. Равишҳои назариявӣ ва методологии таҳлили баҳамалоқамандии коммуникатсияи сиёсӣ ва идоракунии сиёсии ҷомеа

Рушди босуръати нақши иттилоот ва воситаҳои он дар ҷамъият ба он оварда расонид, ки коммуникатсия ҳамчун шакли муносибатҳои мутақобилаи байни одамон, умумиятҳои иҷтимоӣ, тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро дар худ фаро гирад. Густариши ҷаҳонии технологӣ дар интиҳои асри XX коммуникатсияи ҷамъиятиро ба сатҳи сифатан нав оварда расонида, боиси пайдоиши фазои мустақили мутақобилае гардид, ки бо прнинсипҳои нави худ метавонад фаъолона ба равандҳои воқеии сиёсӣ таъсир расонад.

Пайдоиши алоқаи телефонию телеграфӣ, радио ва телевизион натанҳо эҳтиёҷоти коммуникатсионии давлатҳоро афзоиш доданд, балки инқилоби воқеиро дар сиёсат ба вуҷуд оварданд. Давлатҳо батадриҷ дарк намуданд, ки дар идораи равандҳои муосири ҷамъиятию сиёсӣ ва байналмилалӣ ба даст овардани муваффақияти комил бидуни таъмини усулҳои нави коммуникатсия ғайриимкон мебошад.

Ҳамин тавр, дар миёнаҳои асри XX омӯзиш ва таҳлили назарияи коммуникатсияи сиёсӣ дар чаҳорчӯби илми сиёсатшиносӣ маъмул гардид. Коммуникатсияи сиёсӣ аз ҷониби муҳаққиқон гоҳе дар фаҳмиши хеле васеъ ва гоҳо маҳдуд ифода ёфтааст. Дар фаҳмиши васеъ гоҳо он аз тарафи муҳаққиқон ҳамчун «забони сиёсат» [190, с.195-224] ва дар мавридҳои дигар тибқи арзёбии нисбатан маҳудуд «ҳамчун навъи хоси мубодилаи иттилоотию коммуникатсионии элитаи ҳукмрон ва омма» [190] тавзеҳ карда мешавад.

Ба андешаи муҳаққиқони дигари илмҳои сиёсӣ «коммуникатсияи сиёсӣ шакли амалисозии коммуникатсияи оммавӣ мебошад» [168].

Аз дидгоҳи коммуникатсия арзёбӣ намудани моҳияти фаъолияти ҳокимият дар осори файласуфони мактаби Франкфурт, марксистони нав, пасосохторгароён, либеролҳои нав саҳми зиёд гузоштаанд. Дар афкори онон ҳокимият ҳамчун натиҷаи гуфтугӯ ва муносибатҳои мусбат ва шакли «неруи нарм» [191] дар муносибатҳои байниҳамдигарии ҷомеа ва давлат тасвир ёфтааст.

Ҳамин тавр, дар заминаи тавсифҳо ва тафсирҳои болозикр коммуникатсияи сиёсӣ тадриҷан ба сифати як соҳаи илм дар бораи шакл, усул ва воситаи мубодилаи иттилоот ва муошират дар сиёсат эътирофи дастаҷамъӣ пайдо намуд.

Ҳамон гунае ки Барматова С.П. қайд мекунад: «Маҳз фаҳмиши коммуникативии моҳияти ҳокимият ва идоракунӣ имкон фароҳам меорад, ки хусусият, моҳият, воқеият ва ҷанбаҳои мусбату манфии равандҳои муосир ба таври комил дарк карда шуда, роҳҳои муассири ҳамгироии байни субъектони ҳаёти сиёсӣ, аз ҷумла миёни ҳокимияти сиёсӣ ва қишрҳои мухталифи ҷомеа пайдо ва татбиқ гарданд» [144, с.41-45].

Коммуникатсия фақат моҳият ва мазмуни сиёсӣ надошта, дар соҳаҳо ва илмҳои гуногун, аз ҷумла фалсафа, иқтисод, равоншиносӣ, сотсиология ва ғайра он дар шаклҳо ва маъноҳои ба худ хос ифода меёбад. Дар илмҳои болозикр аҳаммият ва зарурати он низ барои ҷомеа ба ҳар навъ ифода карда мешавад. Аммо пеш аз он ки дар бораи навъи фишурдаи коммуникатсия – коммуникатсияи сиёсӣ таҳлил анҷом дода шавад, муҳим ба назар мерасад, ки чӣ гуна моҳияти сиёсӣ гирифтани он мушаххас карда шавад. Тавре ки дар боло қайд гардид, дар ҳар соҳа фаҳмиши хоси ин падида ҷой дорад ва бинобар ин дар сурати дуруст мушаххас нагардидани сарҳади тафовути байни «коммуникатсияи сиёсӣ»

аз навъҳои дигари коммуникатсия, моҳияти сиёсии масъала метавонад норавшан боқӣ монда, як навъ омехтакунӣ дар фаҳмиши масъала ба миён ояд.

Коммуникатсияи сиёсӣ аз калимаи лотинии «communication» – иртибот, алоқа ё хабар додан гирифта шуда, раванди хоси эҷод ва интиқоли иттилоот ва маҷмуи усулҳои мубодилаи он миёни иштирокчиёни субъектони ҳаёти сиёсӣ ва ҷомеа буда, ҳадафаш ба даст овардани натиҷаи муайяни сиёсӣ аз тариқи таъсир расонидан ба шуур, афкор, эътиқод ва рафтори шахс мебошад.

Дар баъзе ҳолатҳо истилоҳи коммуникатсия бо истилоҳи муошират шабеҳ дониста мешавад ва ин ҷиҳат дар тарзи баёни воситаҳои ахбори омма бештар мавриди корбурд қарор мегирад, ки чандон дуруст нест. Муошират нисбат ба коммуникатсия мазмуни васеъро соҳиб мебошад ва коммуникатсия ҳамчун ҷузъи муошират маҳсуб меёбад. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» муошират – яъне зистан бо ҳам; муносибат бо ҳам фаҳмида мешавад ва тарки муошират кардан, ногап шудан ба касе; рӯй гардондан аз касе маънидод меградад. Дар ҷойи дигар муошират ҳамчун синоними гуфтугӯ(й), гуфтугузор, гуфтушунид, муколама, мусоҳиба, суҳбат ифода мегардад [80, с.840].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки «муошират ифодагари маҷмӯйи гуфтор ва рафтори инсонҳо дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Ба маънои дигар, муошират гуфта, меъёрҳои хубӣ ва маҷмӯи ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дар назар дошта мешавад» [144, с.41-45]. Ба он чун анъана рафтори нек, гуфтори нек, пиндори нек ва дигар ҷанбаъҳои мусбати рафтори шахс шомил мебошанд.

Дар тафовут аз муошират, меъёри «коммуникатсияи хуб» ин вуҷуд доштани шароит, имконият ва воситаи самараноки иртиботи байни субъектони ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ дар назар дошта мешавад. Бо вуҷуди ин, тафовути мазкур ифодаи аз ҳам куллан мутафовит будани меъёрҳо

миёни коммуникатсия ва муошират нест. Яъне коммуникатсия фақат аз ҷанбаҳо ва ё омили техникӣ иборат набуда, дар он омили тарзи рафтор ва муносибат  нақши муайянкунанда дорад.

Тибқи хитобаи Ф. Ратсел дар фаҳми имрӯзааш ворид шудани истилоҳи «коммуникатсия» ба нимаи аввали асри XX рост меояд, ки гуфта буд: «Интиқоли иттилоот дар муносибатҳои сиёсӣ яке аз муҳимтарин хадамоти коммуниктсионӣ ба ҳисоб меравад» [70, с.57].

Зикр намудан ба маврид аст, ки то миёнаҳои садаи XX ҳамчун соҳаи идоракунии давлатӣ маънидод намудани сиёсат бештар маъмул гардида буд. Табиист, ки дар заминаи чунин фаҳмиш аксар вақт ҳамон тамоюл, рӯйдод, ҳодиса, амалҳо ва муносибатҳое ба сиёсат нисбат дода мешуд, ки бевосита ба фаъолияти давлат, идораи давлат ва зерсистемаҳои давлатӣ алоқаманд буданд. Чунин равиши илмӣ дорои як қатор норасоиҳо буд.

Аввалан, ҳамчун соҳаи сирф идоракунии давлатӣ маънидод намудани сиёсат ба субъектони иҷтимоие, ки берун аз сохторҳои ҳукуматӣ фаъолият намуда, айни замон дар он таъсири назаррас доштанд, нақши дуюмдараҷа медод. Дуюм, ин равиш ифодаи маҳдуди сиёсат буда, хусусияти ҷанбаҳои оммавии сиёсат дар таъмини муошарати оммавӣ омили асосӣ маҳсуб меёфтанд, сарфи назар мекард. Ҳамин тариқ, баррасии сиёсат «ҳамчун соҳаи ҳокимият» фақат раванди муносибатҳои байни субъектони сиёсатро фаро мегирад, ки талабот ва манфиатҳои худро бо ёрии ҳокимият ба амал мебароранд.  Чунин фаҳмиши «сиёсат» низ гуногунрангии сиёсатро пурра инъикос намекард ва беш аз ҳама яке аз соҳаҳои муҳимми сиёсат – фарҳанги сиёсиро сарфи назар менамуд.

Зимнан як қатор муҳаққиқон равиши илмиеро пайгирӣ намуданд, ки он дар тафсири падидаи сиёсат аз ҳар ҷиҳат самаранок ва воқеӣ ба шумор мерафт. Мувофиқи равиши мазкур сиёсат чунин навъи падидае мебошад, ки ба таври бевосита ё бавосита ба раванди сиёсӣ, фарҳанги сиёсӣ ва шуури сиёсӣ таъсир мерасонад. Ҷонибдорони чунин ақида

асосан муҳақиқони аврупоӣ К. Дойч, Ж.М. Коттрэ, Л. Пай, Р. Перлофф, Р.Ж. Шварсенберг ва муҳаққиқони рус, аз ҷумла С.В. Володенков, М.Н. Грачев, А.С. Мадатов, О.Ф. Шабров мебошанд. Чунин тарзи ифодаи сиёсат дар мушаххаснамоии унсурҳои дигари он роҳи навро боз намуд, ки яке аз онҳо коммуникатсияи сиёсӣ мебошад. Бинобар ин, муҳаққиқон ба хулосае омаданд, ки коммуникатсия низ дар сурате хусусияти сиёсӣ пайдо мекунад, ки ба соҳаҳои муносибатҳои ҳукмронию идоракунӣ ва масъалаҳои ҳокимият вобастагӣ дошта, бевосита ё бавосита ба сиёсат таъсир расонад. Хислати пӯшида ва ё кушода доштани коммуникатсия ба омили муайянкунандаи сатҳи рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мубаддал шуд. Субъектони ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ва муҳаққиқони илмҳои ҷамъиятӣ оҳиста–оҳиста ба хулосае расиданд, ки ҳар қадаре ки табодули иттилоот ва коммуникатсия хусусияти кушода дошта бошад, ҳамон қадар имконоти фаъолияти дастаҷамъона дар ҷомеа самараи хуб хоҳанд дод.

М.Н. Грачев бар он назар аст, ки «истилоҳи «коммуникатсияи сиёсӣ» баъд аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба гардиши васеи илмӣ ворид шуд ва ин ба пайдоиши соҳаи мустақили илми ҷомеашиносӣ коммуникативистикаи сиёсӣ сабаб гардид. Дар нимаи дуюми асри XX ин раванд ба демократикунонии ҳаёти сиёсӣ, рушди назарияи кибернетика, нақши нави комуникатсия ва технология дар сиёсат оварда расонид» [111, с.34-35].

Таркибҳо ва унсурҳои алоҳидаи марбут ба коммуникатсия бошанд, хеле пеш ба вуҷуд омада, мавриди истифодаи инсонҳо қарор гирифтаанд. Дар робита ба ин С.П. Барматова чунин қайд мекунад: «Агар коммуникатсияро ба мазмуни нисбатан оммафаҳм шарҳ диҳем, пас он ҳамчун тарзи интиқоли иттилоот аз шахс ба шахс тавассути нутқ, имову ишора, тасвирҳо ва дигар шаклҳои рамзӣ баробари ҷомеа пайдо ва рушд карда, ба сифати воситаи таъсиррасонии сиёсӣ ҳанӯз дар аҳди қадим истифода мешуд» [144, с.41-45].

Ҳанӯз дар давраҳои қадим шахсоне, ки миёни ҷамъияти муайян мақоми сарвариро ба худ мегирифтанд, ба монанди сардорони қабилаҳо, пешвоёни динию ақидатӣ ва пасон дар аҳди давлатдориҳо – фиръавнҳо, шоҳон, амирон, халифаҳо ва ғайра дарк менамуданд, ки муваффақияти сиёсию бурди идории онҳо аз ҳар ҷиҳат ба доштан ва истифода карда тавонистани санъати таъсирасонӣ ба афкору ҷаҳонбинии сиёсию иҷтимоии зердастон ва шаҳрвандон вобастагии калон дорад. Бинобар ин, сарварони ҷамъиятию сиёсӣ дар тамоми давраҳо ба истифодаи мақсадноки коммуникатсияи сиёсӣ баҳри сафарбарии омма таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамуданд.

Ҷиҳати дар афкор ва шуури шаҳрвандон  ва оммаи мардум ташаккул додан ва ҷой намудани афкори аз лиҳози сиёсию давлатдорӣ зарур, хабарҳо ҳам дар шакли шифоҳӣ ва ҳам ғайришифоҳӣ паҳн карда мешуд, иншооти азими меъморӣ бунёд мегардид ва ғайра.  Масалан, «бунёди Аҳромҳо, манораҳои бузург, қасру кушкҳо на танҳо рамзи зебоӣ ва унсури шаҳрсозӣ буданд, нишонаи қудрати сиёсат ва тантанаи шукӯҳу шаҳомати давлатдорӣ ва ифодаи бузургии шоҳаншоҳон ба ҳисоб мерафт» [43]. Бо ин васила дастгоҳи давлатдорӣ миёни мардум муқаддас шинохтан, нигоҳи арзишмеҳварона доштан ва эҳтироми бузург қоил шудани нисбат ба сиёсат ва сарварони ҳамон замонро миёни омма тарғибу ташвиқ менамуданд.

Зикри ин нукта низ муҳим аст, ки «баҳри таъсир расонидан ба эҳсосоти одамон дар аксари мавридҳо усули мафкуравии «шустани мағз» низ мавриди истифода қарор дода мешуд, ки асосан хоси давраҳои буҳронӣ, ҷангҳо ва моҷароҳои дохилӣ буд. Ҳамзамон, ба сифати унсури муҳимми ба роҳ мондани коммуникатсия шеваҳои «нарм»-и таъсиррасонии иттилоотии шабеҳи замони муосир низ ба монанди тарғиботу ташвиқот, алоқа бо ҷомеа ва рекламаҳо низ истифода бурда мешуданд. Дар баробари шеваҳои дар боло зикршуда, бо мақсади

идораи гуруҳи иттилоот (хабару овозаҳо) чун анъана, истифодаи шаклҳои гуногуни сензура аз ҷониби институтҳои расмии давлатӣ то «фишори ғайрирасмӣ аз поён, яъне тариқи ташаккул додани афкори ҷамъиятии ҷавобгӯ ба талаботи замон» низ маъмул буд» [28].

Табиист, ки дар низоми давлатдории гузашта воситаҳои муосири комммуникатсия вуҷуд надошт ва ин нақшро, асосан, қосидон, сафирон, элчиён ва дигарон иҷро мекарданд. Ба сифати манбаи иттилоъ амру фармонҳои подшоҳ, амир, мактуби ноибон ва ғайра иҷро мекарданд. Баробари рушди ҷомеаи инсонӣ ва пешрафти илму техника унсурҳои коммуникатсия такмил ёфта, аҳаммият ва зарурати истифодаи онҳо дар татбиқи сиёсати босамар бештар гардид.

Ба ҳайси васоити ахбори омма дар баъзе аз кишварҳо баҳри даъват намудани одамон ба маҷлисҳои ҷамоа ва ҳалли масъалаҳои рузмарра аз хизмати зангулаҳо истифода мекарданд. Ин ҳолат баҳри ҳалли масъалаҳои сиёсӣ бештар ба назар мерасид. Ба сифати воситаҳои ахбори омма аз хизмати ҳайвоноти гуногуни савориву боркаш, намудҳои гуногуни нақлиёт ва ғайра истифода мекарданд.

Муҳаққик Савелев А.И. доир ба тафовути дар гузашта ва замони ҳозир чунин ибрози андеша намудааст: «Айни замон ба маъмултарин воситаҳои коммуникатсияи оммавӣ, пеш аз ҳама, алоқа бо ҷомеа, матбуот, радио, телевизион, Интернет, реклама, телефон, телеграф, филм, театр, ҳамзамон намоишҳо, маъракаҳои интихоботӣ ва дигар суханрониҳои сиёсию оммавӣ дохил мешаванд. Ҳар яке аз ин унсурҳои коммуникатсия аз рӯи моҳият дар таъмини коммуникатсия ва таъсир ба шуури омма нақши муайяни худро иҷро мекунанд» [144, с.41-45].

Муҳақиққон номгӯйи зиёди шаклҳои коммуникатсияи сиёсиро коркард намудаанд, ки дар ин миён ҷудо намудани коммуникатсия ба навъҳои зер аҳаммияти илмиро соҳиб мебошад:

– коммуникатсияи шифоҳи ва ғайришифоҳӣ: бо истифодаи забон ва

бидуни забон (тавассути имову ишора) амалӣ мешавад;

– расмӣ ва ғайрирасмӣ: истифодаи манбаъҳои расмӣ ва ғайрирасмии иттилоот ва алоқаҳо;

– амудӣ ва уфуқӣ: алоқаи байни сохторҳои сиёсии болоӣ ва поёнӣ ва робитаҳо дар сатҳи худи ҳокимият;

– гурӯҳию оммавӣ: бо фарогирии доираи васеи мардум.

Муҳаққиқ А. Комилбеков дар пажуҳиши худ дар робита ба идоракунии сиёсӣ дар замони муосир чунин қайд мекунад: «Тавре воқеиятҳои ҳаёти сиёсӣ нишон медиҳад, раванди идоракунии сиёсӣ ба таври қобили мулоҳиза ба хусусиятҳои асосии фаъолияти ҷомеа, вазъи сиёсию бехатарӣ ва дастоварду муваффақияти он таъсири худро мерасонад» [43]. Ҷомеа пайваста дар ҳоли таҳаввул ва ташаккул қарор дошта, онро равандҳо ва вазъиятҳои гуногуни сиёсӣ ҳамроҳӣ мекунанд Бинобар ин, қабули қарорҳои идоракунӣ ва дар ин замина татбиқи фаъолияти босамари идораи соҳаҳои мухталифи ҷамъиятӣ ба яке аз вазифаҳои асосӣ табдил меёбанд. Аз ин рӯ, истифодаи шеваҳои мухталифи коммуникатсияи сиёсӣ дар идоракунии сиёсӣ ба таври мустақим аҳаммияти зиёд пайдо менамояд. Зеро идоракунӣ ба қобилияти сафарбарнамоии оммавӣ алоқамандии ногустастанӣ дорад ва сафарбарномои оммавӣ бошад, бидуни танзими рафтори иҷтимоии инсонҳо, ки аз тариқи коммуникатсияи амалӣ мешавад, ғайриимкон мебошад.

Миёни идоракунӣ ва сиёсат робитаи ногусастание ҷой дорад, ки дар амалияи ҷамъиятӣ ҷудо намудани сарҳад байни онҳо комилан ғайриимкон мебошад. Сиёсатгузориҳои давлатӣ аз бисёр ҷиҳат дар асоси муҳтаво, хусусиятҳо, тарҳ ва усули идоракунӣ муайян карда мешавад. Идоракунии сиёсӣ яке аз падиаҳои муҳимми ҳаётии дилхоҳ системаи ҷамъиятӣ ба шумор рафта, ҳар гуна дигаргуниҳои дар он бавуҷудоянда

таъсири мустақими худро ба тамоми ҷанбаъҳои рушди ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ мерасонад.

Дар бораи падидаи идоракунии сиёсӣ сухан ронда, унсури асосии он, яъне объекти идоракунии сиёсиро сарфи назар намудан ғайриимкон мебошад. Маҳз дар заминаи мушаххаснамоии объекти идоракунии сиёсӣ алоқамандии он бо коммуникатсияи сиёсӣ возеҳ мегардад.

Яке аз шаклҳои асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки объекти онро шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва сохторҳои иҷтимоиву сиёсии дорои ақидаҳо ва хусусияти мушаххаси рафтор ташкил медиҳад, идоракунии сиёсӣ мебошад. Рафтор ва фаъолияти объектони идоракунии сиёсӣ, ки дар ҷомеа зоҳир мегарданд, муайянкунандаи муносибатҳои коммуникатсионӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар робита ба ин, Володенков чунин андеша дорад, ки «барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, субъекти идоракунии сиёсиро дар аксар ҳолатҳо зарур аст, ки маҷмуи унсурҳоеро, ки ба сифати объект баромад мекунанд, аз ҷумла арзишҳои сиёсӣ, маънавӣ, эътиқод ва тасаввуроти одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, қувваҳои сиёсӣ ва ғайраро идора намуда, роҳҳо ва усулҳои таҳияи тарҳи самараноки рафторро мавриди коркард қарор диҳад» [107, с.95]. Аз ин лиҳоз, дар чаҳорчӯби раванди идоракунии сиёсӣ истифодаи технологияи боваркунонӣ, ки дар шаклгирии воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ таъсири назаррас доранд, ба унусри асосӣ ва зарурӣ табдил меёбанд, ки дар ин раванд ба сифати технологияи боваркунонӣ воситаҳои мухталифи таъсири коммуникатсионӣ, аниқтараш коммуникатсияи сиёсӣ воситаи асосӣ шуморида мешаванд.

Ҳамон гунае, К.И. Ховланд дар асари худ – «Коммуникатсия ва эътимод» зикр менамояд, «муносибатҳои коммуникатсионӣ дар ташаккулёбии афкор ва ақидаи объекти идоракунӣ нақши ягона дошта, ҳамчун воситаҳои муҳимтарини бадастории мақсадҳои гузошташудаи субъекти идоракунии сиёсӣ баромад мекунанд» [177, с.315].

Истифодаи унсурҳои коммуникатсия дар раванди идоракунии сиёсӣ хислати дугонаро ба худ пайдо мекунад. «Аз як тараф, таъсири унсурҳои коммуникатсия ба объекти идоракунӣ имкон медиҳад, ки вазифа ва мақсадҳои пешбинишуда ба даст оянд, аммо аз ҷониби дигар, дар даст доштани фишангҳои таъсири коммуникатсионӣ ба субъектҳо имкон фароҳам меорад, то мақсадҳои гузошташуда аз берун идора карда шаванд» [43]. Яъне дар мисоли дуюм иштирокчиёни раванди коммуникатсионӣ имкон пайдо мекунанд, ки тавассути таъсиррасонӣ ба субъекти идоракунии сиёсӣ равандҳои идоракуниро ба таври худ мушаххас ва муайян намоянд. Ҳолати мазкур дар раванди баргузори интихоботҳо бештар аён мегардад. Масалан, ҳолатҳое ба назар расиданашон мумкин аст, ки намояндагони воситаҳои ахбори омма тавассути эродҳо, танқидҳо ва таҳлили фаъолияти номзад ба интихобот, ӯро барои гирифтани тасмимҳои нав ба нав ва тағйир додани мавқеи худ нисбат ба масъалаҳои алоҳидаи идоракунӣ водор созанд. Яъне меҳвари чунин равандҳои мутақобила миёни коммуникатсия ва идоракунии сиёсиро масъалаи «Кӣ чӣ гуна таъсир мерасонад?» ташкил медиҳад.

Ҳамин тавр, алоқамандии бевосита ва наздики байни коммуникатсияи сиёсӣ ва раванди идоракунии сиёсӣ ин ду падидаро ба ҷузъи ҷудонопазири сиёсат табдил дода, ба ташаккул ва инкишофи назария ва консепсияҳои мухталиф замина фароҳам овардаанд.

Дар ин самт нақши асосгузори кибернетика Н. Винер, ки соҳаи мазкурро ҳамчун «илм дар бораи идоракунӣ ва коммуникатсия» муаррифӣ кардааст, хеле барҷаста ба назар мерасад. Ӯ яке аз аввалинҳо шуда, нақши меҳварии коммуникатсияро дар низоми ҳокимият ва ҷомеа дарк намуда буд. Маҳз дар заминаи таҳқиқоти илмии ӯ коммуникатсия аз мафҳуми муҷаррад ба истилоҳи серистеъмоли забони ҳарбиён, техникҳо ва кормандони алоқа мубаддал шуд [186, с.14].

Вобаста ба масъалаи мазкур Виннер чунин андеша дорад: «Тамоми ҳодисаҳои муҳити атроф аз нуқтаи назари табодули иттилоотӣ шарҳи худро пайдо мекунанд. Барои дарк намудани равобити коммуникатсия бо масъалаҳои сиёсию иҷтимоии асари кибернетикии ӯ – «Истифодабарии инсонии мавҷудоти инсонӣ» аҳаммияти муҳимро соҳиб аст. Ӯ дар асари мазкур коммуникатсияро ҳамчун арзиши асосии бавуҷудоварандаи ҷомеаи иттилоотӣ баҳо дода, қайд мекунад, ки «зиндагии натиҷабахш аз доштани иттилооти дуруст» вобастагӣ дорад» [185, с.14].

Тибқи таҳқиқоти асари номбурда Винер ба хулосае меояд, ки «дар ҷомеаи иттилоотӣ, «инсони комуникатсионӣ» (англ. homo communicans) чандон дунболи эҳсосоти дохилии худ набуда, асосан ба воқеаҳои беруна такя мекунад. Дар ин ҳолат ӯ аз ҳисоби таҳлили иттилооте зиндагӣ мекунад, ки аз берун ворид шуда, аҳаммияти ҳаётан муҳимро доро мебошанд. Бинобар ин, воситаҳои коммуникатсионӣ дастгоҳи асосие мебошанд, ки инсон ба воситаи он ба тағйироти дар муҳити олам бавуқуъоянда ҷавоб мегардонад» [185, с.15].

Таъсири бавоситаи иттилоот бошад, асосан барои сохтани чунин як «тарҳи идеалӣ», «симо» ва воқеиятҳову мифҳое истифода мешавад, ки ба шуури сиёсӣ, рафтори элитаҳои сиёсӣ ва ҷамъият таъсир мерасонанд.

Ба сифати эҷодкунандагон ва фиристонандаҳои хабар метавонанд сиёсатмадорон, журналистон, намояндагони гурӯҳҳои иҷтимоии ҷомеа ва ё шахсони алоҳидае низ баромад кунанд, ки фаъолияти онҳо ба ягон ташкилот алоқаманд нест. Ё ин ки мансуб будани онҳо ба гурӯҳҳои иҷтимоии муайян ва ё институтҳо аҳамияти муайянкунанда надорад. Субъектони болозикр метавонанд дар як маврид истеъмолкунандагон ва ё гирандагони хабар низ бошанд. Аммо моҳияти усулии масъала дар он зоҳир мешавад, ки хабари мазкур самараи сиёсии назаррас ба бор оварда, ба шуур, эътиқод ва рафтори гурӯҳҳо, институтҳо ва тамоми ҷамъият, ҳамзамон ба шароити ҳаётии онҳо таъсир мерасонад.

Дар мавриди худ К. Дойч коммуникатсияи сиёсиро «системаи асаби идоракунии давлатӣ» маънидод мекунад. Инчунин, Дойч қайд менамояд, ки «табодул ва эҷоди иттилоот дар доираи системаи сиёсӣ ба таъмини идоракунии сиёси замина фароҳам оварда, ҳангоми қабул намудани қарорҳои сиёсӣ зарур мебошанд. Айни замон, ифодакунандаи масъалаҳои марбут ба идоракунии сиёсӣ худи падидаи сиёсат мебошад. Ин аст, ки роҳбарони кишварҳо маҳз дар асоси иттилооти сиёсии дар дастдошта раванди роҳбарӣ, идора ва назоратро амалӣ мекунанд Тибқи ақидаи Дойч фаъолияти системаҳои сиёсӣ аз сифат ва гардиши иттилооти сиёсӣ вобастагӣ дорад. Тавре ки ӯ зикр менамояд, ҳукумат ҳамчун субъекти идоракунии давлатӣ системаи сиёсиро тариқи идораи ҷараёнҳои иттилоотӣ ва муносибатҳои коммуникатсионии дар берун ва дохили система бавуқуъоянда ба танзим медарорад» [34, с.67].

Бояд зикр намуд, ки дар андешаҳои боло бештар арзиши иттилоот дар сиёсат ва идоракунӣ хусусияти мутлақро пайдо мекунанд ва яке аз муваффақиятҳои идоракунӣ–идоракунии иттилоот ва элитаҳои сиёсӣ – эҷоди иттилоот ба назар мерасанд. Чунин мавқеъ дар шароити муосир низ аҳаммияти худро гум накардааст, балки рушд мекунад. Дар равандҳои муосир, ки ҳаёту фаъолияти инсонҳо зери таъсири ҷомеаи иттилоотӣ хусусияти коммуникатсионӣ ва иттилоотӣ касб мекунад, баҳогузории унсурҳои иттилоотӣ нисбатан мақоми баландтарро касб мекунанд

Яке аз асосгузорони назарияи коммуникатсияи Канада – Маршалл Маклюэн (соли 1911–1980) муҳити ҷаҳонии иттилоотиро мавриди омӯзиш қарор дода, онро асри электронӣ унвон мекунад. Ӯ низ ҷаҳони муосирро, ки воситаҳои иттилоотию электронӣ дар он афзалият пайдо мекунанд, ба системаи асабҳои маркази инсон шабоҳат медиҳад. Зикр мекунад, ки бо шарофати чунин шакл гирифтани ҷаҳони муосир аҳолии

сайёра имкон пайдо намудааст, ки ба падидаҳои ҷаҳон чун воҳиди том ҷавоб гӯяд [46, с.178].

Ж.М. Коттрэ дар ин маврид чунин назар дорад: «Нақши коммуникатсия дар ҳаёти сиёсии ҷомеа шабеҳи гардиши хун барои организми инсон аст. Ӯ коммуникатсияро «сарчашмаи неруи ҳаётӣ» ё «шири модар»–и сиёсат номидааст. Дар асоси омӯзиши ақидаҳои гуногуни соҳа ба хулосае омадан мумкин аст, ки коммуникатсияи сиёсӣ ҷавҳари зарурие буда, бахшҳои гуногуни ҷомеаро ба ҳам пайванд менамояд ва имкон медиҳад, ки онҳо дар якҷоягӣ ҳамчун воҳиди том фаъолият кунанд» [180, с.312].

Андешаҳои сиёсатшиносони амрикоӣ Г. Алмонд ва Ҷ. Коулман перомуни нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар идоракунии сиёсии муосир ҷолиб мебошад. Онҳо коммуникатсияи сиёсиро вазифаи ҷудонашавандаи системаи сиёсӣ шуморида, ба чунин хулоса меоянд, ки вазифаҳои системаи сиёсӣ ба тарви мутлақ тавассути коммуникатсияи сиёсӣ анҷом дода мешавад [189, с.591].

Яке аз муҳаққиқони барҷаста Ҳ.Ю. Хабермас дар заминаи таҳқиқоти илмии худ ба чунин хулоса меояд, ки сиёсат дар низоми амалҳои коммуникатсионӣ инъикоси худро меёбад. Хабермас ҳокимиятро ба ду намуди асосӣ ҷудо мекунад: «1) ҳокимияте, ки дар раванди равобити сиёсӣ дар дохили ҷомеа эҷод шудааст ва аз ҳама гуна намуди таҳқир ва зӯроварӣ озод аст; 2) ҳокимияти маъмурӣ, ки дар доираи он коммуникатсияи сиёсӣ ба вуқуъ меояд ва он баҳри таъмини қонуният равона шудааст» [81, с.66]. Ба андешаи ӯ истифодаи амиқи ҳокимияти маъмурӣ дер ё зуд ба бӯҳрони қонунияти он оварда мерасонад.

Дар асоси равиши илмии болозикр Хабермас ба он ишора кардан мехоҳад, ки коммуникатсяи сиёсӣ яке аз унсурҳои асосии самаранокӣ ва устувории демократия мебошад [169, с.143]. Бахусус, нақши

коммуникатсияро ӯ дар ташаккул ва рушди демократияи муосири ғарбӣ амиқ арзёбӣ мекунад. Ба андешаи ӯ, коммуникатсияи сиёсӣ дар рушди арзишҳои демократӣ ва демократияи асил бошад, дар инкишофи унсурҳои муосири коммуникатсияи сиёсӣ нақши асосиро иҷро мекунанд.

Намояндаи мактаби коммуникативистикаи Торонто Г. А. Иннисе низ оид ба аҳаммият ва нақши коммуникатсия дар низоми муосири идоракунии давлатию сиёсӣ таҳқиқоти зиёди илмӣ анҷом додаст. «Империя ва коммуникатсия» (Empire and Communication) ва «Майлҳои коммуникатсия» (The Bias of Communication) бузургтарин асарҳои ӯро ташкил медиҳанд, ки ба омӯзиши чанбаҳои мухталифи коммуникатсия ва нақши он дар идоракунии сиёсӣ равона гардидааст.

Х. А. Иннисе қайд мекунад, ки «дар ҷомеа воситаҳои коммуникатсионие вуҷуд доранд, ки дар муайяннамоии шакли сохтори иҷтимоӣ саҳм гузошта, ба он таъсири муайяни иҷтимоию сиёсӣ мерасонанд» [43]. Дар айни замон, шахсе, ки ҳокимиятро дар даст дорад, воситаҳои ахбори оммаро низ назорат мекунад. Аз ин хотир метавон оид ба сиёсати давлатӣ аз рӯйи тарз ва хусусияти фаъолияти воситаҳои ахбори омма хулосабарорӣ кард.

Нақши раванди коммуникатсияро Дэвид Свансон дар идоракунии сиёсӣ мавриди омӯзиш қарор дода, «истилоҳи «системаи сиёсӣ-медиавӣ»-ро ба кор мебарад, ки он муносибатҳои доимо тағйирёбандаи байни институтҳои ВАО ва муассисаҳои давлатию сиёсиро дар муносибат бо ҷомеа ифода мекунад [171, с.1264-1282].

Роҳбарони сиёсӣ, васоити ахбори омма ва шаҳрвандон вобаста ба он нақше, ки дар системаи сиёсӣ иҷро мекунанд, хабарҳо (паёмҳо)-ро ба таври мухталиф қабул ва ҳазм мекунанд. Масалан, нисбат ба масъалаҳо ва равандҳои муайяни ҷамъиятӣ нигоҳ ва мавқеи сиёсатмадорон, намояндагони воситаҳои ахбори омма ва шаҳрвандон метавонад куллан аз ҳамдигар фарқ кунад ва ё то ҷое муқобили якдигар бошад.

Аз ин нуқтаи назар, вобаста ба коммуникатсияи сиёсӣ як мушкилии печида ба вуҷуд меояд: то кадом дараҷа роҳбарони сиёсӣ метавонанд ба идроки матбуот ва шаҳрвандон оид ба воқеаҳои ҷараёндоштаи ҷамъиятӣ таъсир расонанд?; то куҷо роҳбарони сиёсӣ қудрат доранд, ки нигоҳи омма ва матбуотро оид ба дилхоҳ масоили ҳаёти ҷамъиятӣ ба хулосаву нигоҳи худ монанд гардонанд?

Ҳамин тариқ, раванди бавуҷудоии коммуникатсияи сиёсӣ ҳангоме ба назар мерасад, ки сарварони сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма ва шаҳрвандон вобаста ба масъалаҳои марбут ба элитаҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар муколама қарор мегиранд.

Яке аз тарафдорони назарияи воситаҳои ахбори омма Р. Дейберет зикр менамояд, ки дилхоҳ тағйироти вобаста ба коммуникатсияи сиёсӣ ба низоми фаъолияти ҳокимият бетаъсир нест. Аз ин рӯ, дар чаҳорчӯби идоракунии сиёсӣ ба даст овардани мақсадҳои ниҳоӣ аз тағйирёбии шакли коммуникатсия вобастагии амиқ дорад [172, с.108].

Хулоса доир ба аҳаммият ва нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа муҳаққиқон андешаҳои зиёдеро баён намудаанд, ки  аз диди ҳар яке аз ин равишҳо коммуникатсия ҳамчун унсури ҷудонашавандаи идоракуниии сиёсӣ дониста мешавад.

Мувофиқи назари иддае аз муҳаққиқон коммуникатсияи сиёсӣ дар идоракунии сиёсӣ нақши муайянкунанда ва аз нигоҳи гурӯҳи дигари олимон он чун унсури муҳим ва ҳатмии таъмини идоракунии сиёсии босамар ва демократӣ шинохта шудааст.

Дар идоракунии сиёсӣ аҳмамият ва нақши хоса доштани коммуникатсияи сиёсиро дар гузашта ходимони илми сиёсӣ низ тасдиқ намуда буданд. Беҳуда нест, ки В.И. Ленин октябри соли 1917 ба хулоса омада буд, ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи бадастории ҳокимият ин ба даст овардани назорат аз болои телеграф, почта, ва стансияи телефонӣ мебошад.

Дар ин росто, миёни муҳаққиқони рус А.И. Соловев ва М.Н. Грачев, ки дар мавзӯъи матраҳ тадқиқоти ҷиддии илмӣ анҷом додаанд, ҷонибдори он мебошанд, ки коммуникатсияи сиёсӣ дар идоракунии сиёсии муосир нақши муҳим дорад.

Дар асоси назарияи Грачёв «коммуникатсияи сиёсӣ хамчун ҷузъи зарурии ҳамкории субъектҳои сиёсӣ бо ҳамдигар аст, ки барои ба даст овардан, нигоҳ доштан ва истифода бурдани ҳокимият, нигоҳ доштан, мустаҳкам кардан ва ё тағйир додани муносибатхои мавҷудаи ҳокимият ва идораи он нигаронида шудааст» [29, с.328]. Ӯ коммуникатсияи сиёсиро ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти сиёсӣ маънидод мекунад, ки бидуни он фаъолияти сиёсӣ вуҷуд дошта наметавонад ва маъное надорад.

Грачев ба ин назар аст, ки «коммуникатсияи сиёсӣ маҷмуи равандҳои табодули иттилоотӣ, интиқоли иттилооти сиёсие мебошад, ки фаъолияти сиёсиро шакл ва мазмуни хоса мебахшад» [74, с.117].

Дар навбати худ А.И. Соловев қайд мекунад, ки коммуникатсияи оммавӣ қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи сиёсат мебошад: «... сиёсат бидуни шаклҳои ғайримустақими алоқа ва воситаҳои махсуси муоширати байни намояндагони гуногуни ҳокимият, инчунин байни давлат ва шаҳрвандон имконнопазир аст» [74, с.201].

Технологияҳои рекламаи сиёсӣ, тарғибот, ташвиқот ва ғайра маҳз аз коммуникатсия асос ёфтаанд ва онҳо ҳам дар шакли мустақим (тавассути шабакаҳои тарғиботӣ, гуфтугӯи мустақими субъектони ташкилотҳои сиёсӣ ва намояндагони он бо аудитория) ва ҳам ғайримустақим (тавассути воситаҳои ахбори омма, рекламаи берунӣ ва ғайра) амалӣ мешаванд. Ҳамаи инҳо дар якҷоягӣ неруи нарми идоракунии сиёсӣ маҳсуб меёбанд. Чуноне ки аллакай қайд карда шуд, муносибати байни субъект ва объекти идоракунӣ дар бисёр ҳолатҳо хосияти иттилоотиро соҳиб мебошад ва дар сурати коммуникатсияи

ғайрисамаранок миёни онҳо таъмини идоракунии мақсадноки сиёсӣ ғайриимкон ба назар мерасад.

Ҳангоми таҳлили коммуникатсионӣ ҳамчун захираи ҳокимият Е.Г. Дяков, ду тарҳи асосии онро ҷудо мекунад: коммуникатсияи оммавӣ ҳамчун субъекти таъсиррасон ва коммуникатсияи оммавӣ ҳамчун объекти назорат. Дар тарҳи аввал сухан атрофи он меравад, ки то кадом андоза воситаҳои ахбори омма ба ҷамъият ва ба ҳар як шахс таъсир расонида, воқеиятҳои иҷтимоиро муайян месозанд. Дар тарҳи дуюм, диққати асосӣ ба он равона карда мешавад, ки воситаҳои ахбори омма ҳамчун институти иҷтимоӣ ва сиёсӣ то куҷо дар таъсир ба шуур ва рафтори ҷамъиятӣ мустақиланд ва инчунин элитаи ҳукмрон ва давлат тавассути кадом механизмҳо нисбат ба онҳо таъсир мерасонанд? [35, с.316-328].

Бояд зикр намуд, ки дар амалия мувофиқи таҳқиқоти мазкур ин ду тарҳи муносибатҳои ҳокимият ва коммуникатсияи оммавӣ хусусияти рақобатнокро ба худ касб менамоянд. (ниг. ба ҷадвали 1).

Е.Г. Дяков дар пайравӣ ба муҳаққиқи нидерландӣ Д. Макквайл [173, с.66]. тарҳи якумро тарҳи ҳукмронӣ ва дуюмиро тарҳи плюралистӣ меномад.

**Ҷадвали 1.**

**Ду тарҳи асосии ҳамкории байни ҳокимият ва коммуникатсияи оммавӣ**

| **Тарҳи ҳукмронӣ** | **Тарҳи плюралистӣ** |
|---|---|
| **1. Воситаҳои ахбори омма аз ҷониби сохторҳои ҳукуматӣ ва элитаи ҳукмрон пурра идора карда мешаванд ва дастгоҳеро** | **1.** Воситаҳои ахбори омма дар баъзе мавридҳо аз ҷониби сохторҳои ҳукуматӣ ва элитаи ҳукмрон идора карда мешаванд, |

| | |
|---|---|
| **мемонанд, ки тавассути онҳо ба омма таъсир мерасонанд.** | вале ҳамчун институти комилан мустақил мақсад ва вазифаҳои худро пайгирӣ мекунанд. |
| **2. Воситаҳои ахбори омма ба таври пурра шуур ва рафтори аудиторияро назорат мекунанд.** | **2.** Воситаҳои ахбори омма танҳо дар баъзе мавридҳо ба шуур ва рафтори аудитория таъсир мерасонанд. |

Дар аввалин «Энсеклопедияи сиёсатшиносӣ» ба забони русӣ, ки солии 1993 ба табъ расидааст, истилоҳи «коммункатсияи сиёсӣ» мавриди шарҳ қарор дода нашудааст. Дар он, асосан, истилоҳи «коммуникатсияи оммавӣ» дар фаҳми сиёсиаш маънидод карда шудааст [64, с.164-165].

Дар луғати мухтасари «Асосҳои сиёсатшиносӣ», ки каме баъдтар ба табъ расидааст, истилоҳи мазкур ба таври васеъ тавзеҳ шуда, вале аз як ҷиҳат норавшан боқӣ мондааст. Истилоҳи мазкур дар шакли ҷамъ оварда шудааст:. «Коммуникатсияҳои сиёсӣ раванди муносибатҳои байниҳамдигарии субъектони сиёсат мебошанд, ки дар асоси мубодилаи иттилоот, муоширати бевосита ва воситаҳои гуногуни робитаҳои маънавӣ ба роҳ монда мешавад» [59, с.54].

«Коммуникатсияи сиёсӣ (аз забони лотинӣ «kommunicatio») дар «Луғати сиёсатшиносӣ»-и русӣ ҳамчун раванди интиқоли иттилооти сиёсӣ нишон дода шудааст, ки ба фаъолияти сиёсӣ шаклу мазмуни тоза мебахшад, бо дарназардошти талабот ва манфиатҳо дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ ва иҷтимоишавии сиёсии шаҳрвандон саҳм мегузорад» [59, с.57].

Дар энсеклопедияи дуҷилдаи В.В. Латинов «Энсеклопедияи сиёсӣ» коммуникатсияи сиёсӣ «мубодилаи иттилоот миёни субъектони ҳаёти сиёсӣ, байни давлат ва шаҳрвандон маънидод шудааст, ки метавонад дар

шакли расмӣ (мисол, дар воситаҳои ахбори омма) ва ғайрирасмӣ (музокироти «пасипардагӣ») амалӣ шавад. Таваҷҷуҳи асосиро муаллиф ба коммуникатсияи оммавии сиёсӣ равона мекунад, ки дар замони муосир аз унсури тобеи сиёсат ба эҷодкунандаи он табдил меёбад» [127, с.172-173].

Дар асоси омӯзиши маводи болозикр ба хулосае омадан зарур аст, ки коммуникатсияи сиёсӣ яке аз зерсистемаҳои хоси низоми сиёсии ҷомеа мебошад, ки байни институтҳои низоми сиёсӣ робитаи наздикро ба вуҷуд овардааст. Одамон маъмулан фаъолияти сиёсиро танҳо дар заминаи мавҷудияти ҳаҷми муайяни дониш ва иттилоот баҳогузорӣ мекунанд. Бузургии аҳаммияти ин зерсистема низ дар ҳамин аст.

Дар асоси шарҳҳои болозикр ба чунин натиҷа омадан мумкин аст, ки равандҳои сиёсию коммуникатсионӣ моҳиятан интиқоли иттилооти сиёсӣ, яъне он маълумоте мебошанд, ки дар раванди фаъолияти муайяни ҷамъиятии худ акторони сиёсӣ, ба монанди шахсиятҳои алоҳида, умумиятҳо ва институтҳо бо мақсади ба даст овардан, нигоҳ доштан, ба амал баровардани ҳокимият ва татбиқи манфиатҳои бунёдии худ мавриди мубодила қарор медиҳанд.

«Коммуникатсияи сиёсӣ ин ҷанбаи муносибатҳои бозингарони сиёсӣ мебошад, ки дар раванди мубориза барои ҳокимият ва ё ба амал баровардани он тавассути мубодилаи иттилоот сурат мегирад» [144, с.41-45]. Бовуҷуди ин, на ҳама вақт ин муносибатҳо хислати ҳукмронию идоранамоиро соҳибанд. Масалан, дар раванди мубориза барои ҳокимият, нигоҳдории он ва ба амал баровардани он байни бозингарони сиёсӣ метавонад муносибатҳои рақобатнок ва ё баръакс, мусолиҳатомез сурат гирад. Дар мавриди муносибати дуюм, ки дар асоси принсипи созиш ва ҳамкорӣ ба амал меояд, унсурҳои ҳукумронию идоракунӣ нисбат ба навъи якум камтар мушоҳида мешаванд. Ҳамин тавр, дар ин ҳолат ифодаи фаъолияти сиёсӣ ва идоракунӣ ба ҳам мутобиқ мебошанд.

Акнун бармегардем ба ҷанбаи иттилоотию коммуникатсионии фаъолияти сиёсӣ. Муносибатҳои мутақобилаи акторони сиёсӣ дар раванди мубориза баҳри бадасторӣ, нигоҳдорӣ ва амалисозии ҳокимият, новобаста аз он ки он чӣ гуна хислатро ба худ касб мекунад: рақобатнок, мусолиҳатомез, дорои унсурҳои ҳукмронию идоракунӣ ва ё бетараф, дар шакли мубодилаи иттилоот, яъне коммуникатсия: нутқ, рафтор, ҳаракат ва дигар шаклҳои рамзии интиқоли иттилоот сурат мегирад. Ҳатто амалҳои ҷудогонае, ки дар муносибатҳо ба назар як одати маъмулӣ фаҳмида мешавад, монанди пошидани об ба рӯйи рақиби сиёсӣ ҳангоми баҳсҳои телевизионӣ ва ё дар ҳузури омма, бо ҳам бардоштани ҷоми шароб ҳангоми ғалаба дар интихобот, як навъ амале мебошанд, ки ба аудитория ва ё ба ин ё он рақиби сиёсии мавҷуда равона карда мешавад.

Ҳамин тавр, ҳар як навъи фаъолият ва ё рафтори сиёсӣ «ченаки коммуникатсионӣ»-и худро соҳиб аст. «Аниқтараш, коммуниктасияи сиёсӣ ҳамчун як навъи махсуси коммуникатсия мебошад, ки дар шакли таъсири иттилоотию сиёсии акторҳои муайян ба якдигар ва ҷомеа зуҳур мекунад. Ин таъсиррасонӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти сиёсӣ маҳсуб меёбад, бо муносибатҳои идоракунию ҳукмронӣ асос ёфта, бидуни он ҳеҷ як навъи фаъолияти сиёсиро тасаввур кардан ва ба амал баровардан ғайриимкон мебошад» [144].

Дар мавриди худ коммуникатсияи сиёсие, ки дар он унсури мубодила ва ё бо ифодаи дигар «муколамаи сиёсӣ» дида мешавад, идоракунии сиёсӣ маҳсуб меёбад.

Ҷомеаи муосир беш аз пеш ба коммуникатсия ва таркиби иҷтимоии он вобастагии зиёд пайдо мекунад. Ҳар як амали иҷтимоиро метавон чун амали коммуникатсионӣ ва ифодакунандаи иттилоотӣ муайян ва маънидод намуд. Дар ин асос, коммуникатсияро ҳамчун ҷанбаи идеалию таркибии ҳамкориҳои иҷтимоӣ ва бунёди ҳамаи навъи муносибатҳо, аз он ҷумла муносибатҳои иҷтимоию сиёсӣ маънидод намудан мумкин аст.

Яке аз сиёсатшиносони муосири тоҷик Г.Н. Зокиров ба аҳаммияти воситаҳои коммуникатсионӣ дар сиёсат таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, заминаҳои асосии бунёди сиёсатро ба таъмини алоқаю муошират алоқаманд арзёбӣ мекунад. Ба андешаи ӯ «шаклҳои гуногуни бевоситаи алоқаю муошират дар байни барандагони мухталифи ҳокимият, байни давлат ва шаҳрвандон ва байни унсурҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ ҳастии сиёсатро таъмин месозанд. Сиёсат, ки падидаи муташаккил ва шакли мақсадноки фаъолият аст, манфиатҳо ва мақсадҳои умумии одамонро дар худ таҷассум менамояд. Хосияти дастаҷамъии сиёсат ва аз ҷумла давлат, миллат, гурӯҳҳо ва умумиятҳои иҷтимоӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои дигари сиёсӣ он аст, ки ба моҳияти масъалаҳо сарфаҳм раванд ва дар рушди онҳо саҳм гиранд. Фаъолияти одамон ва созмонҳои иҷтимоию сиёсӣ дар раванди сиёсӣ мақоми махсус пайдо менамоянд. Ҳамаи ин муносибатҳо фақат тавассути робита ё муошırати бевоситаи одамон номумкин мегардад. Он зарурати истифодаи воситаҳои махсуси додани ахборро талаб дорад. Истифодаи воситаҳои гуногуни коммуникатсионӣ имконият медиҳанд, ки ягонагии ирода, тамомият ва самти ягонаи фаъолияти одамони зиёде таъмин гардад» [38, с.331].

Бо дарназардошти мубодилаи иттилоотии ҷомеаи муосир, оид ба шарҳу тафсири коммуникатсияи сиёсӣ ба чунин хулоса омадан мумкин аст: коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун раванди доимии эҷод, пахш ва паҳн намудани иттилооти сиёсӣ мебошад, ки бо роҳи табиӣ ва ё тавассути воситаҳои электронӣ дар ташкили фаъолияти акторони сиёсат нақши асосиро иҷро мекунад.

Дар асоси таҳлили андешаҳои муҳаққиқон ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки ташаккули афкори умум яке аз афзалиятҳо ва вазифаҳои асосии коммуникатсияи сиёсӣ ба шумор меравад ва ба қатори ташаккулдиҳандагони афкори ҷамъиятӣ асосан чанд категорияҳои хоси субъектон ворид мешаванд:

– давлат (дар симои мақомоти махсуси роҳбарикунанда);
– ташкилоти иҷтимоию сиёсӣ (ҳизбу ҳаракатҳо);
– созмонҳои сиёсии ғайриҳукуматӣ (фондҳо, ҳаракатҳо);
– шахсони воқеӣ.

Ин ҷиҳат умумиэътирофшуда аст, ки давлат дар ташаккули афкори ҷомеа нақши ташаббускори асосиро иҷро мекунад. Давлат дар симои мақомоти ваколатдор самтҳои фаъолияти иттилоотии сохторҳои худ, мақсад ва вазифаҳои таъмини иттилоотии сиёсати дохилию хориҷӣ, ҳамзамон муборизаи иттилоотиро дар сатҳи стратегӣ муайян ва мушаххас мекунад.

Тавре ки сарчашмаҳои таърихӣ собит мекунанд, ҳанӯз дар гузашта қарор дар бораи гузаронидани маъракаи муҳимми иттилоотӣ, ки ба ташаккули афкори ҷамъиятӣ равона шуда буданд, аз тарафи мақомоти болоии идораи давлатӣ бароварда мешуд. Ин таҷриба бештар дар даврони ҳукумати Шуравӣ мавриди амал қарор дода мешуд. Масалан, дар нишасти пӯшидаи Комиссияи марказии КМ ҲКИШ масъалаи «Дар бораи таъминоти аксияҳои таблиғотӣ оид ба масъалаи Афғонистон» 27-уми декабри соли 1979 дида баромада шуда буд [45, с.306-307]. Ҳамин тавр, дар асоси муқаррароти мазкур ташаккули афкори ҷамъиятӣ дар робита бо ин амали низомӣ сиёсии Иттиҳоди Шуравӣ ба роҳ монда шуд, ки дар тамоми давлатҳои узв мавриди корбурди амиқ қарор дода шуд.

Ташкилотҳои иҷтимоию сиёсӣ (ҳизбу ҳаракатҳо) яке аз субъектони фаъоли сиёсие мебошанд, ки барои афкори умум мубориза мебаранд. Ин ҷиҳат дар бисёр қонунгузориҳои давлатҳо оид ба ҳизбҳои сиёсӣ дарҷ карда мешавад. Аз он ҷумла, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» [2] ташаккул додани иродаи сиёсии шаҳрвандон яке аз вазифаи асосии ҳизбҳои сиёсӣ нишон дода шудааст. Ташкилоти сиёсӣ танҳо дар асоси ташаккул додани афкори мусбати ҷамъиятӣ дар атрофи худ имкон доранд, ки ҳокимиятро ба даст оранд.

Шахсони алоҳидае, ки мехоҳанд нақши роҳбарони сиёсиро иҷро намоянд, метавонанд ҳамчун ташаббускори ташаккули афкори ҷомеа эътироф карда шаванд. Роҳбари сиёсӣ «ҳамчун қудрати олии ҳокимият, бунёдкунандаи пирамидаи идоракунӣ, маркази қабули қарор ва муаяйнкунадаи хусусияти фаъолияти сохторҳо ва ташкилотҳо асосии идоракунӣ» [73, с.143] метавонад ба хусусиятҳои раванди идоракунии сиёсӣ, ки ба ташаккули афкори умум алоқамандан, таъсири ҳалкунанда расонанд.

Дар асоси омӯзиши назарияҳо ва таҳлили таҷрибаҳои ҷамъиятӣ хулоса кардан мумкин аст, дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа, амалишавии сиёсат ва таъмини иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ коммуникатсия ҳамчун унсури асосӣ ба шумор меравад. Дар ин миён, «ҷалбнамоӣ» ба сифати яке аз муҳимтарин ҷанбаи коммуникатсияи сиёсӣ амал мекунад. Қишри идоракунанда тариқи коммуникатсияи сиёсӣ оммаро барои ҷонибдорӣ ва пуштибонии ташаббусҳои сиёсию давлатӣ фаро гирифта, аз он ҳамчун воситаи ҷалби ҳокимияти давлатӣ ба масъалаҳо ва ниёзҳои худ истифода мекунад. Дар натиҷа, дар низоми идоракунии сиёсӣ принсипи мушаххаси «муроҷиат ва қабул» ташаккул ва рушд ёфта, ба таҳкими робитаи давлат ва ҷомеа замина фароҳам меорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ин самт анбуҳи зиёди роҳҳо, воситаҳои таъсиррасонӣ ва ҷалбнамоиро кор карда баромадааст, ки вобаста ба хусусияти равандҳои сиёсии ҳар як ҷомеа интихоби муносиби роҳандозии иртиботи сиёсиро пешниҳод менамояд.

## 1.2. Тамоюли тағйирёбии коммуникатсияи сиёсӣ ва нақши он дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосир

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар даҳсолаи охир боис шуд, ки нақши коммуникатсияи сиёсӣ ба таври

назаррас дар ҳар давлат ва умуман, дар саросари олам тавсеа ёбад. Афзоиши нақши коммуникатсияи сиёсӣ ба якчанд омилҳо алоқамандии зич дорад, аз ҷумла ба рушди демократизм дар ҷомеа, васеъгардии фазои сиёсию иттилоотӣ, шакливазкунии асосҳои институтсионалии алоқа бо ҷомеа дар фазои сиёсӣ, тағйирёбии таркиби элитаҳои сиёсӣ ва ғайра. Ҳамаи ин дигаргуниҳои миқдорию сифатӣ дар вазифа, шакл ва воситаҳои коммуникатсияи сиёсӣ зарурати коркард ва таҳияи механизмҳои муосири татбиқи мукаммали онро дар муносибатҳо ва иртибототи ҷамъиятию давлатӣ хусусияти ҳатмӣ бахшидаанд.

Дар низоми идоракунии сиёсии муосир тағйирёбии нақши коммуникатсияи сиёсӣ бештар ба такмилёбии унсурҳо ва имкониятҳои татбиқи он алоқаманд мебошад. Дар ин ҷо тағйирёбӣ на ба маънои коҳишёбӣ ва азбайнравии ҷузъе аз таркибҳои муҳимми он, балки ба мазмуни такмил ва комилшавии унсурҳои техникию фарогирии иҷтимоии коммуникатсия фаҳмида мешавад.

Бо вуҷуди ба мушоҳида расидани тағйироти васеъ дар низоми коммуникатсияи сиёсӣ ва таъсири он ба раванди муносибатҳои сиёсию ҷамъиятӣ аз ҷониби муҳаққиқони илмҳои ҷамъиятӣ масъала ба таври кофӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор дода нашудааст. Аз ин рӯ, мушаххас намудани ҷанбаҳои омӯхтанашудаи он барои дарки моҳият ва хосиятҳои низоми идоракунии сиёсӣ, дараҷаи татбиқ ва рушди принсипҳои демократия кӯмак хоҳад намуд.

Дар интиҳои садаи  XX ва оғози асри XXI дар низоми мубодилаи иттилоотии ҷаҳонӣ дигаргуниҳои куллӣ ба миён омад, ки боиси болоравии нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсӣ гардид. Раванди мазкур, қабл аз ҳама, ба раванди ҷаҳонишавӣ алоқамандӣ дошт. Таҳти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ бештари аҳолии сайёра аз имкониятҳои нави иттилоотӣ бархурдор шуданд, ки он пеш аз ҳама, дастрасӣ ба донишҳои мухталиф ва иттилооти муҳим, аз он

ҷумла оид ба сиёсатро фаро мегирифт. Ба ҳар як шахс имконият фароҳам омад, ки иштирокчии бевоситаи равандҳо бошад. Ҳамаи ин дигаргуниҳо марзҳои классикии миллӣ (давлат)-ро суфта намуда, сокинони давлатҳоро бо як навъ ҷаҳони глоболӣ пайваст намуд.

Бо дарназардошти ин, таркиби ҷудонопазири марҳилаи иттилоотии ҷомеаи муосир на танҳо аз вусъатёбии коммуникатсия дар ҷамъият иборат аст, балки пайдоиши сохторҳои сифатан нави коммуникатсионӣ, равандҳо, шаклҳо, инчунин баланд рафтани нақши коммуникатсия, хусусан дар соҳаи сиёсат ба унсурҳои асосии шаклдиҳандаи он дар давраи муосир маҳсуб меёбанд.

Тезиси машҳури «ҳар касе, ки иттиллотро дар даст дорад, ӯ ҷаҳонро идора мекунад» [206] дар замони муосир аҳаммияти бештарро соҳиб мешавад ва иттилоот на танҳо ба заминаи технологии коммуникатсия, балки ба субъекти муносибатҳои иҷтимоӣ, аз он ҷумла дар системаи сиёсии ҷомеа мубаддал мешавад. «Аз ин рӯ, дар ҷаҳони муосир доштани шабакаҳои оперативӣ ва муносиби коммуникатсионие, ки бо ёрии онҳо табодули иттилоот анҷом дода мешавад, ба яке аз ниёзҳои асосӣ ва ҳатмӣ табдил меёбанд» [207].

Унсурҳои алоҳидаи коммуниктасияи сиёсӣ, аз он ҷумла воситаҳои ахбори омма бо фароҳам овардани имкониятҳои васеи таъмини муошират ва муколамаи байни давлату ҷамъият ба яке аз институтҳои аввалияи иҷтимоишавии сиёсӣ табдил ёфта, дар баробари оила, ибодатгоҳ (масҷид ва калисо) ва низоми маориф эътибори хосаро дар ҷомеа касб намуданд. Бо шарофати воситаҳои ахбори омма ҳар як шахс худро чун узви равандҳои умумиҷамъиятӣ тасаввур намуда, вобастагии худро ба давлат ва ҷаҳони сиёсат бештар ва хубтар дарк намудааст [207].

Нақши воситаҳои ахбори омма ҳамчун василаи асосии коммуникатсияи сиёсӣ дар замони муосир бештар дар эҷоди мифҳои

сиёсӣ ва идеяҳое зоҳир мегардад, ки шаҳрвандонро барои иштироки фаъоли сиёсӣ илҳом мебахшад.

Дар алоқамандӣ ба ин, дар равандҳои сиёсӣ биниши наве тавлид мешавад, ки барои ба даст овардан ва нигоҳ доштани ҳокимият равона шудаанд. Ба тавлиди тамоюли мавҷуда, пеш аз ҳама, пайдоиши навъи нави муносибатҳо миёни акторони сиёсӣ сабаб мешавад, ки онро муносибатҳои мутақобилаи коммуникативӣ метавон унвон кард. Паҳншавии технологияи интернетӣ ба суръати тоза пайдо кардани раванди мазкур такони ҷиддӣ мебахшад.

Ба андешаи А.Ё. Комилбек «Интернет, пеш аз ҳама, ба ҳар як нафар имконияти иштирок дар ташаккулёбии сиёсати давлатиро фароҳам оварда, дар ин замина муколамаи озоди шаҳрвандро бо ҳокимият таъмин мекунад» [161]. Сиёсатгузориҳои давлатӣ маҳз дар заминаи чунин тарзи муносибат хислати ошкоро ва кушода буданро ба худ касб менамоянд. Новобаста аз ин, масъалаҳои алоқаи ҷавобӣ – бархурди ҷомеа ба фаъолият ва амалкардҳои мухталифи ҳокимият ва институтҳои он дар масъалаҳои гуногун, ки як ҷузъи муҳимми коммуникатсияи сиёсии дутарафа маҳсуб меёбад, пурра ҳалли худро пайдо намекунад.

Дар самти ташаккули алоқаи ҷавобӣ ва ё иртибот миёни ҷомеа ва элитаҳои сиёсию ҳокимият нақши асосиро коммуникатсияи сиёсӣ иҷро мекунад. Муҳаққиқи рус дар робита ба нақши интернет дар коммуникатсияи сиёсӣ чунин қайд мекунад: «Дар шароити муосир, бо васеъ шудани имкониятҳои шабакаи умумиҷаҳонии интернет ва фазои истифодабарии он коммуникатсияи сиёсӣ хислати кулан дигарро ба худ касб мекунад» [29, с. 86]. Он ба шаҳрвандон имконияти бештари баёни андеша ва баёни эрод нисбат ба фаъолияти субъектони масъули идоракунии давлатӣ ва ё институтҳои алоҳидаи ҳокимияти давлатиро фароҳам меорад. Ҳамин тавр, нигоҳу мавқеъҳои сиёсӣ таҳти таъсири имкониятҳои муосири коммуникатсияи сиёсӣ бо амалияи сиёсӣ

ҳамқадам гардида, дар тағйири шаклию мазмунии сиёсати давлатӣ нақши меҳвариро ба анҷом мерасонанд.

Дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ зери таъсири омилҳои гуногун вазифаҳои анъанавии коммуникатсияи сиёсӣ тағйир меёбанд. Дар ин марҳила васоити ахбори омма аҳаммияти муайянкунандаро соҳиб мешаванд. Истифодаи системаҳои телекоммуникатсионӣ дар сиёсат ба пайдоиши навъҳои нави пахши иттилоот ва шаклҳои нави коммуникатсия дар низоми ҳокимияти оммавӣ замина фароҳам овард. Таҳти таъсири телекоммуникатсия сиёсат ба раванди васеи иттилоотӣ табдил ёфт ва телекоммуникатсия тавонист худро чун унсури муҳимтарини ташаккулёбӣ ва муаррифии сиёсат нишон диҳад.

Вобаста ба ин, дар зерсистемаи коммуникатсионӣ се сатҳи алоқаи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба қайд гирифта шудаанд: алоқаи байнишахсӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ. Ҳар яке аз онҳо намояндагони махсуси коммуникатсияи сиёсӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, дар илмҳои сиёсӣ се усули асосии коммуникатсияи сиёсӣ мушаххас карда мешавад, ки дар асоси истифодаи воситаҳои гуногун амалӣ мешаванд: тавассути ВАО-и чопӣ ва электронӣ; тавассути ташкилотҳо, ки ҳизбҳои сиёсӣ ба сифати яке аз пешоҳангони чунин ташкилотҳо баромад мекунанд ва тавассути шабакаҳои ғайрирасмӣ бо истифода аз алоқаҳои шахсӣ [88, с.175].

Дар шароити муосир мубодилаи иттилоот дар асоси алоқаҳои шахсӣ нуфузи бештар пайдо мекунад. Омили асосии рӯ овардани ҷомеа ба чунин навъи алоқа ба он вобаста мебошад, ки эътимод ба коммуникатсияи расмии тариқи воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ паҳншаванда кам мегардад. Зеро аз нуқтаи назари омма воситаҳои ахбори омма дар фаъолияти худ бештар ба ҳангомапардозӣ ва дигар механизмҳои иловагии ҷалби аудитория рӯ оварда, баъзе воқеиятҳоро пушти он пинҳон мекунанд. Аз ин ҷост, ки одамон сарчашмаҳои алтернативии иттилоотро ҷустуҷӯ мекунанд, ки он бештар дар асоси

алоқаҳои байнишахсӣ ба даст меояд. Барои чунин навъи дастрасӣ ба иттилоот дар замони муосир бештар технологияи компютерию коммуникатсионӣ ва интернет мусоидат мекунанд.

Сиёсат, пеш аз ҳама, дар фазои иттилоотӣ амалӣ мегардад ва коммуникатсияи сиёсӣ бошад, ба сифати майдони хоси иҷтимоию иттилоотии сиёсат, қисми ҷудонашавандаи фазои иттилоотии ҷомеа мебошад ва ташкили ҷомеаи иттилоотии ҷаҳонӣ дар ин самт, ба тағйироти назаррас дар фазои иттилоотӣ алоқамандии зич дорад.

Дар шароити муосир коммуникатсияи сиёсӣ ва сатҳи амалишавии он дар дохили як давлат аз бисёр ҷиҳат ба раванди ҷаҳонишавӣ, болоравии сатҳи шаҳрнишинӣ, болоравии имконият ва иқтидори технологияҳои иттилоотӣ, истифодаи васеи онҳо дар ҳаёти ҳаррӯза ва дигар омилҳо алоқаманд мебошад. Дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти шаҳрвандон маъмул гардидани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, мустақиман ба тағйирёбии рушди фазои сиёсии ҷаҳонӣ оварда мерасонад.

Технологияҳои иттилоотӣ натанҳо сохторҳои иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир, балки дар баробари ин қиёфаи коммуникатсияро низ тағйир медиҳанд, ки бо хусусиятҳои табодули иттилоот дар ҷомеа сахт алоқаманд мебошанд. Дар ҷомеаи иттилоотӣ, коммуникатсия яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Коммуникатсия моҳиятан он риштаи ноаёне мебошад, ки мазмун ва ҷанбаи сифатии ҷомеаи муосири иттилоотиро муайян мекунад. Коммуникатсияи сиёсӣ ҳолати хоси коммуникатсия мебошад, ки хосияти умумиҷамъиятӣ ва органикиро доро мебошад. Хусусияти умумиҷамъиятии коммуникатсияи сиёсӣ дар фазои ягона ва ҷудонопазири коммуникатсия зоҳир мегардад. Ин ҷиҳат бештар ба он вобаста мебошад, ки низоми иттилоотии ҷомеаи муосир берун аз сарҳадҳо ва маҳдудиятҳои субъективӣ амал мекунад.

Хусусияти дигари коммуникатсияи сиёсӣ дар «зинда» ва доимо дар ҳоли рушд будани он инъикоси худро пайдо мекунад. Истифодаи воситаҳои техникӣ ва электронӣ дар мубодилаи иттилоот, иштироки фаъоли субъектони интиқолдиҳандаи иттилоот низоми мутақобилаи байни онҳоро ба вуҷуд оварда, на танҳо монеаҳоро дар гардиши иттилоот аз байн мебарад, балки онро ба як навъ организми зиндае табдил медиҳад, ки доимо дар ҳоли рушд, инкишоф, такмилёбӣ ва таъсиррасонӣ қарор дошта, неру ва қудрати таъсиррасонӣ ба шуур ва рафтори ҷамъиятро соҳиб аст. Хосияти «зинда» доштани коммуникатсияи сиёсӣ дар симбиози асосан се таркиби муҳимми он: равандҳои сиёсӣ, мубодилаи иттилоот ва фаъолияти коммуникатасияи оммавӣ зоҳир мегардад.

Дар таҳқиқоти муҳаққиқон одатан як қатор тавсифи вазифаҳои коммуникатсияи сиёсиро вохӯрдан мумкин аст, ки нақши онро дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеаи муосир бозгӯ мекунад:

1. Иттилоотӣ (мазмуни асосии ин вазифа паҳн намудани донишҳои зарурӣ дар бораи унсурҳои системаи сиёсӣ ва фаъолияти онҳо мебошад).
2. Танзимнамоӣ (он имкон медиҳад, ки механизми муассири муносибати байни унсурҳои системаи сиёсӣ ва байни системаи сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ кор карда баромада шаванд).
3. Сотсиализатсияи сиёсӣ (ба ташаккулёбии меъёрҳои муҳими фаъолияти сиёсӣ ва фарҳанги сиёсӣ мусоидат мекунад).
4. Манипулятсионӣ (таъмини ташаккули афкори ҷамъиятӣ оид ба воқеаҳои муҳим дар соҳаи сиёсат).
5. Мубодилаи сиёсӣ ва фарҳангӣ [88, с.175].

Вазифаҳои зикргардида ниёзҳои бунёдии фазои сиёсиро ташкил намуда, дар амалияи сиёсӣ ризоияти байни идоракунандагон ва идорашавандагонро таъмин менамояд.

Бояд қайд намуд, ки дар сиёсатшиносӣ ду намуди коммуникатсияи сиёсӣ ҷудо карда мешавад: уфуқӣ (байни одамоне, ки ҷойгоҳи иҷтимоии якхела доранд) ва амудӣ (байни одамоне, ки дар иерархияҳои мухталифи иҷтимоию сиёсӣ қарор доранд). Дар ҷомеа наметавонад яке аз ин навъҳои коммуникатсияи сиёсӣ вуҷуд дошта, дар айни замон навъи дигари он амал накунад. Вале хусусиятҳои амал намудани онҳо аз иродаи ҳокимияти давлатӣ ва низоми сиёсии амалкунанда вобастагӣ зиёд дорад.

Дар шароити ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ мураккабӣ ва ҳаҷми иттилооти интиқолшуда хеле муҳим мебошанд, на шаклҳои баамалбарории он ва на масофа ва ин вазифа ба воситаи коммуникатсияи электронӣ, хусусан тариқи Интернет ба амал бароварда мешавад.

Аз ин рӯ, аз як тараф, дар ҷомеаи иттилоотӣ, шаклҳои анъанавии робитаҳои сиёсӣ самаранокии худро дар таъмини муколамаи сиёсии ҷомеа бо ҳокимият аз даст медиҳанд, аз тарафи дигар, пайдоиши Интернет дар давраи муосир имкон фароҳам меорад, ки ҳамоҳангии гардиши иттилоотӣ миёни иштирокчиёни коммуникатсия, аввал дар сатҳи виртуалӣ ва сипас дар ҳаёти воқеӣ таъмин гардад. Ҳарчанд Интернет маҳдудиятҳои вақтию маконӣ ва фазоиро дар таъмини коммуникатсияи сиёсӣ аз байн бурдааст, вале ҳамоно масъалаи «сифат», ки асли онро муҳиммии иттилоот ва таъсирнокии он ташкил медиҳад, на танҳо аз байн намеравад, балки бо дарназардошти такмили воситаҳо ва технологияҳои инъикоси иттилоот аҳаммияти бештар пайдо мекунад.

Тағйирёбии нақши коммуникатсияи сиёсиро дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа муҳаққиқон бештар ба шаклгирии нақши воситаҳои ахбори омма дар ҷомеа вобаста медонанд. Аммо дар умум, агар ба хусусиятҳои муносибатҳои давлат ва ҷоме аз нуқтаи назари табодули иттилоот баҳогузорӣ кунем, пас раванди тағйирёбии нақши

коммункиатсияи сиёсиро аз гузашта то имрӯз метавон ба якчанд марҳилаҳои ташаккулёбии муносибаҳои таърихӣ дар ҷомеа арзёбӣ намуд.

Муҳаққиқон муайян намудаанд, ки дар гузашта коммуникатсия чунин сурат мегирифт «Дар марҳилаҳои аввали инкишофёбии давлат (полисҳои Юнони қадим ва шаҳрҳои асримиёнагӣ), вақте ки қаламрав ва шумораи аҳолии он барои муошрати бевоситаи байни шаҳрвандон имкон медоданд, мубодилаи иттилоот мустақиман байни намояндагони ҳокимият ва шаҳрвандон сурат мегирифт, қарорҳои муҳимтарини давлатӣ аз ҷониби мардум, дар майдони шаҳр қабул карда мешуд» [137, с.126-131]. Суханварони муваффақ, ки зарфиятҳои расонидани таъсири равонӣ ба оммаи мардумро медонистанд, ҳангоми қабули ҳар қарор онҳоро ба додани раъй водор месохтанд.

Дар он замон барои таъсиси сохторҳои махсуси сиёсии таъмини коммуникатсия чандон ниёз вуҷуд надошт. Дар қаламрави ҳамсоя зиндагӣ кардани шаҳрвандон имкон медод, ки муошрати байни онҳо ба таври доимӣ ва мустақим ба роҳ монда шавад. Аз ин сабаб, зарурат ба миёнаравон, монанди ҳизбҳо ва воситаҳои ахбори омма вуҷуд надошт. Зиёда аз ин, нақши воситаҳои ахбори оммаро бештар бозори шаҳрӣ иҷро мекард. Бозори шаҳрӣ дар як маврид ҳам минбари ахбори сиёсӣ ва ҳам майдони ифодаи ибрози андешаҳои озоди ҷамъиятӣ буд. Вобаста ба ин, субот дар ҷомеа ҳамеша зери таҳдиди авомфиребон (демагогҳо)–и муваффақе қарор дошт, ки бо қобилияти суханварӣ (фасоҳат ва балоғат) метавонистанд тафаккури одамонро ба самти комилан пешгӯинашаванда равона созанд [137, с.126-131].

«Ба вуҷуд омдадани низоми парламентӣ дар Аврупои ғарбӣ муваффақияти зиёдро барои иштироки халқ дар ҳокимияти давлатӣ ва иштироки он дар раванди қабули қарор эҷод намуд. Интихобкунандагон вакилро интихоб мекарданд ва баъдан дар доираи худ оид ба лоиҳаи

қарор ва қабули он машварат менамуданд. Аз назари берунӣ пӯшида будани ҷаласаи парламентӣ бисёре аз сабабҳои объективии халалдор шудани раванди қабули қарорро аз байн бурда бошад ҳам, вале оммаро чандон қонеъ намекард. Аз ин рӯ, барои таъмини раванди босамари қабули қарор чораҳои иловагӣ андешида шуданд. Парламент аз тарафи ҳавзаҳо ташкил карда шуд, ки дар ин ҳавзаҳо сокинон якдигарро хеле хуб медонистанд» [137, с.126-131]. Бо гузашти вақт, ин усул низ аз нуқтаи назари таъмини коммуникатсияи оммавӣ аҳаммияти худро аз даст дод. Зеро интихобкунандагони як ҳавза бо ҳавзаҳои дигар робита ва шиносоии амиқ надоштанд. Аз ин рӯ, барои ба даст овардани муваффақияти бештар дар интихоботи миллӣ зарурати истифодаи воситаҳои иттилоотии миқёси миллӣ ба миён омад. Тадриҷан ба сифати чунин воситаҳои иттилоърасон рӯзномаҳои миллӣ ва ҳизбҳое баромад намуданд, ки имкон доштанд фазои ягонаи иттилоотиро дар кишвар таъмин кунанд.

Ҳамин тавр, ҷойгоҳи ҳизбҳои сиёсиро дар тамоюли тағйирёбии коммуникатсияи сиёсӣ махсус қайд кардан лозим аст. Бавуҷудоии ҳизбҳои сиёсӣ ва таъсиси ячейкаҳои онҳо дар маҳалҳо имкон фароҳам овард, ки мавқеи субъектони роҳбарикунандаи он дар тамоми қаламрави аҳолинишини давлат расонида шавад ва як шаҳрванди одӣ дар чаҳорчӯби «демократияи ҳизбӣ» ба қарорҳои дар зинаҳои болоӣ қабулшаванда таъсир расонадида тавонад.

Ҳарчанд ки дар марҳилаҳои аввал ба иқтидори ҳизб аз нигоҳи шумораи аъзои он таваҷҷуҳ зоҳир мегардид. Бо гузашти вақт, алакай ҳизбҳо кӯшиш ба харҷ доданд, ки таркиби онҳо бештар аз ҳисоби аъзои нисбатан фаъол пур карда шавад зеро ҳизбҳо наметавонистанд мавқеи ҳизбии худро бе пайгирии ҳадафмандонаи аъзои худ ба роҳ монанд. Таваҷҷуҳи ҳизбҳо ба чунин нақши шаҳрвандон тадриҷан ба фаъолшавии онҳо ва минбаъд ба ташаккулёбии субъектони фаъоли сиёсӣ оварда

расонид. Бояд зикр намуд, ки дар маркази ҳамаи иштироки фаъоли сиёсии шаҳрвандон асосан ниёзҳои моддии онҳо қарор дошт. Маҳз моддиёт яке аз омилҳое буд, ки шаҳрвандон ба иқтидори гурӯҳие чун ҳизбҳо такя мекарданд.

Бо гузашти вақт ва бо шарофати муборизаи омма барои ҳуқуқ ва озодӣ масъалаи моддиёт то як андоза аҳаммияти пешиниаи худро аз даст дод. Зеро акнун сатҳи дониши омма боло рафта, дараҷаи моддиёти онҳо, ки ҳамчун сабаби ҳавасмандияшон баҳри иштироки фаъол ва асоси муборизаҳои сиёсӣ шуморида мешуд, ба хубӣ рушд кард. Зимнан, иштироки фаъоли шаҳрвандон низ ба таври чашмрас коҳиш ёфт. Марҳилаи мазкур асосан ба даврае рост омад, ки дар низоми коммуникатсияи сиёсӣ воситаҳои ахбори омма ташаккул ёфта, дар муддати кӯтоҳ ба рушди бемайлон рӯ ба рӯ шуданд [21, с.80].

Ҳамзамон зери таъсири инкишофи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва матбуоти даврӣ афкори сиёсии ҷомеа ба маҷрои ташаккулёбии сифатан нави худ ворид шуд. Матбуоти даврӣ аксаран ба сифати воситаи коммуникатсия миёни мақомоти давлатӣ ва дигар институтҳои сиёсӣ бо ҷомеа гардиданд. Онҳо ба ходимони «бемузд»-и мақомоти давлатӣ табдил ёфтанд, ки барномаҳои давлатиро ба омма ва ниёзҳои ҷомеаро ба мақомоти давлатӣ мерасониданд.

Орлов, М.О. ва Данилов С.А дар мақолаи ҳаммуалифии худ «Нақши коммуникатсия дар ҳаёти ҷамъиятӣ» қайд намудаанд, ки «бо бавуҷуд омадани радио ва телевизион имкониятҳои бо мақсадҳои сиёсӣ истифода намудани равандҳои оммавии коммуникатсионӣ афзун гардид. Аз замони пайдоиш то ба замони муосир радио дар кори расонидани ахборот хизмати арзанда намудааст. Дар замони муосир низ радио ҳар гуна марзҳоро ба зудӣ ва осонӣ тай намуда, дар тамоми гӯшаю канораҳои дунё ба одамон оид ба масъалаҳои гуногуни ҳаёт хабару иттилооти расмию ғайрирасмиро паҳн мегардонад. Махсусан,

аҳаммияти радио дар солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон барҷаста эҳсос мегашт. Он воситаи асосии сафарбарнамоии сиёсии аҳли ҷомеа ва аслиҳаи зарурии тарғибу ташвиқ ба ҳисоб мерафт. Дар Иттиҳоди Шуравӣ радио аҳаммияти бештарро боз дар солҳои баъдиҷангӣ пайдо намуд, зеро акнун радио дар тамоми гӯшаю канорҳои мамлакати паҳновар садо медод» [137, с.126-131].

Баробари ворид шудани телевизион ба майдони коммуникатсияи оммавӣ рӯзнома нақши пешбарро дар низоми коммуникатсияи оммавӣ аз даст дод. «Ин давраро метавон ҳамчун фарорасии ҳукмронии телевизион ва «рӯзномаи зард» ва ҷойи худро ба «коғази суратӣ» (телевизион) бахшидани «коғази матнӣ» (рӯзнома) арзёбӣ намуд» [137, с.128-129].

Ҳамин тавр, зарфиятҳои пешинаи рӯзнома, ки омили муҳимми муборизаи сиёсӣ ба ҳисоб мерафт, бо сабабҳои пайдоиш ва густариши телевизион дар коммуникатсияи сиёсӣ то як андоза коҳиш ёфт. Аз ин рӯ, яке аз аз сабабҳои тағйироти бунёдии коммуникатсияи сиёсиро ба паҳн гардидани телевизион рабт додан мумкин аст.

Барномаи телевизионӣ, ки дорои муҳтавои нисбатан бой мебошад (овоз, сурат, видео, матн, ҳаҷми зиёди мавод ва ғайра), ба аудитория иттилооти кам, вале таъсири зиёд мерасонад. Ғайр аз ин, дар заминаи тамошои барномаи аз ҷиҳати касбӣ омодашуда, бинанда метавонад тасвирҳоро ҳамчун воқеиятҳои амиқи ҷамъиятӣ қабул кунад.

Маҳз тариқи муҳтавои бойи худ телевизион дар шуури ҳар як шахс падидаҳои мухталифро ҳамчун воқеияти ҷамъиятӣ усувор мегардонанд, аз ин рӯ, ҳар як ҳизб ва элитаи сиёсие, ки ба ҳокимият дастёб мегардад, пеш аз ҳама, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар умури сиёсию давлатӣ телевизионро ҳамчун воситаи самарноки расонидани таъсир, ҳифзи нуфуз ва баландбардории эътимоди халқ ба институтҳои давлатӣ истифода барад.

Маҳз телевизион саҳми бештарро дар иттиллотонии сиёсат иҷро карда метавонад. Дар интихобот маъмулан на ҳизбе, ки дорои барномаи мукаммалу пермуҳтаво (ки онро маъмулан касе мутолиа намекунад), балки ҳизбе шонси бештари ғалабаро соҳиб мебошад, ки сарвари он дар экрани телевизион хуш ва ҷаззоб намудор мешавад.

Вобаста ба ин, маъракаҳои пешазинтихоботӣ дар ҷомеаҳои пешрафта кайҳо ба шоу-барномаҳои телевизионӣ табдил ёфтааст. Интихобкунандагон на дар асоси тасаввуроти ратсионалии худ, балки таҳти таъсири симои телевизионии интихобшаванда ба хулосаи ниҳоӣ мебиёянд, ки ба кӣ овоз диҳанд. Ин тамоюл ба тағйирёбии ҷиддии моҳияти институтҳои сиёсӣ оварда мерасонад.

Якум, нақши шахси аввали ҳизб тез боло меравад. Сарварии ӯ хислати харизматикиро соҳиб мешавад, ки дар натиҷа ҳам миёни аъзоёни ҳизб ва ҳам дар афкори интихобкунандагон чунин тасаввур ба вуҷуд меояд, ки бидуни ӯ ғалаба кардан дар интихобот комилан ғайриимкон мебошад. Аз ин ҷост, ки дар ИМА кайҳо боз на демократҳо ва на ҷумҳурихоҳон, балки қиёфа ва шеваи рафтори яке аз номзадҳо ба президентӣ ғалаба мекунад, ки тариқи телевизион ба доираи интихобкунандагон нисбатан ҷолиб ба назар мерасад.

Дуюм, «дар давлатҳое, ки низоми мажоритарӣ ҳифз карда мешавад, таъсири номзадҳои алоҳидае, ки аз ҳавзаи интихоботӣ номзадии худро пешбарӣ мекунанд, тақрибан аҳамияти пешинаи худро аз даст медиҳад. Ин ҷо ба муваффақияти ҳар як номзад ва дар маҷмуъ ҳизби сиёсӣ нақши сарвари ҳизб асосӣ маҳсуб меёбад. Дар натиҷа, дар давлатҳои дорои ҳам низоми мутаносиб ва ҳам мажоритарӣ мақоми номзадҳои алоҳида дар интихобот кам гардида, кулли дастгоҳи ҳизбӣ тадриҷан ба дастгоҳи маъмурони хизматгори сарвар табдил меёбад. Ҳолати мазкур ба он оварда расонидааст, ки самарнокӣ ва фаъол будани ҳизб дигар шарти муҳими ғалаба дар интихобот нест. Албатта, дар

мамлакатҳои мухталиф ва ҳизбҳои гуногун ин раванд миқёси гуногун дошта бошад ҳам, вале дар умум, дорои қиёфаи якхела мебошанд» [176, с.303].

Нуктаҳои зикршуда бар он далолат мекунанд, ки «теледемократия» метавонад бо истифодаи зарфияти худ хосияти таъсиррасонии назаррас дошта, метавонад то ба сатҳе натиҷаовар бошад, ки дарки воқеияти сиёсиро аз ҷониби ҷомеа ба таври ҷиддӣ тағйир диҳад. Акнун ҳеҷ як субъекти сиёсӣ (субъекти сиёсат) бидуни воситаҳои коммуникатсияи сиёсӣ наметавонад ба неру ва иқтидори худ дар рақобатҳо боварӣ ҳосил намояд.

Новобаста аз оне, ки воситаҳои ахбори омма дорои хусусиятҳои гуногунанд, онҳо бо аҳли ҷомеа робитаи бевосита доранд. Ҳатто унсурҳои муҳимми ҷомеаи муосир – оила, мактаб, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ғайра чунин сатҳи имкониятро надоранд. Ин имконият ва қобилияти воситаҳои ахбори оммаро субъектҳои сиёсат барои таъмини ҷонибдории максадҳои барномавиашон сафарбар намуда, онҳоро мехоҳанд ба манфиати худ истифода намоянд.

Дар шароити иттилоотикунонии равандҳои ҳаёти ҷамъиятӣ таваҷҷуҳ ба кушода ва пӯшида будани низоми идоракунии сиёсии ҷомеа бештар мегардад. Кушода ва пӯшида будани идоракунии сиёсӣ ба меъёри муайянкунандаи нақш ва мақоми коммуникатсияи сиёсӣ дар он ва дараҷаи тағйирёбии худи ҷомеаи муайян табдил меёбад.

Мувофиқи таҷрибаи маъмулии ҷаҳонӣ барои гузариши муътадил аз низоми пӯшидаи идоракунӣ ба низоми кушода ва ташаккули ҷаҳонбинии муосир тағйири се насл омили ҳатмӣ шуморида мешавад [102, с.110]. Дар шароити муосир принсипи мазкур зери таъсири равандҳои босуръат тағйирёбандаи иттилоотию коммуникатсионӣ ва технологӣ, ки аз нигоҳи вақт ва фарогирӣ қудрати зиёди таъсир ба афкори ҷкамъиятиро доро мебошанд, баҳри ташаккул додани

ҷаҳонбинии муосир тағйироти наслӣ чандон омили зарурӣ шуморида намешавад.

Бояд зикр намуд, ки баъзан миёни фаҳмиши кушода будани низоми идоракунии сиёсӣ ва шаффоф будани он тафовут гузошта намешавад ва он иштибоҳан дар як маъно ифода карда мешавад. Кушода будани дастгоҳи давлатӣ маъмулан ба маънои иштироки шаҳрвандон дар раванди қабули қарори сиёсӣ фаҳмида мешавад. Шаффоф будани он бошад, ба фаъолияти воситаҳои ахбори омма ва дигар институтҳои коммуникатсияи сиёсӣ алоқаманд аст, ки ба шаҳрвандон имконияти дарки дақиқи қабули қарорҳои сиёсии аз ҷониби ҳокимиятҳои давлатӣ қабулшавандаро фароҳам меоранд. Аз ин ҷост, ки агар кушода будани ҳокимияти давлатӣ ба хусусиятҳои фаъолияти худи он вобастагӣ дошта бошад, дараҷаи шаффофияти он бештар ба чигунагии низоми паҳн ва табодули иттилооти сиёсӣ, дар умум воситаҳои ахбори омма тавъам мебошад.

Вобаста ба рушду инкишофи ҷамъият усулҳои идоракунии сиёсӣ ва нақши коммуникатсияи сиёсӣ тағйир ёфта, ба омилҳои гуногуне вобаста дониста мешавад.

Аввалан, бояд зикр намуд, ки аз нуқтаи назари консепсияҳои классикӣ, коммуникатсияи сиёсӣ вазифаи системаи сиёсӣ, яъне таркиби он шуморида мешавад. Бо дарназардошти рушди муттасил ва шаклгирии технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар фазои сиёсат, акнун коммуникатсияҳои сиёсӣ ба сифати падидаи мустақил, на вазифа, балки ҳамчун раванд фаҳмида мешаванд. Яъне, яке аз тамоюли барҷастаи тағйирёбии нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа, пеш аз ҳама, аз вазифаи системаи сиёсӣ ба раванди алоҳидаи сиёсӣ ва шарти устувории он табдил ёфтани падида, вобаста дониста мешавад.

Дуюм, дар раванди афзоиши тақозои омма ба истифодаи неруи институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва ниёзи институтҳои ҳокимияти

давлатӣ ба чораҳои муассири ҷалби шаҳрвандон дар идоракунии давлат накши механизмҳои иртибот (алоқаи ҷавобӣ) низ афзоиш ёфт. Ҳокимият дарк намуд, ки агар он барои иртибот «пӯшида» бошад, он гоҳ наметавонад дар идоракунии сиёсӣ натиҷаҳои самарабахшро интизор шавад, зеро ин ҳолат қобилияти воқеии арзёбии сатҳи дастгирии оммаро барояш заиф мегардонад. Ҳамин тавр, иртибот ба аъзои система имкон дод, ки дар ҳолатҳои муайян фаъолияти худ ва вазъияти ҷомеаро бо дарназардошти афзалиятҳо ва нуқсонҳои ҷойдошта дар вақт ва замони муайян баҳогузорӣ намоянд. Дар ин зина вазифаи коммуникатсияи сиёсӣ аз пахш, интиқол ва қабули яктарафаи иттилоот то ба сатҳи таъмини табодули иттилоот, нишон додани аксуламал ба иттилооти дастрасшуда инкишоф ёфт.

Иртибот дар ҷомеаҳои демократӣ яке аз нишонаҳои озодӣ, шаффофияти ҳокимияти давлатӣ ва омили ҳатмии муносибатҳои дуҷонибаи дастгоҳи давлатӣ ва шаҳрвандон мебошад. Иртибот имкон медиҳад, ки табиати коммуникатсия ва иштирокчиёни он ба таври дуруст ва амиқ дарк карда шаванд. Алоқаи ҷавобӣ, ки раванди коммуникатсиониро таъмин мекунад, механизми муҳиму ҳамоҳангшудаи мавқеи иштирокчиёни равандҳои сиёсиро ташкил медиҳад. Дар ин замина, табодули дутарафаи иттилоот дар равандҳои комуникатсонӣ асоси сиёсати оммавии мақомоти ҳокимити давлатӣ мебошад.

Дар фазои сиёсати оммавӣ иртиботи яктарафа самаранок ҳисобида намешавад. Маҳз иртиботи дуҷониба байни иштирокчиёни муносибатҳои коммуникатситонӣ, ки ба онҳо ҳуқуқи баробари мубодилаи иттилооти дуруст ва пурраро оид ба падидаҳои ҳаёти сиёсӣ, арзишҳо ва ҳуқуқу озодиҳои тарафайн фароҳам меорад, шарти ҳатмӣ дониста мешавад. Он меъёри таъмини озодии ҷустуҷӯ, бадасторӣ ва паҳннамоии итилоот дар ҳудуди низоми сиёсии муайян ба шумор рафта, сарфи назар кардани механизми мазкур мавҷудияти изҳори иродаи

сиёсии озодро миёни шаҳрвандон аз байн мебарад. Дар маҷмуъ, тариқи механизми мавҷуда кушода ва шаффоф будани низоми идоракунии сиёсии ҷомеа ба воқеият табдил ёфта, назорати омма аз болои ҳокимият таъмин мегардад.

Дар раванди коммуникатсияи сиёсӣ ҷанбаи муҳимро таъмини усутвории тамоми низоми сиёсӣ ташкил медиҳад. Сатҳи устуворӣи низоми сиёсӣ бошад, ба он вобаста аст, ки то куҷо қарори аз ҷониби мақомоти ҳокимяти давлатӣ қабулшуда ба талабот ва манфиатҳои умумии ҷомеа ҷавобгӯ мебошанд. Агар баръакси талаботи ҷомеа низоми фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ба амалҳои коррупсионӣ, бюрократия ва иртиботи яктрафа майл кунад, дар он сурат меъёри усутворӣ дар дохили низоми муайян аз байн рафта, коммуникатсияи сиёсӣ дар тамоми шакли мавҷудияташ моҳияти иҷтимоии худро гум мекунад. Зеро зери равандҳои демократикунонии муносибатҳои байниҳамдигарии ҷомеа ва давлат, пеш аз ҳама, фароҳам овардани фазои боварӣ ва ризоият миёни сохтори давлатӣ ва ҷомеа дар назар дошта мешавад.

Ба сифати обзорҳои муҳимтаринини ин марҳилаи рушд, асосан, иштироки шаҳрвандон дар раъйпурсӣ, қабули қарор, арзу шикоят ва муроҷиати онҳо атрофи масъалаҳои умдаи ҳаётию ҷамъиятӣ шомил мешаванд. Ҳарчанд раъйпурсӣ ва иштирок дар интихобот хусусияти доими (ҳаррӯза)–ро доро нестанд, вале арзу шикоят ва муроҷиати шаҳрвандон амалан мунтазам ва доимо ба вуҷуд меоянд. Вобаста ба ин, дар тамоми давлатҳо қонунҳои танзимкунандаи соҳа мавриди амал қарор дода мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» [3] ҳукми амлро соҳиб аст, ки тартиби бо таклифу аризаҳо ва шикоятҳо ба мақомоти давлатӣ ё иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, муроҷиат намудани шаҳрвандон ва тартибу муҳлати баррасии муроҷиатҳои онҳоро муқаррар менамояд.

Зикр бояд намуд, ки марҳилаи сифатан тағйирёбии нақши коммуникатсияи сиёсӣ ба комилшавии технологияи итилоотию коммуникатсионӣ ва аз обзори маҳдуд (танҳо барои истифодаи амалиётҳои ҳарбӣ) ба унсури оммавию иҷтимоӣ табдил ёфтани интернет алоқаманд мебошад. Он асосан ба интиҳои асри XX ва ибтидои асри XXI мувофиқ меояд. Ин марҳила гардиши куллиро дар рушди падидаи коммуникатсияи сиёсӣ ба вуҷуд овард, ки ба чанд омил вобаста мебошад:

1. Дар интиҳои асри XX як қатор давлатҳо, аз он ҷумла кишварҳои пасошӯравӣ ба низоми демократии идоракунӣ рӯ оварданд, ки минбаъд он роҳро барои иштироки васеи халқ дар раванди идоракунии давлатӣ боз кард;
2. Технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ такмил ёфт ва имкониятҳои муосиртарини таъмини робитаи шаҳрвандон байни якдигар ва бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ фароҳам овард;
3. Дар партави равандҳои демократикунонии ҳаёти ҷомеа ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандии моҳиятан ифодакунандаи манифатҳои сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ ба таври бесобиқа ташаккул ва рушд ёфт, ки гузариши сифатан ҷиддиро дар густариши коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун падидаи ҳаёти сиёсӣ боз кард.

Пайдоиши воситаҳои нави алоқа, ки ба меҳвари ҷомеаи иттилоотӣ табдил ёфтаанд, тағйироти саифатан навро дар коммуникатсияи сиёсӣ ба амал оварданд. Паҳншавии технологияи компютерӣ сабаб шуд, ки технологияҳои нави сиёсӣ ба вуҷуд омада, роҳҳои нави муносибаҳои байни шаҳрвандон, иштироки онҳо дар идоракунии давлатӣ кор карда баромада шаванд. Ҳамаи ин, дар якҷоягӣ роҳро барои рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун меъёри самарнокии идоракунии сиёсии ҷомеа боз намуданд.

Ҷомеаи шаҳрвандӣ роҳи душвореро дар ташаккули иродаи сиёсии шаҳрвандон, ташаббуснокӣ ва иштироки фаъоли онҳо дар равандҳои сиёсӣ паси сар намудааст. Ҷомеаи шаҳрвандиро метавон яке аз субъектони асосии коммуникатсияи сиёсӣ ва обзори муҳимми иҷтимоишавии шаҳрвандон дар замони муосир арзёбӣ намуд.

Ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳарчанд, аз як тараф, новобаста аз давлат фаъолият намуда, таваҷҷуҳи оммаро нисбат ба масъалаҳои муҳимми давлат ва ҷомеа бедор мекунанд, аз тарафи дигар, талабот ба коммуникатсияи дуҷонибаи давлат ва онҳо дар роҳи пайдо намудани иттилооти дақиқ ва объективӣ барои ҳар ду ҷониб зиёд мебошад. Дар натиҷа, зимни мубодила ва ҳамкориҳои дутарафа фазои мусоиди коркарди барномаҳо ва дар умум, санадҳои давлатии муҳимми танзимкунандаи масъалаҳои муҳимми ҳаёти ҷомеа ба вуҷуд меоянд [144, с.41]. Дар маҷмуъ ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ мубодилаи коммуникатсиониро дар байни ҷомеа ва давлат фароҳам оварда, ифодаи ташаккули давраи сифатан нави рушди демократия дар замони муосир мебошад.

Баробари руши воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар ҳаёти шаҳрвандӣ боз ҳам афзоиш меёбад. Аз шакли чопӣ ба электронӣ гузаштани нашрияҳои даврӣ ва дигар шаклҳои иттилоот ва интиқол ёфтани онҳо ба шабакаи интернет ба истифодабарандгон имкон медиҳад, ки дар як вақт анбуҳи зиёди иттилоотро оид ба масъалаҳои мухталифи ҳаёти сиёсию ҷамъиятӣ дастрас намоянд ва дар асоси он дар муҳокимаҳо ва қабули қарори сиёсӣ фаъолона иштирок варзанд.

Барои ҷомеаи шаҳрвандӣ интернет ба фазои инъикоси андешаҳои оммавӣ атрофи масъалаҳои дохилию хориҷии давлат мубаддал шудааст. Илова бар ин, интернет ба он кумак мекунад, ки шаҳрвандон дар масъалаи ҷустуҷӯ, ҷамъоварӣ ва мубодилаи иттилоот аз маъмурон,

сиёсатмадорон ва ҳатто воситаҳои ахбори омма вобастагӣ надошта бошанд.

Интернет дар як вақт нақши ҳам воситаи ахбори омма ва ҳам воситаи интиқоли хабарро иҷро намуда, ба истифодабарандагон имконияти дастрасӣ ба чандин шабакаи коммуникатсияро фароҳам меорад [115, с.66]. Дар баробари ин, интернет имкон медиҳад, ки иртибот ва доду гирифти хабар бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ мустақиман ба роҳ монда шуда, бисёре аз монеаҳои зиёди бюрократӣ бо ин тариқ пушти сар карда шаванд.

Дар партави андешаҳои боло интерент ба электорат ду сатҳи мухториятро тамъин мекунад. Аввалан, он ба истифодабарандагоне, ки аз воситаҳои дигари иттилоотӣ чандон қаноатманд нестанд, имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои дигари иттилоотиро дастрасӣ намоянд. Дуюм, ба онҳое, ки аз шаклҳои анъанавии иштироки сиёсӣ қаноатманд нестанд, фазои бидуни монеаи иштирок дар ҳаёти сиёсиро таъмин мекунад [108, с.21].

Технологияи нави коммуникатсионӣ, аз он ҷумла интернет имкон медиҳад, ки ҳокимияти сиёсӣ дар раванди идоракунии сиёсӣ ба таври бемаҳдуд натиҷаҳои қабули қарорҳои қабулшударо ба омма пешкаш кунад, фикру назари онҳоро мушаххас созад ва онро мавриди татбиқ қарор диҳад. Дар баробари ин, ба намояндагони оппозитсия низ шароит фароҳам меорад, ки идеяҳои худро атрофи масъалаҳои мухталифи давлатию ҷамъиятӣ ба омма пешбарӣ намуда, бо ин васила ҷонибдорони зиёдро ба даст оранд.

Беҳуда нест, ки муҳаққиқон дар замони муосир беҳтар аз интернет дигар навъи коммуникатсияеро намебинанд, ки имкони таҳрири доимии иттилоот, табодули мустақим ва дуҷонибаю бисёрҷонибаро ба субъектони ҷомеа фароҳам меорад.

Дар шароити муосир шаклҳои анъанавии воситаҳои ахбори омма ба шабакаи ҷаҳонии интернет мекӯчанд ва воситаҳои ахбори оммаи

чопӣ ба тадриҷ коҳиш меёбанд. Дар фазои иттилоотӣ ва коммуникатсионию сиёсӣ сарчашмаҳои нави иттилоотӣ, аз қабили подкастерҳо, блогерҳо ба назар расида, ҷойи субъектони дигари иттилоотиро иваз мекунанд. Ин ҳолат, аз як ҷиҳат ҷанбаи мусбат, яъне майдони озодии ақида, андеша ва баёнро тақвият бахшад, аз сӯйи дигар, иттиллооти назоратнашаванда ва бетаҳрир метавонад ба шуур ва рафтори аудитория таъсири манфӣ расонад.

То ин замон шаклҳои мухталифи коммуникатсия ҳамчун шароит ба таъмини талаботи аҳолӣ мусоидат намудаанд. Дар марҳилаи имрӯза бошад, баробари дигар имкониятҳои коммуникатсияи сиёсӣ татбиқи идеяи ҳукумати электронӣ ҳамчун зинаи муҳими коҳиш додани монаеҳои алоқаи ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад. Бо дарназардошти ин, заминаи татбиқи консепсияи ҳукумати электронӣ чор тарҳи коммуникатсияи сиёсӣ дар давлат ба вуҷуд меояд: [35, с.318]

- коммуникатсияи байни институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеа (*government* to *citizen*);
- коммуникатсияи байни дастгоҳи давлатӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ (*government* to business);
- коммуникатсияи дохили ташкилоти давлатӣ ва кормандони он (*government–to–employee*);
- коммуникатсияи байни институтҳои ҳокимитяи давлатӣ (*government* to government).

Ҳамин тавр, аз тули таърих то ба замони муосир зина ба зина ҷомеаи инсонӣ ба дарки он омада расид, ки дар тактика ва стратегияи рушди иҷтимоӣ муколамаи ҳамаи субъектони муносибатҳои ҷамъиятӣ зарур ва ногузир мебошад. Бо ҳамин сабаб нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ бо дарназардошти пешрафтҳои техникию иттилоотӣ ба тадриҷ афзоиш меёбад. Давлатҳо вобаста ба хусусиятҳои низоми сиёсии худ ва фарҳанги сиёсии омма тарзу усулҳои

ҳамзамон хосро дар равандҳои коммуникатсияи сиёсӣ истифода мебаранд.

Дар шароити муосир афкори ҷамъиятӣ омили асосие мебошад, ки ба равандҳои сиёсӣ таъсир мерасонад ва онро вобаста ба шаклҳои зуҳурёбии худ тағйир медиҳад. Дар ҳар маврид воситаи ташаакулёбии он коммуникатсияи сиёсӣ маҳсуб меёбад, ки тариқи системаи иттилотию коммуникатсионӣ ба роҳ монда шудааст. Ҷанбаи моҳиятии чунин шакли муносибатҳои коммуникатсионӣ, пеш аз ҳама, дарки дуруст ва объективии воқеаҳое мебошад, ки дар ҷомеа ва давлат ба вуқуъ меоянд.

Афкори ҷамъиятӣ, ки таҳти таъсири омилҳои гуногун ташаккул меёбад, як навъ «иқлим»-и мусбат ва манфии муайянро метавонад атрофи қарорҳои сиёсӣ эҷод кунад, ки дар ҷомеа ба вуқуъ меоянд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир доштани тасаввуроти амиқ ва объективӣ атрофи ҳар як падиаи ҳаёти сиёсӣ ва равандҳои дар ҷомеа бавуҷудоянда, хусусияти муҳимми стратегиро касб мекунанд. Вобаста ба ин, иттилооти дақиқ дар раванди муносибатҳои коммуникатсионӣ ва таъмини усулҳои муассири коммуникатсияи сиёсӣ дар замони муосир омили стратегии рушди идоракунии сиёсӣ маҳсуб ёфта, ба раванди рушди легитимияти ҳокимияти давлатӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

# Боби II. ШАКЛ ВА УСУЛҲОИ АМАЛИШАВИИ КОММУНИКАТСИЯИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ СИЁСӢ

## 2.1. Технологияи муосири манипулятсияи сиёсӣ дар раванди коммуникатсияи сиёсӣ

Раванди рушди афкори ҷамъиятӣ ва густариши нақши коммуникатсия дар сиёсат имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои васеи коммуникатсияи сиёсӣ ва таъсири он дар системаи муосири идоракунии ҷомеа мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Бар замми оне, ки коммуникатсияи сиёсӣ дар ташаккули афкори одамон нақши назаррас дорад, ҳамчунин яке аз бахшҳои асосии онро раванди манипулятсияи сиёсию оммавӣ ташкил медиҳад.

С.П. Барматова доир ба технологияи муосири манипулятсияи сиёсӣ чунин андеша дорад: «бар зами оне, ки таъсири ошкорои коммуникатсияи сиёсӣ ба ҷомеа, тариқи истифодаи усулҳои анъанавии коммуникатсия, ба роҳ монда мешавад, монанди ташвиқот, таблиғот, рекламаи сиёсӣ ва Public Relations (PR), аксар вақт дар маъракаҳои сиёсӣ методҳои расонидани таъсири пинҳонӣ ба шуур ва рафтори одамон – методи манипулятсия истифода карда мешавад. Манипулятсияро, ки «идоракунии махфӣ» низ меноманд, метавон дар бештари мавридҳо омили муайянкунандаи усулҳои анъанавии коммуникатсияҳои болозикр арзёбӣ намуд. Зеро дар тамоми шакли коммуникатсияи сиёсӣ манипулятсия метавонад ба сифати обзори боваркунонӣ истифода шавад. Технологияи тарғибот ва манипулятсия, ки яке аз асосҳои идоракунии сиёсии муосир ба ҳисоб меравнд, воқеияти иҷтимоиву сиёсӣ ва нигоҳи оммаро ба он кулан дигаргун месозанд» [102, с. 107].

Дар умум, манипулятсияро ба таври кофӣ дар тамоми зинаҳои ҳаётии инсон, сар карда аз оила то институтҳои ҳокимияти давлатӣ

мушоҳида кардан мумкин аст. Ҳатто дар дилхоҳ реклама унсурҳои манипулятсияро мушоҳида намудан мумкин аст.

Махфӣ ва ба таври пӯшида анҷом ёфтани манипулятсия аст, ки одамон берун аз хоҳиши худ ба иҷрои амале водор карда мешаванд. Фаъолияти ҷодугарон, экстрасенсҳо, фолбинҳо намунаи ошкорои манипулятсия ба маънои ғайрисиёсиаш аст, ки дар шаклҳои гуногуни ба назар мерасад, ки шахс барои манипулятсия шудан худаш қарор мебарорад.

Бо вуҷуди ин, яке аз истифодаҳои маъмули дастгоҳҳои манипулятсиониро метавон дар сиёсат пайдо кард. Ҳокимият, ки қудрат ва қобилияти болои омма бор намудани иродаи худ, таъсир расонидан ва маҷбур карданро соҳиб аст, дар баробари ҳамаи ин, манипулятсия кардани омма низ бо истифодаи мавқеъ, эътибор, ҳуқуқ, дин ва зулм аз ҷумлаи унсурҳои маъмули он маҳсуб меёбанд.

Доир ба сиёсат ва идоракунӣ Никколо Макиавеллӣ дар асари худ «Подшоҳ» андешаҳои асосиеро гирд овардааст, ки аксари ҳокимон дар кори идоракунии худ ҳамчун дастурамал истифода мекунанд. Ӯ манипулятсияро дар сиёсат ва идоракунӣ омили муҳим мешуморад. Яке аз асосҳои хосаи сиёсати пурзӯр ва маккоронаро Макиавелӣ дар вуҷуд доштани манипулятсия медонад. ки ин ҳам бошад баҳри ба даст овардан ва нигоҳ доштани ҳокимият ба воситаи методҳои гуногун мебошад. Дин, ахлоқ, фиреби ҷамъият ва ром намудани эҳсоси омма ба андешаи ӯ унсурҳои муҳими манипулятсия ба ба шумор мераванд.

Макиавеллӣ аз рӯзгори шоҳон мисолҳои зиёдро меорад, ки истифодаи манипулятсия ҷанбаи мусбат касб намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки Александри VI тамоми умр аз фиреб кор мегирифт, аммо ҳар дафъа одамон  тайёр буданд ба ӯ бовар кунанд. Дар тамоми ҷаҳон чунин инсоне набуд, ки баҳри ба даст овардани боварӣ то ин ҳад зиёд

қасам хӯрад, ба ин андоза бисёр боварибахшона ваъда диҳад ва ин қадар кам ба иҷрои ваъдаҳои додаи худ амал намояд.

Бояд дарк кард, ки подшоҳ, алахусус онҳое, ки нав ба мансаби подшоҳӣ расидаанд, аз уҳдаи иҷрои на ҳами он чизҳое, ки омма мехоҳад, баромада метавонанд. Аз ин рӯ, барои нигоҳ доштани давлат маҷбур аст, ки мухолифи меҳрубонӣ ва поквиҷдонӣ амал кунад [47, с.29]. Ҳамин тавр, Макиавеллӣ ва сиёсатшиносоне, ки макиавиллизмро пайравӣ мекунанд, худи сиёсатро санъати манипулятсияи одамон арзёбӣ мекунанд.

Яке аз муҳаққиқони аврупоӣ, ки рушди тарғиботи сиёсиро дар воситаҳои ахбори омма таҳқиқ намудааст, Г. Шиллер мебошад. Ӯ дар асараш «Манипуляторҳои шуур» қайд мекунад, ки «барои муваффақият ҳосил кардан, манипулятсия бояд пинҳон боқӣ бимонад. Муваффақияти манипулятсияро дар он медонад, ки шахси зери таъсири он қарордодашуда воқеаҳоро ҳақиқат шуморида, ба он бовар мекунад. Барои манипулятсия воқеияти қалбакиеро зарур мешуморад, ки воқеияти он ҳис карда нашавад» [89].

Дар навбати худ, олими рус А.И. Соловев «манипулятсияро шакли махсуси таъсири иттилоотӣ меномад, ки бо мақсади пинҳон кардани ҳадафҳои коммуникатор эҷод шуда, шахси таҳти таъсири он қарордошта барои бароварда намудани хоҳишҳо ва манфиатҳои коммуникатор таҳрик карда мешавад. Ба маънии дигар, манипулятсия шакли пинҳонӣ, ноаёни интиқоли иттилоотдиҳӣ ва барномарезии майлу хоҳиши қабулкунда мебошад, ки зимни он иродаи шахс рад ва бо ӯ ҳамчун асбоби бароварда намудани манфиатҳои барояш бегона муносибат карда мешавад» [63].

Г.В. Пушкарев қиёфаи манипуляторро хеле мушаххас баён мекунад: «Монтипулятор ҳамеша ба таъсирраоснии пинҳонӣ кӯшиш намуда, инсонро аз қобилияти танқидӣ нисбат ба қабули иттилоот ва мустақилона фикр намуда қарор қабул кардан, маҳрум месозад» [68].

Бо дарназардошти ин, манипулятсияи сиёсиро метавон таъсири пинҳонӣ ва идоракунии шуури сиёсӣ ва рафтори одамон номид, ки бо мақсади гуногун амалӣ карда мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки «манипулятсияи сиёсӣ ба пуррагӣ махфӣ нигоҳ доштани иттилоотро дар назар надорад, зеро манипулятсияи ошкоро низ яке аз шаклҳои асосии онро ташкил медиҳад, ки дар асоси он мақсадҳои асосӣ аз объект пинҳон карда шуда, ҳадафҳои умумӣ, ки бо мақсадҳои асосӣ дуруст намеоянд, оммавӣ карда мешаванд. Манипулятсияи сиёсӣ ба ҳайси воситаи сафарбарнамоии гурӯҳҳои иҷтимоӣ буда, барои таъмини фаъолияти мустақими низоми сиёсӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, манипулятсияи сиёсӣ дар радифи воситаҳои коммуникатсионие, қарор мегирад, ки бо ёрии онҳо ҳокимият аз ҷонибдории оммавӣ бархурдор мешавад» [102, с. 109].

Ҳамин тариқ, ҳадафи манипулятсияи сиёсӣ ин ба даст овардан, нигоҳ доштан, таҷзия ва татбиқи ҳокимият мебошад, ки тариқи дастгоҳҳои ноаён ва ё бо роҳи пинҳон доштани асли мақсадҳои сиёсӣ амалӣ мегардад.

Дар чаҳорчӯби маъракаҳои сиёсӣ дар аксари мавридҳо, вазифаҳои манипулятор аз ташаккул додани рафтор, андешаҳои мушаххас, стереотипҳо, муносибатҳо, афзалиятҳо ва эътиқодҳои одамон иборат аст, ки ба манфиати субъекти ин маърака равона карда шудааст. Масалан, вазифаи манипулятор дар интихобот метавонад аз бедор кардани майли аҳолӣ барои овоздиҳӣ ба қувваи сиёсии муайян иборат бошад. Дар алоқамандӣ ба ин, манипулятор бояд интизориҳои иҷтимоии аҳолӣ ва дараҷаи дарки онҳоро хуб донад ва дар асоси ин қиёфа ва барномаи сиёсии фаъолияти субъекти маъракаи сиёсиро мувофиқ намояд.

Қайд намудан муҳим аст, ки манипулиятсияи шуури ҷамъиятӣ ҳам дар раванди баргузории маъракаҳои сиёсӣ ва ҳам дар ҳолатҳои ғайриинтихоботӣ, дар идоракунии сиёсӣ ба таври фаъол истифода карда

мешавад. Манипулятсия кардан аз таъсиррасонии ҳокимият бо набудани фармони мустақим, амр, маҷбурнамоии ошкоро, ки иҷрои ҳатмиро тақозо мекунад, дар тафовут қарор мегирад. Дар раванди манипулятсия шахс маҷбурнамоии беруниро эҳсос намекунад, ӯ гумон мекунад, ки худаш қарор қабул карда ва худ чунин тарзи рафторро интихоб намудааст.

А.Ё. Комилбек зикр намудааст, ки «новбаста аз он ки манипулятсия дар ин ё он шакли худ аз давраҳои қадим дар тамоми шаклу зинаҳои идоракунӣ вуҷуд дошт, аз ҷониби аксари муҳаққиқон маъмулан он чун падидаи манфӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Бо вуҷуди ин, муҳаққиқони зиёде бар он ақидаанд, ки дар замони муосир манипулятсияи шуури ҷамъиятӣ яке аз усулҳои асосии таъмини суботи сиёсӣ дар миқёси давлат мебошад» [85, с.83].

Масалан, Афлотун дар сиёсат истифодаи дурӯғ ва фиреби ба манифтаи кор бударо ҷонибдорӣ мекард. Аммо аз паёмадҳои манфии он низ ҳушдор медиҳад, зеро эҳтимол он дарҳол ба одат табдил меёбад.

Тсуладзе бошад, муътақид аст, ки «Манипулятсия метавонад зарур ва ҳатто муфид бошад. Аммо он сарҳаде, ки таъсири мусбати манипулятсия тамом мешавад куҷост? – Маълум нест ва ба ин савол ҳанӯз касе ҷавоб пайдо накардааст» [85, с.142].

Зокиров Г.Н. манипулятсияро ҳамчун фиреби назар, қаллобии сиёсӣ матраҳ намуда, онро ҳамчун низоми танзимнамоии ниҳоии шуур ва ҳадафҳои рафтории сиёсии одамон медонад, ки бо мақсади ба шакли зӯрӣ татбиқ намудани манфиатҳои худ тавзеҳ намудааст. Муҳаққиқ низ ба ин ақида аст, ки манипулятсияро набояд кулан падидаи манфӣ баҳогузорӣ кард: «Дар сиёсат рӯ ба фиребу дурӯғ овардан тасодуфӣ ва иштибоҳе нест. Онро ба хотири амали мусбате низ пиёда намудан мумкин аст. Баъзан дар ҳаёти муқаррарӣ одамон дар бораи ҳодиса ё раванде сухани аниқ ё ҳақро ба хотири зиён надидани масъалаи асосӣ

пинҳон медоранд. Ҳатто зарбулмасали халқии «дурӯғи маслиҳатомез беҳ аз рости фитнаангез» чунин муносибатро ҳақ ва раво медонад [37, с.158].

Ба ҷанбаи мусбат доштани манипулятсия ба шарте розӣ шудан мумкин аст, ки элитаҳои сиёсӣ ва доираҳои сиёсии ҳукмрон ба рушди босубот ва пешрафти ҷомеа манфиатдор бошанд. Аммо дар баробари ин, ҳолатҳоеро низ вохӯрдан мумкин аст, ки элитаҳои сиёсӣ субот ва оромиро ҳамчун василаи боваркунонӣ ва манипулятсияи афкори ҷамъиятӣ истифода бурда, ҳадафҳои эгоистии худро дар сиёсат бароварда мекунанд. Суботу оромиро ба меҳвари таблиғоту ташвиқот табдил дода, ҳар гуна эътирози ҷамъиятиро, ки дар заминаи мушкилоти амиқи иҷтимоӣ сар мезананд, чун азбайнбарандаи оромии сартосарӣ дарҳол маҳкум ва саркӯб мекунанд.

Дар сатҳи кул зимни таҳқиқи масъалаи мазкур роҳҳо ва мавқеъҳои асосии манипулятсия дар маҷмуоти коммуникатсияи сиёсиро таҳлил намудан мумкин аст:

– иттилооти воқеӣ аслан зери пардае баромад мекунад, ки дар он шахсони баррандаи маъракаи сиёсӣ бо истифода аз шуури ҷамъиятӣ ва гуруҳи кумакрасон шуури ҷамъиятиро ба таври амиқ ва мақсаднок таҳлил намуда дар ҳошияи он ҷиҳати ташаккул додани андешаҳои шахсӣ барои бадномнамоии қувваҳои мухолифи сиёсӣ, ки дар ҳошияи равандҳо ва қувваҳои гуногуни сиёсӣ ба вуҷуд меоянд, татбиқ менамояд;

– бо мақсади таҳрик додани шиддатнокии иҷтимоӣ ва нооором намудани вазъ дар ҳудуди татбиқи манипулятсия, таъсир расонидан ба соҳаҳои эҳсосбарангези аудиторияи мавриди ҳадаф бо мақсади зиёд намудани шиддатнокии иҷтимоӣ ва барҳам задани субот (ва баръакс таъсир расонидан ба соҳаҳои эҳсосбарангези аудиторияи мавриди ҳадаф баҳри паст наудани шиддатнокии иҷтимоӣ ва таъмини суботи сиёсию иҷтимоӣ дар минтақа ва ё давлат);

– найранг намудани таваҷҷуҳи ҷамъиятӣ ба мавзуъҳои барои

субъекти маъракаи сиёсӣ «муфид» (монанди ҷалб намудани самти таваҷҷуҳи ҷомеа аз мушкилоти умдаи иқтисодӣ ба масъалаҳои амнияти миллӣ);

– гумроҳ намудани мунаққидони сиёсӣ, таҳриф намудани қиёфаи умумии вазъияти ҷорие, ки аз тарафи онҳо аллакай хуб дарк карда шудааст;

– ноаён табдил додани мақсадҳои объекти манипулятсия шаванд ба манфиати субъекти маъракаи сиёсӣ.

Дар замони муосир бо суръат такмил ёфтани фазои маҷозӣ (васоити ахбори омма) ва технологияи наномодернизатсионӣ ҷиҳати истифодаи шуури омма ба воситаҳои манипулятсионӣ рӯзмарра гардидааст. Марҳила ба марҳила такмил ёфтани муносибатҳои инсонӣ ва дар сатҳи олии ихтироотӣ расидан дар баробари дигар воситаҳои иттилоотӣ инчунин шабакаҳои иҷтимоӣ, моҳвораҳо, манбаъҳои электронӣ, ки ба тариқи рунамоӣ ва ё дастрасии чопӣ ва ғайраҳо моҳияти таъсиррасониро ба худ гирифтанд ва марҳила ба марҳила дар пояи такмил ва шинохти мазмуни таъсиррасонии иттилоот моҳияти объективиро касб намуда истодаанд. Равандҳои мазкур ифодагари он аст, ки ҳаёти инсонро бе коммуникатсия тасаввур кардан мушкил мебошад.

Бо дарназардошти он ки технологияи муосири коммуникатсияи оммавӣ қудрат ва имконияти дар дилхоҳ вақт ва дар дилхоҳ макон қобилияти ба инсонҳо додан ва ё расонидани иттилоотро доранд, пас новобаста аз замон ва макон таҳти таъсири манипулятсия қарор гирифтани аудиторияи воситаҳои ахбори омма аз эҳтимол дур буда наметавонад.

Вақте дар бораи воситаҳои ахбори омма ҳамчун унсури асосии коммуникатсияи сиёсӣ сухан меравад, «соҳибон»–и онҳо (давлат, ҳизбҳои сиёсӣ, шахсони алоҳида)-ро сарфи назар кардан ғайримумкин аст. Зеро ҳар яке аз онҳо дар баробари ҳадафҳои умумии таъмини

коммуникатсияи оммавӣ ва иттилоърасонӣ, инчунин дорои сиёсати редаксионию мавқеи худӣ мебошанд, ки ба ҷамъоварӣ, таҳия ва пахши иттилоот то қабули иттилоот аз ҷониби омма таъсири муайян мерасонад. Ҳамин тавр, дар фазои иттилоотӣ, амалан иттилооти «тоза» боқӣ намемонад. Бинобар ин, омма дар аксари ҳолат иттилооти бавосита ва бо дарназардошти манфиатҳо ва ҳадафҳои шахси муайян омодашударо қабул мекунанд.

Воситаҳои ахбори оммаи муосир ба сифати шабакаи асосии коммуникатсияи оммавии манипулятор ва аудиторияи мавриди ҳадаф баромад намуда, иқтидори кофии расонидани таъсири назаррасро на танҳо ба идроки шаҳрвандон, балки ба муносибати онҳо нисбат ба сиёсат соҳиб мебошад. Дар бештари ҳолатҳо нисбат ба ин ё он масъалаи сиёсӣ мавқеи аксарияти аъзои ҷомеа аз мавқеи воситаҳои ахбори омма вобастагии зиёд дорад.

Яке аз нақшҳои асосиро дар ин раванд телевизион иҷро мекунад. Е.Б. Шестопал аз доираи мактаби илмии психологияи сиёсӣ оинаи нилгунро ҳамчун аслиҳаи марказии васоити ахбори омма муаррифӣ намуда, ки дар доираи он давлатҳои ру ба инкишофи муосир ҷиҳати танзимнамоии муносибатҳои сиёсиашон истифода мебаранд.

Тавре ки аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аксарияти аҳолӣ телевизионро ҳамчун шабакаи асосии пайдо намудани иттилоот оид ба ҳаёти сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодию фарҳангӣ мешуморанд.

Дар замони муосир телевизион яке аз воситаҳои асосии коммуникатсионӣ мебошад. Он имконияти зиёди таъсиррасониро соҳиб буда, метавонад доираи зиёди одамонро дар зери тасарруфи хеш нигоҳ дорад. Аз ин хотир бояд ба назар гирифт, ки воситаҳои ахбори омма ва махсусан телевзион дар дасти кист ва барои кӣ хизмат мерасонад.

Ҳамон гунае ки Г. Н. Зокиров қайд менамояд: «Мақом ва нақши ахбори оммаро дар ҳаёти сиёсии ҷомеа якранг маънидод намудан номумкин аст. Ё аз ҷониби дигар воситаҳои ахбори оммаро барои фиреби сиёсӣ истифода намудан мушкилие надорад. Фақат зарур аст, ки вазифаҳои асосии он мавриди омӯзиши амиқ қарор дода шаванд» [37, с.145]. Барои ҷомеа қиёфаи оламро маҳз воситаҳои ахбори омма бозгӯ мекунанд, ки ин ҷиҳат онҳоро ба василаи асосии манипулятсияи шуури оммавӣ табдил медиҳад.

Воситаҳои ахбори омма иттилоотро пайдо мекунанд, мегиранд, усулҳои пахши онро интихоб мекунанд, дар воситаҳои муайяни ахбори омма иттилоотро паҳн ва худашон онро шарҳ медиҳанд. Моҳиятан, воситаҳои ахбори омма ба неруи бузурги истеҳсолкунандаи итилоот монанд буда, тамоми давраи эҷод ва истеъмоли иттилоотро дар миқёси давлат ташаккул медиҳанд.

Дар шароити муосир, ки тӯлу арзи иттилооти дастрасшавандаро чен кардан мушкил мешавад, барои шахс миёни селаи бузурги иттилоот ҷудо намудани дурӯғ аз рост хеле мушкил мегардад. Зиёда аз ин, падидаи «овоза», ки дар тамоми давру замонҳо вуҷуд дошт, баробари ҳаҷми иттилооти ҳаррӯза мавқеи намоён пайдо мекунад. Аз иттилоот овоза пайдо мешавад ва аз овоза хабар. Ҳар ду ҳам дар як маврид метавонанд рост ва ё баръакс дурӯғ бошанд. Шахсе, ки аз хабар худро қаноатманд намеҳисобад, дунболи овозаҳо мешитобад ва нафаре, ки ба овоза эътимод надорад, ба сарчашмаҳои иттилоотӣ таваҷҷух зоҳир мекунад. Ҳамин тавр, ҷомеа ҳамеша итилооти тайёрро истифода мебарад, ки маҳсули асосан воситаҳои ахбори омма аст. Чӣ тавре ки С. Батлер зикр мекунад «ҷомеа андешаи худро мехарад, чӣ тавре ки ширро харидорӣ мекунад, зеро шир нисбат ба оне, ки говро парвариш мекунӣ арзон аст. Вале ин ҷо шир омехтаи об мебошад» [175, с.297]. Ҳамин тариқ, воситаҳои ахбори омма дар соҳаи идоракунӣ, аз ҷумла дар соҳаи сиёсат

имконоти тасаввурнашудании манипулятсияи шуури ҷамъиятиро соҳиб мебошанд.

Дар саросари ҷаҳон мунтазам воқеаҳои гуногун рӯх медиҳанд, аммо онҳо танҳо бо кӯмаки воситаҳои ахбори омма барои ҷамъият муҳим мешаванд. Зеро воситаҳои ахбори омма ба як масъала таваҷҷуҳи ҷомеаро ҷалб карда, дар хусуси масъалаи дигар хомӯширо ихтиёр месозанд ва бо ҳамин шева худашон интихоб карданӣ мешаванд, ки чӣ барои омма муҳим ва чӣ муҳим нест.

Дар айни замон, барои омма дар соҳаҳои иҷтимоӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсӣ, «воқеият» танҳо он чизест, ки дар воситаҳои ахбори омма инъикос ёфтаанд ва дар фазои иттилоотӣ мавҷуданд. Агар иттилоот оид ба равандҳо ва воқеаҳо тавассути воситаҳои ахбори омма пахш нашавад, пас барои ҷомеа ин раванд ва воқеаҳо аслан гӯё вуҷуд надоранд. Дар робита бо ин, хомӯшӣ яке аз воситаҳои пурқуввати манипулятсияи шуури ҷамъиятӣ шуморида мешавад [107, с.95].

Е. Кассирер, моҳият ва механизмҳои амалишавии мифҳоро дар ҷомеа таҳлил намуда, қайд мекунад, ки фарҳанги муосир унсурҳои мифро натанҳо нобуд намекунад, балки онҳоро зери назорати худ қарор додааст: «Дар гузашта миф маҳсули фаъолияти як навъ бешууронаи иҷтимоӣ ҳисобида мешуд. Аммо акнун мифҳо аз ҷониби одамони дорои шуури баланд, мувофиқи нақша офарида мешавад. Онҳо ҳар як қадами худро фикр мекунанд ва хуб медонанд, ки барояшон чӣ лозим аст. Мифҳои муосир на маҳсули ваҳшиёнаи тасаввури бойи инсон, балки маҳсулоте мебошанд, ки аз тарафи ҳунармандони бомаҳорат ва чолок сохта мешаванд» [41, с.64].

Муҳаққиқи қазоқ А. Х. Рамазанова оид ба таъсири мифҳои сиёсӣ ба шакливазкунии муҳити сиёсию иҷтимоии Қазоқистон мавқеи хосаи худро баён намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки кифоя аст, шиоре фикр карда баровarда шавад, аҳаммияти он барои ҷамъият бузург эълон карда

шавад, дар асоси ин шиор, бе дарки амиқи пайомадҳо он барои ҷомеа ва инсон барои дигар кардани воқеиятҳои иҷтимоӣ (гузаронидани ислоҳот) шуруъ гардад. Бо чунин афсонаҳои иҷтимоӣ, Қазоқистон, монанди ҷумҳуриҳои дигари собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба тағйироти гуногуни иҷтимоӣ тела дода шудааст ва «лаборатория»-еро мемонад, ки барои гузаронидани таҷрибаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва сиёсӣ истифода мешавад [142, с.137-140].

Ҳамин тавр, барои ба даст овардани мақсадҳои гуногун, аз он ҷумла расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ, на танҳо дар кишварҳои низомаш пӯшида, балки дар бисёр давлатҳои низоми демократӣ низ аз мифҳои сиёсӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Аз ин рӯ, назорат аз болои воситаҳои ахбори омма яке аз вазифаи меҳварии сиёсие мебошад, ки қудрати ба даст овардан ва нигоҳ доштани ҳокимият аз он вобастагии зиёд дорад.

Дар натиҷаи васеъшавии ҳудуди назорати ҳокимият, ки вобастагии ҷомеа аз инфрасохтори он (гирифтани иҷозат, иҷозатнома, маълумотнома, розигӣ, тасдиқ ва ғайра) ба вуҷуд меояд, мутобиқан бояд ҳудуди масъулияти ҳокимият низ васеъ гардад. Ба васеъ шудани ҳудуди таъсири ҳокимият розӣ шуда, ҳамзамон объекти ҳокимият аз он масъулиятро интизор мешавад. Ҳамин тавр, талабот аз ҳокимият ва интизориҳои иҷтимоии ҷомеа дар муносибат ба масъулияти ҳокимият дар ҳудуди маъмурии он афзоиш меёбад. Маҳз дар ҳамин нуқта байни интизориҳои иҷтимоии ҷомеа ва тамоюли аз масъулият фирор намудани ҳокимият тавлид мешавад, ки дар натиҷа дар ҷомеа норасоии масъулият ва ҷавобгарӣ пайдо мегардад.

Бояд зикр намуд, ки бо худро канор гирифтан ҳокимият наметавонад худро аз масъулиятҳои ба зиммадошта озод созад. Онро лозим мешавад, ки воқеиятҳоро ба омма тавре шарҳ диҳад, ки омма аз ӯ рӯ нагардонад ва ҳудуди таҳти назоратбудааш аз даст наравад. Ҳамин

тавр, ҳокимият фирори худро аз масъулият бо усули зиракона ба роҳ мондани шуда, ба сифати чунин усул манипулятсияи сиёсиро мавриди истифода қарор медиҳад [159, с.27].

Хулосаи ҷузъиёти мазкур чунин фаҳмишро ба вуҷуд меорад: манипулятсияи сиёсӣ яке аз усулҳои худмуҳофизаткунии низоми ҳокимият аз таҳдиди дезинтегратсия буда, дар шароити пасти дараҷаи масъулиятшиносӣ тариқи коммуникатсияи ҳокимият ва ҷомеа амалӣ мешавад. Дар чунин ҳолат манипулятсия ҳамчун дастгоҳи ҳокимият ба тасаввуроти одамон оид ба воқеиятҳои атроф таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Бояд зикр намуд, ки дараҷаи такроршавии воситаҳои манипулятсионӣ бевосита аз дараҷаи норасоии масъулиятшиносии ҳокимият дар назди ҷомеа вобастагӣ дорад. Дар сурати дараҷаи пасти рушди масъулиятшиносии сиёсии институтҳои ҳокимияти давлатӣ коммуникатсия дар сиёсат хосияти яктарафро соҳиб мешавад. Ҳар гуна мурочиатҳо атрофи танзими вазъ инкор карда мешавад ва ба онҳо ҷавоби комилан рад дода мешавад. Ҳокимият кӯшиш мекунад, ки пушти сар намудани танқиди боадолатонаи аҳолӣ, талаботи қонунан асоснокшудаи онҳо, эътирофи зарурати ногузири тағйир додани хислати муносибатҳои ҳокимият бо ҷомеаро на дар асоси дарки ратсионалии манфиатҳои ҷомеа ва давлат, балки бе алтернативаи ҷавоби сазовор бо роҳу воситаҳои манипулятсия рад менамояд.

Бо вуҷуди ҳамаи ин манипулятсияро нишонаи заъфи ҳокимият шинохтан хато мебошад. Баръакс, доштани маҳорати манипулятсия ва тавонистани он аз дараҷаи баланди касбияти ҳокимият шаҳодат медиҳад.

Манипулятсия наметавонад мудом хусусиятҳои махфӣ будани худро ҳифз кунад. Замон ва макон асли моҳияти онро барои омма бозгӯ мекунад. Дар чунин маврид ҳокимияти сиёсиро боз лозим меояд, ки

барои рӯпӯш намудани манипулятсияи ошкоршуда манипулятсияи дигарро мавриди татбиқ қарор диҳад.

Ҳамин тавр, дар таснифоти умумӣ ҳифзи манипулятсия аз тарафи омма тариқи ду роҳ муайян карда мешавад: бо роҳи табиӣ ва институтсионалӣ. Усули табиии мубориза бо манипулятсия ва ё монеа гузоштан ба он дар заминаи тафаккури фардӣ ва дастаҷамъӣ ҳосил мешавад. «Маҳз дар заминаи донишҳои азбарнамуда, дараҷаи ҷаҳонбинии сиёсӣ ва ё тавассути мубодилаи афкори гурӯҳӣ шахс метавонад, ки аз моҳияти манипулятсияи сиёсӣ саривақт ва ба таври амиқ огоҳӣ пайдо кунад» [37].

Тариқи институтсионалӣ, пеш аз ҳама, ҳамаи он унсурҳои низоми сиёсиро дар назар дорад, ки ба сифати дастгоҳи баландбардории масъулиятшиносии ҳокимият амал намуда, деманипулятсияро ба вуҷуд меоранд. Инҳо, пеш аз ҳама, оппозитсия, воситаҳои ахбори омма, воситаҳои ахбори ҷавобӣ, назорати демократӣ мебошанд, ки танҳо дар шароити кафолати плюрализм дар ҷомеа натиҷаи дилхоҳ дода метавонанд.

Таҳлилҳо нишон меиҳанд, ки дараҷаи манипулятсия дар сиёсат даргузар ва ивазшаванда буда, аз дараҷаи таъсири ҷомеа ва сатҳи тақозои иҷтимоии онҳо вобастагӣ дорад. Бинобар ин, баҳри мубориза бо манипулятсия кӯшиши бевосита намудан амали чандон самарабахш шуморида намешавад.

Дар шароити муосир технологияи манипулятсияи сиёсӣ вобаста ба имкониятҳои коммуникатсияи сиёсӣ боз ҳам такмил меёбад. Рушди унсурҳои ҷомеаи иттилоотӣ, аз як тараф ба ҳадафи воқеии рушди соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва аз тарафи дигар, ба хотири дар назди омма баланд бардоштани имиҷи ҳокимият ва идоракунии сиёсӣ пеш гирифта мешаванд. Яке аз чунин усулҳоро, пеш аз ҳама, таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва равандҳои сиёсӣ ташкил

медиҳад, ки тавассути ворид намудани технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ба низоми идоракунии давлатӣ анҷом дода мешавад.

Давлатҳо ба хотири баланд бардоштани дараҷаи машруияти худ ва таъмини қонунӣ будани фаъолияти ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, мекӯшанд, ки аз идоракунии давлатии анъанавӣ ба идоракунии давлатии электронӣ рӯ биёранд. Санадҳои гуногуни соҳавӣ оид ба гузариш ба низоми овоздиҳии электронӣ дар интихобот, хизматрасониҳои электронии давлатӣ ба аҳолӣ ва низоми онлайнии робитаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бо мардум қабул карда мешаванд. Пешбинӣ карда мешавад, ки татбиқи воқеии онҳо падидаҳои бюрократия, коррупсия, тақаллубро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба таври назаррас коҳиш дода, ба рушди сазовори пояҳои демократия ва таъмини назорати васеи омма аз болои ҳокимият замина мегузорад. Аммо аксаран онҳо дар рӯйи коғаз боқӣ монда, ҳадафмандона пайгирӣ карда намешаванд. Фақат бо ин шева кӯшиш карда мешавад, ки дар назди омма ва ҷомеаи ҷаҳон симои давлат мусбат нишон дода шавад. Дар ифодаи мардумӣ чунин падида бо ибораи «фиреби назар» маъмул мебошад.

Манипулятсияи сиёсӣ вобаста ба низоми сиёсӣ, режими сиёсӣ, фарҳанги сиёсии омма ва элитаи ҳукмрон дар шаклу усулҳои мухталиф амалӣ мегардад. Аммо ҷанбаи аз ҳама асосӣ дар дарки падида он аст, ки дар ҳеҷ як низом ва ё режими сиёсӣ истифодаи манипулятсияи сиёсӣ инкор карда намешавад. Дар ҷомеаҳои тараққинамудаи демократӣ, ки фарҳанги сиёсии омма низ рушдкарда аст, манипулятсияи сиёсӣ ба таври эҳтиёткорона татбиқ мешавад. Дар сурати акс омма, ки дорои фарҳанги баланди сиёсианд, метавонанд аз моҳияти манипулятсия ва ҳадафҳои аслии он огоҳ шаванд. Зеро яке аз талаботи меҳварии манипулятсия ин расонидани таъсир ба таври пинҳонӣ мебошад.

Дар низомҳои пӯшидаи сиёсӣ бошад, пай бурдани манипулятсияи сиёсӣ чандон мушкил нест. Ҳатто агар омма онро пай набаранд ҳам, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва воситаҳои ахбори оммаи мустақил бо шеваҳои мухталиф аҳолиро огоҳ карданӣ мешаванд.

Муҳаққиқон дар эҷоди манипулятсияи сиёсӣ нақш доштани хусусиятҳои элитаи сиёсиро аз эҳтимол дур намедонанд. В. Парето дар ин самт ду навъи элитаро нишон медиҳад, ки навъи аввал «шерҳо» ва навъи дуюм «рӯбоҳон» унвон шудаанд. Ба навъи аввали элитаҳо консерватизми канора ва истифодаи методҳои дағалу зӯроварӣ хос аст. Ба навъи дуюм, ки «рӯбоҳон» номида мешаванд, сифатҳои демагогӣ, макру ҳиял, фиреб, комбинатсияҳои сиёсӣ ва ғ. хос мебошанд. Онҳо дар фаъолияти сиёсии худ аз таблиғот ҳамчун воситаи манипулятсияи афкори омма васеъ истифода мебаранд. Новобаста аз ин, ба андешаи В. Парето маҳз дар замони ҳокимияти «рубоҳон» динамизми ҷомеа таъмин мегардад. Давраи ҳукмронии «шерҳо» бештар хосиятҳои замони рукудро мегирад [109, с.25-26].

Дар шароити иттилоотикунонии сиёсат тавъам шудани манфиатҳои ин ё он неруҳои сиёсӣ бо ин ё он воситаҳои ахбори омма раванди ногузир ҳисобида мешавад, ки он ба тағйироти назаррас дар низоми коммуникатсияи сиёсӣ оварда мерасонад. Жанрҳои нави паҳн, табудули иттилоот ва хабар ба вуҷуд меоянд, ки назорат аз болои онҳо ва манипулятсияи шуури омма ба сифати воситаҳои ғайризӯрии расидан ба мақсадҳои сиёсӣ зуҳур мекунанд. Аммо бо дарназардошти тамоюли имрӯзаи рушди коммуникатсияи сиёсӣ, ки тариқи технологияи иттилотӣ ва аз он ҷумла тавассути шабакаи ҷаҳонии интернет амалӣ мешавад, «монополия»–и давлатӣ аз болои манипулятсия ба рукуд рӯ ба рӯ шуд. Вобастагии иттилоотии омма ба воситаҳои ахбори оммаи классикӣ коҳиш ёфт ва интернет нигоҳи якхелаи оммаро ба иттилоот ва хабарҳо дигар кард.

Нақши асосиро дар манипулятсияи афкори ҷамъиятӣ айни замон манипулятсияи семантикӣ иҷро мекунад, ки дар шакли тағйир додани мафҳум ва моҳияти калима зоҳир мешавад. Ҷиҳати асосиро дар ин шакли манипулятсия истифодаи калимаҳои ба мазмуни хабарҳо ва иттилооти паҳншаванда алоқанадошта ташкил медиҳад. Истифодаи чунин калимаҳо ба хотири дигар кардани мазмуни ахбори паҳншаванда ва ҳамин тавр ба дигар ҷанбаи масъала равона намудани фикри омма иборат мебошад. Яке аз чунин мисолҳои манипулятсия дар маъракаи оммавии тағйир додани муносибати аҳолӣ нисбат ба падидаи «мафия» дар Федертсияи Русия ба шумор мерафт. Дар оғози солҳои 90-ум аз телевизионҳо ва нашрияҳо калимаи мафия нест шуда, ба ҷойи он калимаҳои «ҷиноятҳои муташаккил», «бригада» истифода мешуданд.

Хусусияти манипулятсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз истифодаи коммуникатсияи сиёсӣ баҳри таъмини муколамаи самараноки «элита-омма», ташаккули фарҳанги сиёсӣ ва шуури сиёсии оммавӣ, рияои қонун ва дастгирии ислоҳоти давлатӣ аз ҷониби ҷамъият иборат мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби дастгоҳи таблиғотӣ ва воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ се навъи амалишавии манипулятсияи сиёсиро мушоҳида кардан мумкин аст: якум, такрори паҳни иттилооти сиёсӣ, дуюм, худдорӣ намудан аз паҳни иттилоот ва сеюм, хотирасозӣ аз таърих.

Дар навъи якум, маъмулан телевизион ва нашрияҳои расмии даврӣ нақши асосиро иҷро мекунанд. Як иттилоот, ки қабул ва ҷонибдории он аз ҷониби омма зарур шуморида мешавад, пайваста, такрор ба такрор паҳн ва ё нашр карда мешавад ва ҳамин тавр, бо гузашти вақт он дар муҳокимаҳои омма роҳ ёфта, эътирофи умумӣ пайдо мекунад. Дар бештари вақт чунин навъи манипулятсия ҳангоми раъйпурсиҳо,

интихобот ва қабули қонунҳо ва ё ҷорӣ намудани низоми муайяни муносибат ва рафтор ба мушоҳида мерасанд.

Дар навъи дуюм манипулятсия бештар хосияти дур намудани аҳолӣ аз иттилооти хосияти сиёсию амниятидоштаро соҳиб мебошад. Яъне ҳар гуна иттилооте, ки ҷанбаи амниятӣ касб мекунад, пӯшида нигоҳ дошта мешавад ва ё дар шакли умумӣ бе боз намудани ҳамаи ҷузъиёти он пахш мегардад. Дар таҷрибаи кишвар чунин ҳолатҳо ҳангоми сар задани низоъҳо дар минтақаи Рашт ва ВМКБ ба назар мерасиданд.

Дар навъи сеюм, манипулятсия бештар вақте аз худ дарак медиҳад, ки гурӯҳҳо ва неруҳои алоҳидаи сиёсӣ дар кишвар  кӯшиш ба харҷ медиҳанд, то вазъияти сиёсиро ноором кунанд. Кӯшиши онҳо метавонад эҳтимоли ба буҳрон расонидани вазъро ба вуҷуд орад. Дар чунин марвидҳо иддае аз мардум имкон доранд, ки амалҳои онҳоро дастгирӣ кунанд ва ё ба онҳо пайравӣ намоянд. Аз ин рӯ, хотирасозӣ аз ҷанг, барангехтани эҳсоси нафрати омма нисбати ҷангҷӯён ҳамчун шеваи нармӣ пешгирӣ ва хотима додан ба низоъ маҳсуб меёбад. Дар маҷмуъ, ҳар се шеваи манипулятсия як навъ хосияти таъмини «хайрияти умум»-ро соҳиб мебошанд.

Дар замони муосир бавуҷудоии консепсияҳои «ҷанги иттилоотӣ», «амнияти иттилоотӣ», «ҷанги шабакавӣ», «силоҳи шабакавӣ», «ҷангҳои кибернитикӣ», «терроризми кибернетикӣ» моҳияти манипулятсияро низ тағйир дод. Манипулятсия дар чунин равандҳои ҷаҳонӣ ба як навъ ҷанги иттилоотию психологӣ шабоҳат пайдо мекунад. Зеро барои ҷангҳои иттилоотӣ монанди дигар навъҳои муқобилиятҳо дар замони муосир дурӣ ҷустан аз ҷанг ҳамчун бархӯрди ҳарбию сиёсии давлатҳо (субъектони байналхалқӣ) ва гузариш ба стратегияи ҷой намудани арзишҳо, эътиқодҳо, идеалҳо ва захираҳои иттилоотӣ баҳри ба даст овардани ғалаба хос мебошад. Зиёда аз ин, ба «ҷанги иттилоотӣ»

бисёртар хусусияти гуногунсамтӣ, мураккабӣ хос буда, бидуни истифодаи манипулятсия амалишавии он ғайриимкон мебошад.

Падидаи дигаре, ки чаҳорчӯбаи фаҳмиши классикии манипулятсияи сиёсиро боз ҳам фарох мекунад, ин истифодаи «неруи нарм» дар мубориза ҳои сиёсии байналхалқӣ мебошад, ки он маҷмуи воситаҳо ва методҳои ба даст овардани мақсадҳоро дар сиёстаи хориҷӣ бе истифодаи қувва ва силоҳ аз тариқи фишангҳои иттилоотӣ ва дигар шаклҳои ба он монанди таъсиррасонӣ ифода мекунад. Чунин методҳо маъмулан бо мақсадҳои таҳрик додани экстремизм, сепаратизм, миллатгароӣ, манипулятсияи шуури ҷамъиятӣ, дахолати мустақим ба сиёсати дохилии давлатҳои мустақил анҷом дода мешавад.

Дар гузашта низ технологияи манипулятсияи сиёсӣ ҳам дар давлатҳои дорои режими тотолитарӣ ва ҳам дар кишварҳои низомашон демократӣ тамоми роҳҳои имконпазири коммуникатсияро дар бар мегирифт. Чунончи: нашрия, радио, телелвизион, кино, мусобиқаҳои варзишӣ, маъракаҳои фарҳангӣ ва ғайра. Сарфи назар аз Иттиҳоди Шуравӣ, Олмон ва Италия, ки манипулятсияи сиёсӣ ва тарғибот на танҳо дастгоҳи сиёсат ба шумор мерафтанд, балки василаи назорат аз болои ҷомеа маҳсуб меёфтанд, дар ИМА технологияи манипулятсияи сиёсӣ ҳамчун ҷузъи менеҷмент (илм дар бораи идоракунӣ) шуморида мешуд. Натиҷаи таҳқиқоти илмӣ оид ба идоракунӣ баҳри ташаккули шуури сиёсӣ ва баланд бардоштани завқи интихобкунандагон дар равандҳои мухталифи сиёсӣ истифода бурда мешуданд.

Азбаски таъсири технологияи манипулятсияи сиёсӣ натиҷаи муносибатҳои мутақобилаи омилҳои гуногун, чун воситаҳои ахбори омма, вазъияти сиёсию иқтисодӣ, ҳамкориҳои ҷамъиятӣ, таъсири афкори сарварони гурӯҳ, дараҷаи боварӣ ба сарчашмаҳои иттилоот вобаста мебошад, пайдо намудани тасаввуроти умумӣ оид ба манипулятсияи сиёсӣ танҳо тавассути таҳлили якҷояи омилҳои фардӣ, аз он ҷумла

таъсири фарҳанги сиёсӣ, сотсиализатсия ба рафтори инсон ҳосил хоҳад шуд [167, с.98].

Дар таҷрибаи ҷамъиятӣ методҳои гуногуни манипулятсияи шуури омма мавҷуданд, ки тавассути рекламаи сиёсӣ амалӣ мешаванд. Миёни чунин методҳо методҳои ҷудонамоӣ ва маҳдудсозӣ бисёртар маъмул аст. Ин метод дар воситаҳои ахбори омма, бештар дар нашрияҳо ва маҷаллаҳо истифода мешавад. Як маводи ҷолиб дар чандин шумораи маҷаллаҳои таблиғотӣ қисм-қисм нашр карда мешавад ва ҳамин тавр, хонанда ногузир тамоми шумораи он маҷалларо пайгирӣ карда, ҳамзамон бо маводи таблиғотие, ки дар маҷалла нашр карда шудаанд, ошноӣ пайдо мекунад ва ба таври ноаён шуури ӯ зери таъсири маводи таблиғотие мемонад, ки мақсадҳои гуногуни сиёсиро дар бар мегиранд.

Яке аз равишҳои дигари манипулятсия дар замони муосир муболиға мебошад. Дар ифодаи мардумӣ бисёртар чунин равиш бо мақоли «аз пашша фил сохтан» баён мешавад. Як хабар ва ё воқеаи камэътибор бо ҷалби таҳлилагрони ниҳодҳои начандон маъруфи тадқиқотӣ бо таҳлилҳои васеъ пахш карда шуда, мазмун ва аҳамияти он барои аудитория муҳим нишон дода мешавад [32, с.43].

Ҳамин тавр, барои сарфаҳм рафтан ба моҳияти манипулятсияи сиёсӣ якчанд навъҳои асосии технологияи амалишавии онро зикр намудан бамаврид аст аст, ки дар раванди коммуниктсияи сиёсӣ, рекламаҳои сиёсӣ ва маъракаҳои сиёсӣ мавриди татбиқ қарор мегиранд:

**Принсипи таъҷилӣ.** Психологияи омма чунин аст, ки барояш иттилооти аз ҳама пеш пахш ва ё дастрасгардида воқеӣ ҳисобида мешавад ва сонияи тағйир додани ин боварӣ хеле душвор мегардад. Ҳатто агар иттилооти баъд пахшшуда назар ба иттилооти қаблӣ нисбатан воқеӣ ва саҳеҳ бошад ҳам, дигар барои омма чандон қобили қабул нест. Аз ҳамин сабаб чунин равиш дар раванди технологияи манипулятсияи сиёсӣ ба муқобили рақиби сиёсӣ дар интихоботҳо бисёр

моҳирона истифода бурда мешавад. Ҳадафи асосиаш дар шуури интихобкунандагон ташаккул додани андешаи манфӣ, ба ифодаи дигар, ангехтани фитна ва дуюм ба сафедкунӣ водор сохтани рақиб мебошад. Зеро миёни омма чунин стереотип ҷой дорад, ки агар шахс бегуноҳии худро собит карданӣ шавад, пас гунаҳгор аст.

**Зарба аз пеш.** Сари вақт дур намудани мавқеи канораи аҳолӣ нисбат ба иттилоот ва ё қабули қарори сиёсӣ. Масалан вақте, ки ба қабули қонуне иқдом карда мешавад, ки ба манфиати элитаҳои сиёсӣ аст, вале эҳтимол меравад, ки омма онро намепазиранд, идеяи ин қонун дар воситаҳои ахбори омма ба муҳокимаи васеъ кашида мешавад. Омма саргарми муҳокимаи лоиҳаи қонун шуда, муқобилияти худро дар аввал нисбат ба қабули он нишон медиҳад. Бо гузашти вақти муайян аз муҳокимаи зиёд хаста мешаванд ва ба таври ноаён сатҳи зиддияти онҳо поин меравад. Сипас лоиҳаи қонун ба парламент равона мешаванд. Баъди ҳукми амалро гирифтани қонун мавҷи эътирозҳо боз меафзояд, қонун аз нав барои ворид намудани тағйиру иловаҳо фиристода мешавад. Дар ин маврид омма пурра аз муҳокима монда мешавад ва ҳамин тавр, қонун мавриди амал қарор дода мешавад. Технологияи мазкур бештар ба методи мутобиқнамоӣ шабоҳат дорад.

**Шоҳидони ҳол.** Шахсоне пайдо мешаванд, ки бо камоли садоқат кадом як воқеаи беасосро чун ҳақиқат нишон медиҳанд. Манипулятор аз чунин шахсон чун воситаи боваркунонии омма истифода мебарад. Номи ҳақиқии чунин шоҳидон дар аксар маврид махфӣ нигоҳ дошта мешавад. Омма ба чунин шоҳидони беғараз, ки дар муқоиса ба як таҳлилгар ва ё сиёсатмадор нисбатан боварибаш ҳарф мезанад, эътимоди бештар дорад.

**Қиёфасозӣ аз душман.** Бо роҳи эҷоди таҳдиди бофта миёни омма ба вуҷуд овардани эҳсоси тарсу воҳима. Дар чунин ҳолат оммаро идора кардан ва бидуни монеа қабули қарор нисбатан осон аст.

**Ба ҷӯш овардани эҳсос.** Одатан одамон аз селаи иттилооти зиёди сиёсӣ хаста шуда, нисбат ба он бетаваҷҷуҳона рафтор мекунанд. Аз ин рӯ, технологияи ба ҷӯш овардани эҳсос истифода бурда мешавад. Ин метод одатан дар воқеияти шоу, дар телевизионҳо истифода бурда мешавад. Сиёсатмадорон бо овози баланд ва бо эҳас сухан мегӯянд, ки таваҷҷуҳи аудиторияро ба худ ҷалб кунад. Ин ҳолат вақте истифода бурда мешавад, ки зарурат ба таъсирнок нишон додани кадом як масъалаи камаҳамият ба миён меояд.

**Истифодаи сарварони фикрӣ.** Дар чунин ҳолат манипулятсияи афкори омма тариқи сарварони фиркӣ анҷом дода мешавад. Ба сифати сарварони фикрӣ онҳое баромад мекунанд, ки миёни категорияи муайяни одамон нуфузу эътибори зиёд доранд.

**Рост вонамуд сохтан.** Миёни иттилооти рост ва воқеӣ ба таври моҳирона ҷой намудани далелҳои беасос. Омма вақте бо чунин иттилоотро рӯ ба рӯ мешавад, зери таъсири ҷанбаи воқеии он далелҳои беасосро пай намебарад ва ҳамин тавр онро қабул мекунад.

Чунин метод дар шакли дигар миёни сиёсатмадорон истифода бурда мешавад. Бо мақсади он ки омма ба садоқатмандии сиёсатмадор эътимод ҳосил кунад, онҳо кадом як амали кӯчак ва ё ҷанбаи фаъолияти сиёсии худро дар назди омма зери танқид қарор медиҳанд. Худро софдилу ошкор вонамуд карда, ба дили омма роҳ меёбанд ва бо чунин шева мақсадҳои дигари худро миёни аҳолӣ ташвиқ мекунанд.

**Принсипи тазод.** Пахши иттилооти зарурӣ дар заминаи иттилооти манфие, ки қаблан аудитория онро манфӣ қабул кардааст. Аниқтараш дар пасманзари сиёҳ ҳамеша сафед хуб намудор мешавад ва дар пасманзари шахси бад одами хуб ҳамеша тез ба чашм мерасад. Чунин метод дар тарғиботи пешазинтихоботӣ ва пахши хабарҳои телевизионӣ васеъ истифода мешавад. Барои ҷолиб ва хотирмон нишон додани симои номзад дар як вақт симои манфии рақиби ӯ низ нишон дода мешавад.

Ҳамин тавр, манипулятсияи шуури омма ба фоидаи шахси манфиатдор ба вуқуъ мепайвандад.

Дар телевизион бошад, барои гулгулшукуфон нишон додани давлат, кадом як кишвари ҷангзада ва ақибмонда нишон дода шуда, баъдан раванди корҳои ободонӣ ва бунёди сохтмонҳои гуногуни он чун омили барангезандаи ҳисси қаноатмандии оммавӣ инъикос карда мешавад.

**Эътирофи ақаллияти хаёлӣ**. Дар ин ҷо низ бештар хусусияти шуури омма нақш мебозад. Шуури инсонҳо чунин шакл гирифтааст, ки агар амалеро аксарият қабул дошта бошад, пас ӯ низ бояд қабул кунад. Бо ҳамин, ғаризаи танқидӣ ва зиддиятнишондиҳии онҳо аз байн меравад. Бо дарназардошти ин, аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ барои мавриди қабул қарор гирифтани кадом як иқдом омори бардурӯғи аҳолӣ нишон дода мешавад, ки онро дастгирӣ кардаанд, дар асл бошад, ин омор комилан хатост.

**Наздикнамоӣ ба ҳокимият.** Чунин тарзи манипулятсия бештар дар муносибат бо оппозиятися анҷом дода мешавад. Шахсе, ки мавқеи тунди оппозитсионӣ ва дар ҷомеа дорои ҷонибдорони зиёд аст, ба долони ҳокимият роҳ дода мешавад. Ба ӯ вазифаи муносиб пешниҳод мегардад. Ҳамин тавр, бо гирифтани мансаб аз рақиби якрав ба мубаллиғи ҳукумат табдил меёбад. Дар воситаҳои ахбори омма ва дар чорабиниҳои таблиғотӣ бо ҷонибдорӣ аз ҳукумат сухан мегӯяд. Бо ин шева ҳокимияти давлатӣ гӯё «бо як тир ду нишон мезанад», ҳам рақиби сарсахти худро хомӯш месозад ва ҳам ҷонибдорони онро, ки мавқеи зиддиҳукуматӣ доранд, ба худ ром мегардонад.

**Шарҳи яктарафаи воқеа.** Як воқеа ва ё ҳодиса бе нишон додани ҳамаи паҳлуҳои он инъикос карда мешавад ва он ҷанбаеро, ки оммавӣ шуданаш ба имиҷи ҳокимияти давлатӣ латма ворид мекунад, инъикос карда намешавад.

Вобаста ба технологияи амалишавии манипулятсияи сиёсӣ дарк намудан мумкин аст, ки он аз маҷмуи амалҳое чун дурӯғ, тағйир додани фаҳмиш, тарсафканӣ, эҳсосбарангезӣ, тағйирдиҳии иттилоот, шеваҳои софистӣ, аз байн бурдани нуқтаи назари алтернативӣ, таҳқирнамоӣ ва ғайра иборат аст.

Муҳаққиқони рус Орлов М.О. ва Данилов С.А. зимни таҳқиқи ҳамаҷонибаи манипулятсияи сиёсӣ чунин натиҷагирӣ намудаанд: «Баррасии ҷанбаҳои мухталифи манипулятсияи сиёсӣ ва рафтори иштирокчиёни он ба ду натиҷа оварда мерасонад. Якум, барои субъектони сиёсӣ ҳангоми манипулятсия ҷанбаи муҳимро ҷустан ва татбиқ кардани усулҳое ташкил медиҳад, ки ба ӯ имконияти бештари таъсири равонӣ расонидан ба ҷомеа ва пайдо намудани ҷонибдоронро фароҳам меорад» [37, с. 69].

Дуюм, барои ҷомеа бошад, ҷустани ҷавоб ба саволи зер афзалияти бештар пайдо мекунад. «Чӣ гуна метавон аз болои манипулятсияи сиёсӣ назорат намуд ва оид ба равандҳои сиёсии ҷорӣ тасаввуроти амиқ ҳосил кард [159, с. 143]?

Ҳамин тавр, дар ҳаёти сиёсӣ манипулятсия ба сифати яке аз воситаҳои асосии дигаргунсозии афкори ҷамъиятӣ баромад намуда, зина ба зина бо такмил ёфтани воситаҳои баамалбарории коммуникатсияи сиёсӣ дар шаклу усулҳои мухталиф амалӣ мешавад. Агар манипулятсияи сиёсӣ ба хотири татбиқи ҳадафҳои созандаи сиёсию давлатӣ пиёда карда шавад, ба ҷомеа хатаре эҷод намекунад, вале агар ба ҷуз хосияти авомфиребӣ ягон мақсадҳои неки ба манфиати давлат ва омма равонашударо надошта бошад, дар кӯтоҳмуддат эҳтимолияти сар задани бӯҳрони амиқи сиёсӣ дар ҷомеа ва аз байн рафтани асосҳои легитимии ҳокимият аз эҳтимол дур нест. Дар маҷмӯъ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамаи принсипҳои манипулятсияи шуури ҷомеа баҳри муътадилсозии нигоҳи танқидии аудитория ба иттилоот равона карда мешавад.

## 2.2. Хусусияти таъсири коммуникатсионӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва аҳаммияти он дар идоракунии сиёсӣ

Ҳаёти сиёсӣ ва раванди идоракунии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунии рушди худ, аз коммуникатсия ва таркибҳои иҷтимоии он вобастагии зиёд пайдо кардааст. Зери таъсири омилҳои иттилоотӣ ҷомеа ва давлат ба марҳилаи хоси иҷтимоӣ рӯ ба рӯ шуда истодааст. «Бинобар ин, ҳамаи навъҳои фаъолияти ҷамъиятиро дар шароити муосир метавон фаъолияти коммуникативӣ ва ифодакунандаи иттилооте маънидод кард, ки дар ин ва ё он шакл ба мазмун ва раванди идоракунии сиёсӣ таъсир мерасонанд» [159, с.28].

Пеш аз таҳлили хусусиятҳои таъсири коммуникатсияи сиёсӣ ба идоракунии сиёсӣ дар Тоҷикистон зарур шуморида мешавад, ки робитаи методологии коммуникатсияи сиёсӣ, идоракунии сиёсӣ ва шуури сиёсӣ нишон дода шавад. Зеро дар қисматҳои аввали кори илмӣ асосан масъалаҳо дар сатҳи алоҳида баррасӣ шуда, вазъи баҳамтаъсиррасонии тамоюлҳои болозикр ва механизмҳои робитаҳои байни онҳо дар асоси таҳлили системавӣ анҷом дода нашудаанд. Аз ин рӯ, дар зербоби мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намудан ба ин ҷиҳат мувофиқи мақсад мебошад.

Володенков С.В. бар он назар аст, ки «дар замони муосир аслан идоракунии сиёсӣ бо истифода аз воситаҳои коммуникатсионие амалӣ карда мешаванд, ки роҳҳои гуногун ба афкори ҷамъиятӣ таъсир мерасонад. Новобаста аз он ки падидаи идоракунии сиёсӣ мафҳум ва моҳияти ба худ хосро соҳиб аст, дар низоми илмҳои ҷомеашиносӣ он бештар аз ду ҷиҳат бо ҳам алоқамانданд, ки ин ҳам бошад сиёсат ва идоракунӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Сохторҳои ҷамъиятию сиёсӣ, шахс ва гурӯҳҳои одамон ба сифати объекти идоракунии сиёсӣ баромад мекунанд» [107, с.48]. Муносибати байниҳамдигарии онҳо табиати робитаҳои коммуникатсиониро дар ҷомеа муайян мекунад. Идоракунии

сиёсӣ табиати ягонаи иттилоотию коммуникатсиониро соҳиб буда, шакли бошууронаи идоракунии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад.

«Барои ноил шудан ба мақсадҳои сиёсӣ, субъекти идоракунии сиёсиро зарур аст, ки дар аксар мавридҳо арзишҳои сиёсии объекти идоракуни сиёсӣ: эътиқод ва тасаввуроти шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, қувваҳои сиёсиро зери назорат қарор диҳад ва инчунин ташаккулёбии тарзи рафтори фоиданок ва самарабахшро аз нуқтаи назари талаботи муосири робитаҳои коммуникатсионӣ таъмин созад. Аз ин лиҳоз, дар чаҳорчӯби раванди идоракунии сиёсӣ зарурати интиқоли иттилооти муайян ва таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ пайдо мегардад, ки он маҳз дар заминаи истифодаи технологияҳои боваркунонии коммуникатсионӣ амалӣ карда мешавад» [107, с.48]. Дар натиҷаи истифодабарии технологияҳои боваркунонии коммуникатсионӣ арзишҳои сиёсӣ, воқеиятҳои сиёсию иҷтимоӣ, эътиқоди сиёсӣ ва тарҳи муносибатҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар ҷомеа тағйир меёбанд.

Тақрибан ҳамаи навъи муносибатҳои ҷамъиятӣ хусусияти коммуникатсиониро соҳиб мебошанд ва ҳама гуна муносибатҳое, ки бо коммуникатсия асос меёбанд, дар ин ва ё он шакл ба шуури ҷамъиятӣ ва ҳамин тавр, ба идоракунии сиёсӣ таъсир мерасонанд. Ҳамин формулаи муносибатҳои ҷамъиятӣ собит месозад, ки байни коммуникатсия, шуури ҷамъиятӣ ва идоракунии сиёсӣ ҳамеша робитаи зич мавҷуд буда, шаклан ва мазмунан тағйир ёфтани яке аз онҳо ба тарзу хусусиятҳои амалишавии дутои дигар низ таъсири худро мерасонад. Дар меҳвари ҳамаи ин равандҳо бошад, ҳамеша шуури ҷамъиятӣ қарор дорад. Ҳама гуна кӯшишҳо баҳри ҷустуҷӯи роҳҳои муассири идоракунии сиёсӣ ба он нигаронида шудааст, ки ба шуури ҷамъиятӣ таъсир расонида, бо ин роҳ рафтори ҷамъиятӣ ба нафъи идоракунии сиёсӣ тағйир дода шавад. Чӣ тавре ки яке аз муҳаққиқони барҷастаи соҳаи коммуникатсия – К.И. Ҳовланд дар асари худ «Коммуникатсия ва боваркунонӣ» зикр менамояд,

«тавассути расонидани таъсири коммуникатсионӣ ба намояндагони аудиторияи мавриди ҳадаф, метавон рафтор, ақида, эътиқоди онҳоро нисбат ба объектҳои мухталиф, шахсиятҳо ва рамзҳо тағйир дод. Чунин тарзи боваркунонӣ ва таъсиррасонии коммуникатсионӣ дар аксари маврид аз ҷониби субъектони идоракунии сиёсӣ ҳамчун воситаи бадастории мақсадҳои гузошташуда мавриди истифода қарор дода мешаванд» [177, с. 95].

Коммуникатсияи сиёсӣ ягона воситаи таъсиррасонӣ ба афкори ҷамъияти аст, ки дар тамоми давлатҳо, новобаста аз режимҳои сиёсӣ ва идоракунии давлат истифода мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки идоракунии давлат ва сиёсат дар асоси принсипҳои ҷомеаи демократӣ ба роҳ монда шудааст, ниёз ба чунин воситаи боваркунонӣ бештар мегардад.

Интихоботи президентӣ ва парламентӣ ягона равандҳои сиёсие мебошанд, ки моҳияти масъаларо бештар мегардонад. Яке аз режимҳои муносиб барои коммуникатсияи сиёсӣ демократия бошад, пас муҳимтарин унсур дар режими сиёсии демократӣ баҳри таъмини коммункатсияи сиёсӣ интихобот ба ҳисоб меравад. Зеро аҳаммияту зарурати коммуникатсияи сиёсӣ маҳз дар раванди интихоботӣ дақиқ мушоҳида мегардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози соҳибистиқлолӣ то ба имрӯз шаш маротиба интихоботи президентӣ ва парлумонӣ доир гардидааст. Се моҳ пеш аз маъракҳои мазкур тибқи қонунгузорӣ маъракаи тарғибу ташвиқ оғоз шуда, аз тарафи номзадҳо ба президентӣ ва вакили парлумонӣ сабқат шуруъ мегардад. Бовар кунонидани омма, алалхусус интихобкунандагон ба барнома ва ҳадафҳои барномавии номзад ва ё ҳизб аз ҷумлаи масъалаҳои асосӣ мебошанд. Раванди интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки то куҷо субъектони ҳаёти сиёсӣ метавонанд ба ҳамдигар таъсир расонанд. Хусусан, таъсир

расонидан ба шуури сиёсии омма дар ин давра масъалаи актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Интихобот фақат бо маъракаҳои пешазинтихоботӣ анҷом намепазирад, балки марҳилаи муҳими он баъди анҷоми он оғоз мегардад. Бояд бо мардум ва умуман тамоми аҳолӣ коммуникатсияи сиёсӣ ба роҳ монда шавад. Хусусан, дар ин самт интихоботи парлумонӣ омили асосӣ ба ҳисоб меравад. Вакилони мардумӣ аз ҷониби халқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб мешаванд. Коммуникатсияи сиёсие, ки дар раванди интихоботи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меояд, имкони васеъро барои гирифтани иттилооте фароҳам меоранд, ки амалӣ намудани идоракунии сиёсии босамарро ҷанбаи амалӣ мебахшанд.

Дар воқеъ, то он даме ки идоракунанда имкони васеи гирифтани иттилооти боэътимодро оид ба ҷомеа ва равандҳои он соҳиб аст, системаи сиёсӣ ба таври самаранок фаъолият мекунад. Ҳангоми тағйир ёфтани робита бо ҷомеа (ба эътибор нагирифтани фикру ақидаи ҷомеа), кӯшишҳои ҷавобии системаи сиёсӣ ба тағйирёбии муҳити атроф нокифоя ва ноустувор мегардад. Таҷриба нишон медиҳад, ки таъсиррасонии субъекти идоракунии сиёсӣ ба объекти идоракунии сиёсӣ на дар ҳама ҳолат бо тарзи яктарафа анҷом ёфта, балки дар мавриди худ объекти идоракунӣ низ ба субъекти идоракунӣ ва раванди идоракунӣ таъсири назаррас расонида метавонад.

Математик ва файласуфи амрикоӣ Н. Винер раванди болозикрро дар назарияи идоракунӣ «алоқаи ҷавобӣ» [22] ё дар фаҳмиши маъмулии имрӯзааш «робита бо ҷомеа» номгузорӣ намуда буд. Винер чунин мешуморид, ки ҷомеаро танҳо бо воситаи «занг»-ҳои аз он содиршаванда ва дорои хусусияти иттилоотию коммуникатсионӣ, чун ибрози андеша, тарзи рафтор ва ғайра дарк намудан мумкин аст [23]. Дар чунин навъи фаҳмиш табиат ва хусусияти «алоқаи ҷавобӣ», яъне

алоқаҳои дуҷонибаи байни субъектони идоракунии сиёсӣ ва объектони он ба сифати омили неруманди субот ва ё ноорамии низоми сиёсӣ баромад мекунанд.

Дар таркиби системаи сиёсӣ робита бо ҷомеа ва алоқаи ҷавобӣ аз унсури дугона иборат аст, ки он «даромад» ва «баромад» номида мешавад. Даромад – аксуламали ҷомеа нисбат ба фаъолияти системаи сиёсӣ ва баромад–аксуламали системаи сиёсӣ нисбат ба аксуламали ҷомеа маънидод мегардад. Дар мавриди худ Д. Истон, системаи даромадро ба ду навъ – талабот ва дастгирӣ ҷудо мекунад. Дуруст амалӣ шудани ин навъи робита дар низоми идоракунии сиёсии Тоҷикистон аҳаммияти баланди ҷамъиятӣ дорад.

Бояд зикр намуд, ки талаб намудан ва ҷонибдорӣ кардани системаи сиёсӣ падидаи ҳамешагӣ ва маъмулист. Талабот ва ҷонибдорӣ ба он хотир ба категорияи даромад ворид карда мешавад, ки маҷмуи ниёзҳо ва ҷонибдориҳои шаҳрвандон ҳамчун аксуламал ба система интиқол меёбад, яъне ворид мешавад. Ҷомеа аз системаи сиёсӣ баланд бардоштани маош, беҳтар намудани шароити меҳнат, фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва ғайраро талаб мекунад. Агар системаи сиёсӣ ба талаботи ҷомеа ҷавоби қонеъкунанда дода, хоҳишҳои онро бароварда созад, пас мавриди ҷонибдорӣ қарор меёбад. Агар талабот аз ҳад зиёд бошанд, он ба заиф шудани система оварда мерасонад. Парламент ва ё ҳукумат аз рӯйи тавоноӣ қудрати ба ҷо овардани ҳамаи талаботи ҷомеаро аз даст медиҳад. Аз ин рӯ, зарурати идора намудани талаботи ҷомеа ба миён меояд. Сиёсатмадорон, хизматчиёни давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, роҳбарони иттифоқҳои касаба масъуланд, ки талаботи ҷомеаро назорат кунанд, то ниёзҳои барзиёди ҷомеа ба система вазнинии зиёдро ворид насозад. Ин вазифаро тариқи арзишҳои мавҷудаи ҷомеа ва меъёрҳои фарҳангӣ метавон иҷро намуд.

Дар равандҳои мухталифи низоми сиёсию иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тарҳи робита бо ҷомеа ба чашм мерасанд. Дар ин самт кӯшишҳои ҷомеаи шаҳрвандиро ҷиҳати паст ва кам намудани навъҳои андоз, боҷи гумрукӣ, баланд бардоштани музди меҳнат ва ҳалли масъалаҳои ба ин монанди ҷомеаро махсус зикр бояд намуд. Дар ҷавоб ба ҳамаи ин дархостҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чандин маротиба ба Кодекси андоз тағйирот ворид намуд, тақрибан ҳар ду сол музди меҳнати кормандони муассисаҳои давлатӣ баланд бардошта мешавад. Ҳукумат метавонад ҳамаи хоҳишу дархости шаҳрвандонро рад кунад ва пайи ҳалли онҳо ягон фаъолияти судмандро ба анҷом нарасонад, вале чунин равиш тибқи таҷрибаҳои маъмулии давлатдорӣ ба натиҷаҳои фоҷеабори ҷамъиятӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, коммуникатсияи сиёсӣ дар ин ҷо нақши сазоворро иҷро мекунад, зеро он на фақат аз додугирифти иттилоот, балки аз натиҷаҳои ин додугирифт низ сахт алоқаманд мебошад. «Дар шароити ҳозира яке аз омилҳои асосии субот ва оромиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон маҳз ба мавҷудияти ҳамин системаи самараноки коммуникатсияи сиёсӣ арзёбӣ намуд» [107].

Категорияи дуюми даромад – ҷонибдорӣ мебошад, ки барои системаи сиёсӣ на камтар аз категорияи аввал муҳим аст. Шаҳрвандон режими сиёсӣ, ҳокимият ва дигар унсурҳои онро дастгирӣ мекунанд. Дастгирии ҷомеаро метавон дар шаклҳои мухталиф мушоҳида намуд. Масалан, шаҳрванд метавонад ватандӯсти асил бошад, вале дар як маврид нисбат ба режими сиёсӣ нафрат дошта бошад, режими сиёсиро дастгирӣ мекунад, вале ҳокимияти мавҷударо қабул надорад, ҳокимиятро дар маҷмуъ ҷонибдорӣ мекунад, аммо аз фаъолияти ягон институти сиёсӣ, вазорат ва ё кумитаи давлатӣ розӣ нест ва ғайра.

Ин тарзи муносибатро миёни қишрҳои алоҳидаи ҷомеа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон мушоҳида кард. Барои бозгӯ намудани вазъ фақат таҳлили фазои шабакаҳои иҷтимоӣ кифоя мебошад. Дар

шабакаҳои иҷтимоӣ солҳои охир шаҳрвандон ба таври фаъол мавқеи худро нисбат ба ин ё он самти сиёсат, фаъолияти роҳбарони сохтору идораҳо, Хукумат, мақомоти алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баён намуда, ҷонибдорӣ ва ё мавқеи мухолифи худро баён мекунанд. Он дар шаклҳои гуногун, тариқи саҳифаи шахсӣ ва ё тавассути гурӯҳҳои алоҳида дар шабкаҳои иҷтимоӣ зуҳур мекунад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки фазои шабакаҳои иҷтимоӣ ба обзори неруманди таъсиррасон, пеш аз ҳама, таъсир ба раванди қабули қарор ва шуури омма табдил меёбанд. Дар маънои дигар, натиҷаи коммункатсияи сиёсӣ тағйир додани шууру афкор ва рафтори объект мебошад [154, с.153-165]. Бо ин мақсад баъзе аз вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаҳои худро дар шабкаҳои иҷтимоӣ боз намуда, фикру назари оммаро нисбати масъалаҳои мухталифи ҷомеа мефаҳманд.

Ҳамин тавр, ҳамаи қарорҳое, ки дар ҷавоб ба талабот ва ҷонибдории ҷомеа аз тарафи системаи сиёсӣ қабул карда мешавад, баромад номида мешавад ва он дар мавриди худ, метавонад сарчашмаи талаботи дигари ҷомеа шавад. Хусусияти талаботи такрорӣ аз механизми аксуламали ҷавобии системаи сиёсӣ вобастагии калон дорад.

Дар шакли схема ин тарҳ чунин ба назар мерасад [25, с.204]:




«Робита бо ҷомеа, таъсири объекти идоракунӣ ба субъекти идоракунанда, дар маҷмуъ, хоси ҳама гуна равобити муосири иҷтимоӣ дар давлат мебошад. Вобаста ба хусусиятҳои зоҳиршавиаш, робита бо ҷомеа метавонад яке аз омилҳои асосии ҳифзи суботи режими сиёсии мавҷуда бошад, ё баръакс, метавонад сабаби ноустуворӣ ва нобудшавви

системаҳои сиёсӣ шавад» [107]. Агар он дуруст ба роҳ монда шавад, ба манфиати режими сиёсӣ, вале дар сурати сатҳи нокифояи робита бо ҷомеа, таҳдидҳо ба режими сиёсӣ бештар мегардад.

Дар системаи ҷамъиятию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон робита бо ҷомеа ҳамчун воситаи мутобиқсозии фаъолиятҳои ҳадафмандонаи институтҳои ҳокимият бо ҳадафҳо, манфиатҳо ва ниёзҳои намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва имкони ба талаботи ҷамъият мутобиқ сохтани раванди идоракунӣ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти ин навъи фаҳмиш, раванди идоракунии сиёсии муосирро мо метавонем муносибатҳои иттилоотию коммуникатсионии иштирокчиёни равандҳои сиёсӣ, ҷиҳати коркард ва татбиқи якҷояи ҳадафҳои сиёсӣ баҳогузорӣ намоем.

Бояд зикр намуд, ки дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ асосҳои коммуникатсионии идоракунии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси татбиқи ҳама гуна равандҳои идоракунӣ мебошад. Дар ин самт, рушди имкониятҳои технологияҳои коммуникатсияи сиёсӣ, пайдоиши навъҳои муосири он, бевосита шакл ва намунаҳои татбиқи идоракуниро дар амалияи сиёсӣ ба вуҷуд меоранд. Бахусус, сатҳи истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар раванди идораи давлат омили асосии муайянкунандаи хусусиятҳои низоми идоракунии сиёсии муосир дар кишвар мебошад.

Ба андешаи мо, коммуникатсияи сиёсӣ ҳамеша бо мақсади таъсир расонидан ба ин ё он объект амалӣ карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шуури ҷамъиятӣ дар аксар маврид зери таъсири ВАО шакл мегирад ва он ба хусусияти рафтори ҷомеа ва мавқеи ҷамъиятии онҳо нисбат ба ҳодисаҳои сиёсӣ таъсири зиёд мерасонад. Чунин ҷанбаи ВАО дар шароити мавҷудияти селаи бузурги иттилоот, ки қобилияти ифодаи андешаро атрофи ҳар як хабар аз ҷониби омма коста намуда, дар шуури ҷамъиятӣ як навъ халои иттилоотиро ба вуҷуд меорад, аз бисёр ҷиҳат

хислати муайянкунандаро ба худ соҳиб мешавад. Дар натиҷа, талабот ба гирифтани тасаввуроти одӣ, фаҳмо ва бидуни зиддият оид ба олам, ки аз ҷониби воситаҳои ахбори оммаи давлатию мустақил пахш мешаванд, хусусияти аввалиндараҷа ба худ касб менамоянд.

Коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки инъикоси тағйирот дар омӯзиши равандҳои шакливазкуни ҷомеа нақши асосӣ дорад. Бахусус, ин нақш дар давраи гузариши ҷамъиятӣ, ки омилҳои «боваркунонӣ», «сафарбарнамоӣ», «муттаҳидсозӣ» рӯзмарра мегарданд, беш аз ҳарвақта аён мешавад. Дар ин радиф, ҷойгоҳи асосиро воситаҳои ахбори омма соҳиб мешаванд.

Воситаҳои ахбори омма барои иштирокчиёни равандҳои идоракунии сиёсӣ на танҳо ба ҳайси «филтер»-и иттилоотӣ баромад мекунанд, балки ҳамчун воситаи дарки падидаҳо, ҳодисаҳое мебошанд, ки дар ҷомеа қиёфаи сиёсиро ба худ соҳиб шудаанд. Чуноне ки С.Г. Кара–Мурза менависад, дар ҷараёни рӯ ба рӯ шудани омма ба иттилооти муайян, ҳамзамон раванди ба шуури инсонҳо бор ва ё талқин шудани фикри беруна низ рух медиҳад [42]. Андешаи тайёре, ки аз ҷониби воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пахш мешавад, дар раванди дарки падидаҳои сиёсӣ аз тарафи ҷомеа хусусияти ҳалкунанда дорад: он кӯшиши таҳлили чуқур, нигоҳи танқидӣ ба масъала ва ҷустуҷӯи сарчашмаҳои дигарро аз ҷониби истеъмолкунандагони иттилоот аз байн мебарад. Дар натиҷа, омма тадриҷан қобилияти таҳлил намуданро аз даст дода, худро «таслим»–и хулосаҳо, баҳогузориҳо ва натиҷагириҳои воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ месозанд.

Дар замони муосир сарчашмаи асосии бадастории иттилоот барои шумори зиёди сокинони Тоҷикистон телевизион маҳсуб меёбад. Бояд зикр намуд, ки ин давраи рушд ё ба истилоҳи дигар, «теледемокартия» дар манипулятсияи афкори ҷамъиятӣ нақши бузургро соҳиб мебошад. Телевизион чунон маъмул гардидааст, ки дар сиёсатшиносии ғарбӣ

ҳамчун воситаи демократикунонии оммавии ҷомеа арзёбӣ шудааст. Албатта, на танҳо дар ҷомеаи ғарбӣ, балки дар давлатҳои суннатӣ, ба монанди Тоҷикистон, телевизион дар ташаккули афкори омма таъсири назарраси худро дорад, ки ин ҳолат дар низоми муносибатҳои Тоҷикистон низ ба назар мерасад.

Дар робита ба нақши телевизион Н.В. Анохин ба хулосае меояд, ки дар доираи идоракунии муосири сиёсӣ телевизион ба сифати воситаи пешбарандаи ташаккули ҷаҳонбинии сиёсӣ ва идоракунии шуури омма хидмат мекунад [95, с.26]. Чунин ҳолат барои Тоҷикистон низ хос мебошад. Мувофиқи маълумоти расмӣ дар Тоҷикистон 34 ширкати телевизионӣ ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 8-то ҷумҳуриявӣ, 2-то мутааллиқи пойтахт ва 24–тоаш минтақавӣ, аз ҷумла 15-тои он хусусӣ мебошанд. Телевизион дар кишвар чун солҳои пеш ҳамчун навъи оммавитарини воситаҳои ахбори омма нуфузи худро нигоҳ медорад [99, с.137].

Дар оғози соли 2018 ташкилоти ҷамъиятии «Медиа–консалтинг» оид ба «Муайяннамоии бартарии навъҳои воситаҳои ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тадқиқоти сотсиологӣ анҷом додаст, ки дар натиҷаи пурсиш миёни 2200 нафар 93,7 % ҷавоб доданд, ки маъмулан телевизионро тамошо мекунанд. Пурсиш муайн намудааст, ки аксари аҳолии кишвар (65%) ба тамошои телевизионҳои ватанӣ бартарӣ медиҳанд [211]. Ҳамин ҳолат собит месозад, ки телевизион дар низоми идоракунии сиёсии кишвар миёни дигар воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ нақши пешбарандаро иҷро мекунад.

Қаблан низ, соли 2014 аз ҷониби ташкилоти тадқиқотии M–Vector чунин тадқиқот анҷом шуда буд, ки миёни воситаҳои ахбори омма 87%–ашро аудиторияи телевизионҳои ватанӣ ташкил медод. Тавре ки тадқиқот муайян намудааст, аксари аудиторияи телевизион аслан ба деҳот рост меояд.

Ба ин нигоҳ накарда, муҳаққиқон, аз он ҷумла профессор Иброҳим Усмонов ба ин андеша аст, ки телевизионҳои Тоҷикистон ҳамчун воситаи оммавии коммуникатсия бо сабаби кам фаро гирифтани масъалаҳои муҳимми иҷтимоӣ аҳаммияти худро нисбат ба телевизионҳои хориҷӣ аз даст медиҳанд. Тавре ӯ қайд менамояд, баррасии пайвастаи мушкилоти иҷтимоии ҷомеа дар телевизион тақрибан ба назар намерасанд ва сол аз сол мавқеи телевизионҳои ватанӣ дар баробари телевизионҳои хориҷӣ коҳиш мeёбад [211, с. 165].

Воситаҳои ахбори омма дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳама шакли зоҳиршавии худ, дар воқеъ, ба як сарчашмаи тарҳрезӣ ва шарҳу тафсири ҳодисаҳои сиёсӣ, падидаҳо ва шаклдиҳии иттилоот табдил ёфтаанд. Дар пайвастагӣ ба ин, метавон зикр намуд, ки воситаҳои ахбори омма ба сифтаи дастгоҳи неруманди коммуникатсионӣ на танҳо ба шууру афкори ҷомеа таъсир мерасонанд, балки дар натиҷаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ онҳо ба омили асосии таъсиррасони фазои воқеии сиёсат дар Тоҷикистон табдил мeёбанд.

Таҳти таъсири воситаҳои ахбори омма дар як вақт идоракунии сиёсӣ метавонад барои ҷомеа ба таври гуногун арзёбӣ шавад. Маҳз арзёбии хислати идоракунии сиёсӣ дар воситаҳои ахбори омма ва шеваҳои психологии таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ сабаб мешаванд, ки як гурӯҳи истифодабарандагони иттилоот идоракунии сиёсиро демократӣ ва дар айни замон, гурӯҳи дигар, ки нақши оппозитсияро иҷро намуда, берун аз Тоҷикистон қарор доранд, онро ғайридемократӣ меноманд. Яъне воситаҳои оммавии коммуникатсионӣ нигоҳи як ҷомеаро нисбат ба як падида ва объект дар як вақт метавонанд ба таври мухталиф ташаккул диҳанд.

Таъсири бесобиқаи иттиллот ва воситаҳои коммуникатсиониро дар низоми идоракунии давлат ва ҷомеа ба эътибор гирифта, муҳаққиқон мафҳумҳои зиёдро барои инъикоси раванд мавриди истифодаи васеъ

қарор медиҳанд. Имрӯзҳо дар илм якчанд мафҳумҳо, аз он ҷумла «демократияи иштирок намудан», «фазои телекоммуникатсионӣ», «ҷомеаи виртуалӣ», «демократияи коммуникатсионӣ» ва ғайраро вохӯрдан мумкин аст, ки шарҳи ҳамин ҳолат мебошанд [19].

Бояд зикр намуд, ки дар равандаи идоракунии сиёсӣ коммуникатсияи сиёсӣ бо хусусиятҳои гуногун фарқ карда меистад. Чунончи:

- субъектон ва объектҳои коммуникатсияи сиёсӣ дар як маврид субъект ва объекти сиёсат маҳсуб меёбанд;
- коммуникатсияи сиёсӣ метавонад расмӣ, ғайрирасмӣ, кушода ва пӯшида бошад;
- коммуникатсияи сиёсӣ легитимият ва самаранокии ҳокимиятро таъмин мекунад;
- коммуникатсияи сиёсӣ вазифаҳои сиёсиро, чун ташаккули шуури ҷамъиятӣ, сафарбарнамоии омма, муттаҳидсозии ҷомеа ва ғайраро дар ҷомеа ба анҷом мерасонад.

Дар доираи мавзуи баррасишаванда хусусиятҳои охири коммуникатсия, яъне ташаккули шуури ҷамъиятӣ, сафарбарнамоии омма, муттаҳидсозии ҷомеа ба фазои Тоҷикистон бештар муҳим ба назар мерасад. Дар раванди ташаккули шуури сиёсию ҷамъиятӣ рафтори ҷамъиятӣ низ дар кишвар ташаккул меёбад ва ба раванди идоракунии сиёсӣ имкониятҳои васеътарро фароҳам меорад.

Миёни идоракунии сиёсӣ ва шуури ҷамъиятӣ алоқамандии ногусастанӣ мавҷуд мебошад. Аз як тараф, шуури ҷамъиятӣ зери таъсири равандҳои идоракунӣ ташаккул ва таҳаввул меёбад, аз тарафи дигар, сатҳи рушди шуури ҷамъиятӣ, қобилияти баланди дарки сиёсат аз ҷониби одамон ва ниёзҳои иҷтимоии онҳо ба хусусияти идоракунии сиёсӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Бояд қайд кард, ки дар низоми коммуникатсияи сиёсӣ ва равандҳои сиёсии давлат сарвари сиёсӣ ва элитаҳои сиёсӣ мақоми барҷастаро соҳиб мебошанд. Сарвари сиёсӣ воситаҳои коммуникатсиониро барои суботи сиёсӣ, муттаҳидӣ, инчунин баланд бардоштани нуфузи худ, ҳифзи ҳокимият ва сарфарнамоии оммавӣ истифода мебаранд. Дар мавриди худ, шахсият ва симои сиёсии сарвар низ дар аксарияти ҳолатҳо ба воситаи муҳимми коммуникатсияи сиёсӣ табдил меёбад.

Воситаи муносиби ҳифз ва рушди ҳокимият барои сарвар, пеш аз ҳама, ба вуҷуд овардани системаи устувори коммуникатсия мебошад. Барои он ки пешвои сиёсӣ ба ин ё он унсури сиёсат (электорат, афкори ҷамъиятӣ ва ғ.) таъсир расонад, лозим меояд, ки захираҳои гуногунро мавриди истифода қарор диҳад. Маъмулан, ду навъи чунин захираҳо мавҷуд аст: воситаи таъсиррасоние, ки на аз фаъолияти пешво, балки аз мақом, мартабаи расмии ӯ дар ҷомеа вобаста мебошад: ба он ҳокимият, аз он ҷумла, ҳокимияти ҳавасмандгардонӣ ва ҳокимияти ҷазодиҳӣ шомил мешавад, ки тавассути анъана ва ё қонун амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон воситаи таъсиррасоние, ки бевосита ба сифатҳои шахсии пешво алоқаманд мебошанд: ба чунин навъи воситаҳо таъсири шахсӣ (нуфӯз, сифат, рафтор ва биография)-и пешво шомил мешаванд. Ҳар кадоми ин воситаҳои таъсиррасонӣ дар шароити муосир аз тариқи коммуникатсияи сиёсӣ анҷом дода мешавад. Тариқи воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба қиёфа ва сиёсати пешво шуқӯҳу азамати хос зам карда мешавад.

Ташаккули институти Пешво дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аз хосиятҳои болозикр каме фарқ дорад. Институти Пешво на дар заминаи кӯшишҳо баҳри ба даст овардани дастгирии умум, балки дар пояи буҳрони амиқи сиёсӣ ва қудрати ҳалли он, зарурати ба ҷаҳони пешрафта шомил шудани кишвар рӯйи кор омадааст.

Ниҳоди Пешвои миллат дар Тоҷикистон ба таври бисёр табиӣ ва дар

тули беш аз ду даҳсола дар атрофи фаъолият ва корномаи шахсияти тахрихӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ташаккул ёфта, ҳанӯз пеш аз қабули қонуни қабулшуда ба як воқеияти табиӣ ва таърихӣ табдил шуда буд. Мардуми Тоҷикистон шахсияти Эмомалӣ Раҳмонро ба тадриҷ ҳамчун роҳбари тавоною пуртаҷриба ва ҳамчун Пешвои воқеии худ пазируфта, ин мафҳум ва ин мақом дар зеҳни ҷомеа пухта расида буд [41].

«Ғояи сулҳ, оштии миллӣ ва авфу ҳамдигарбахшӣ аз муҳимтарин паёмҳое буданд, ки Сарвари давлат ҳанӯз дар рӯзи аввали интихобаш ба миён гузошта буд ва ин паёмҳо ҷавҳари тамоми барномаю фаъолияти баъдии ӯро ташкил намуданд. Бо тадбир ва талошҳои пайгиронаи ӯ давлатдории миллии тоҷикон аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт. Барқарории сулҳ ва ваҳдати миллӣ боис гашт, ки Тоҷикистон ҳамчун давлат аз хатари нобудӣ наҷот ёбад ва тоҷикон ҳамчун миллат аз вартаи маҳвшавӣ раҳо шаванд» [53].

Дар кӯтоҳтарин замон мақомоти конститутсионии давлатдорӣ барқарор гардид, ниҳодҳои фалаҷшуда эҳё карда шуданд. Тайи ин муддат Тоҷикистони соҳибистиқлол соҳиби сохтори мукаммали идорӣ, ҳукумати коршоям, парлумони касбӣ, Артиши миллӣ, ниҳодҳои босалоҳияти қудратию амниятӣ ва дигар рукну обзорҳои зарурии давлатдории худ гашт.

Аз ин рӯ, дар низоми коммуникатсияи сиёсӣ симо ва нақши Пешвои миллат ҳамчун шахси муттаҳидсоз, ваҳдатофар ва роҳнамои имрӯзу фардои миллат зоҳир мешавад.

Багиров Р.З. нақши коммуникатсияи сиёсиро дар шароити равандҳои муосир ба инобат гирифта, қайд мекунад, ки «дар шароити муосир истифодаи коммуникатсияи сиёсӣ барои мубориза бо хатарҳо ва таҳдидҳои ҷамъиятию байналмилалӣ, аз он ҷумла терроризм, экстремизм ва ғайра низ омили асосӣ ба ҳисоб меравад» [104, с.69-76].

Терроризм ва экстремизм ба сиёсати дохилию байналхалқии давлатҳо омили ҷиддии бавуҷудоварандаи буҳронҳои сиёсӣ мебошанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳам давлатҳо ва ҳам террористону экстремистон дар муборизаҳои зидди якдигар воситаҳои муассири коммуникатсияи сиёсиро мавриди истифода қарор медиҳанд. Ҳар қадар ки хатари падидаҳои мазкур зиёд шавад, ҳамон қадар воситаҳои нави комуникатсияи сиёсии байналмилалӣ ҷустуҷӯ ва мавриди истифода қарор мегирад.

Амали террористие, ки 11-уми сенябри соли 2001 дар Маркази ҷаҳонии савдо ва Пентагон анҷом дода шуд, тамоми давлатҳо, аз он ҷмула Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ташвиш овард. Вазъи бавуҷудомада сабаби ташаккули  афкори ягонаи ҷаҳонӣ ва таъсиси фронти сиёсии байналхалқӣ бар зидди терроризм шуд.

Коммуникатсияи сиёси имкон дод, ки Иттиҳоди неруҳои Атлантикаи Шимолӣ (НАТО) якумин маротиба дар таърихи мавҷудияти худ моддаи панҷуми шартномаи ин иттиҳодро мавриди амал қарор диҳанд, ки дар асоси он ИМА ва иттифоқиёнаш неруҳои ҳарбиро ба хоки Афғонистон ворид намуданд.

Терроризми байналхалқӣ низ коммуникатсияи сиёсиро барои мақсадҳои бузурги сиёсию ҳарбии худ васеъ истифода мекунад. Кӯшишҳои худро ба он равона мекунад, ки ҳар амали содиршаванда ба шуури ҷамъиятӣ таъсир расонад. Махсусан, он амалҳои худро дар ҳошияи маъракаҳои муҳимми сиёсӣ амалӣ мекунад, то равандҳои сиёсиро ба нафъи худ тағйир диҳад. Масалан, соли 2004 дар арафаи интихоботи парлумонӣ дар Испания террористон дар қатораи электрикӣ амалиёти таркишро анҷом доданд, ки дар воситаҳои ахбори омма эътирози васеи ҷомеаи шаҳрвандиро ба вуҷуд овард [201]. Эътирози бавуҷудомада дар воситаҳои ахбори омма то андозае ба электорат таъсир расонид, ки вазъ дар кишвар базудӣ тағйир ёфт, ҳукумат ба

истеъфо рафт ва дар фарҷом Испания неруҳои худро аз Ироқ ихроҷ намуд.

Афзоиши нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар мубориза ба терроризми байналхалқӣ аз нуқтаи назари А.А. Чертополох [153, с.160-161] ба як қатор хусусиятҳои иттилоотии падида вобастагӣ дорад. Якум, терроризм бо шарофати вусъатёбии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ хусусияти байналхалқиро пайдо намуд. Дар натиҷаи чунин воситаҳои техникӣ (мувофиқи принсипи тортанак) террористон имкон пайдо намуданд, ки шабакаи ҷиноии фароміллӣ ва байналхалқиро таъсис диҳанд. Дуюм, воситаи асосии таъсирасонии террористон, таъсиррасонии психологӣ мебошад, ки тариқи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ анҷом дода мешавад. Бо ин роҳ онҳо миёни омма тарсу воҳима меафкананд ва оммаро мудом дар ҳоли ҳарос нигоҳ медоранд.

Дар таҷрибаи байналхалқии муосир низ силоҳи қудратманди террористон воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ маҳсуб меёбад. Чунин навъи терроризм бо номи кибертерроризм бештар маъмул аст. Кибертерроризм на танҳо тариқи иттилоот ба шурри ҷамъиятӣ таъсир расонида, ба равандҳои идоракунии сиёсии ҷомеа монеа эҷод мекунад, балки инфрасохтори иттилоотии давлатҳоро корношоям намуда, бо ин васила мақсадҳои сиёсии худро дар минтақаи муайян татбиқ месозад.

Зарари иттилоотие, ки имрӯзҳо аз терроризм ба вуҷуд меояд, муҳаққиқон аз шумораи фавтидагон ва ҷароҳатбардоштагони амлиёти террористӣ низ чандин маротиба зиёд арзёбӣ мекунанд. Аз ин рӯ, коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун силоҳ дар дасти гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ на камтар аз автомат ва силоҳи тарканда мебошад. Зеро коммуникатсияи сиёсӣ дар дасти гурӯҳҳои харобкор на чун воситаи муттаҳидсозии ҷомеа зери парчами ҳадафҳои мусбати ҷамъиятӣ, балки

обзори ҷудоиафканӣ, барҳамзании субот ва миёни шаҳрвандон ташаккул додани нобоварӣ нисбат ба ҳокимият мебошад [104, с.69-76].

Яке аз муҳаққиқони фаронсавӣ Ги Де–бор мубориза ба муқобили терроризмро як раванди манипулятсияи умумисайёравӣ мешуморад. Ӯ мубориза бо терроризмро намунаи олии тағйир додани шуури омма ва таъсиррасонӣ ба раванди умумиҷаҳонии идоракунӣ арзёбӣ мекунад. Аҳолии ҷаҳон то ин ҳад ба тарсу ҳарос дода шуданд, ки роҳабарияти Амрико имрӯз бидуни монеа дахолати ҳарбиро дар тамоми сайёраи ҷаҳон роҳандозӣ мекунад ва бар замми ин имиҷи худро ҳачун муҳофизи асосии тамаддуни ҷаҳонӣ баланд мебардорад [197].

Ҳамин тавр, вақте давлат назорати шабакаҳои коммуникатсияи сиёсиро аз даст медиҳад ва ё дар иҷрои ин вазифаи стратегӣ заиф мешавад, боварии аҳолиро коста мекунад ва миёни мардум нисбат ба иқтидори давлат дар мавриди таъмини амнияти он шубҳаҳои зиёд ба вуҷуд меоянд. Дар чунин ҳолат ташаббуси ташаккул додани афкори ҷамъиятӣ ба доираи субъектони дигари сиёсат, аз он ҷумла, оппозитсия, мунаққидони ҳукумат ва ғайра интиқол меёбад.

Вобаста ба андешаҳи боло Ю.А. Твирова қайд мекунад, ки «дар шароити муосир аҳаммияти инҳисори давлат аз болои коммуникатсия нисбат ба инҳисори аввалиндараҷаи давлат– истифодаи қонунии қувва чандин маротиба мефзояд» [166, с.91].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бо хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ чун таҷрибаи давлатҳои дигар, омили асосии бавуҷудоии коммуникатсияи сиёсӣ мебошад. Таҳдидҳоро метавон яке аз воситаҳои муассири гирдоварии аҳолӣ атрофи мақсадҳои миллӣ арзёбӣ намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим аст, ки иқтидори коммуникатсияи сиёсиро дар айни замон бар зидди падидаҳои муосир боз ҳам тақвият бахшад. Хусусан, назорати самараноки воситаҳои ахбори оммаи давлатию ғайридавлатӣ хеле муҳим мебошанд. Албатта, ин на ба он

мазмун аст, ки озодии баёни қувваҳои сиёсии ҷомеа маҳдуд карда шаванд, балки ба он хотир аст, ки бояд дар фазои иттилоотии давлат барои андешаҳои бегона ва махсусан ғаразнок ҷой дода нашаванд. Дар кишвар бояд ба вуҷуд овардани нафрати ҷомеа бар зидди падидаҳои манфури олам ва дар ниҳоди ҳар як шаҳрванд ба вуҷуд овардани садоқат ба арзишҳои миллӣ яке аз вазифаҳои асосии коммуникатсияи сиёсӣ шуморида шавад.

Чи тавре ки муҳақиқи рус В.В. Силкин таъкид менамояд, «барои он ки ҳокимият қобилияти иҷрои нақши алоқаи оммавиро баҳри расидан ба мақсадҳои гузошташуда хуб иҷро карда тавонад, дараҷаи салоҳияти коммуникативии хизматчиёни давлатӣ хеле муҳим мебошад [165, с.3].

Воситаҳои ахбори оммаи миллӣ бояд дастгоҳи тарбияи ватандӯстии аҳолии Тоҷикистон бошанд, аммо пеш аз ин бояд омма аз ҷанбаҳои дигари воситаҳои иттилоотӣ, ба монанди иттилооти дурӯғ, манипулятсияи афкори ҷамъиятӣ, дигаргун намудани шарҳи падидаҳо ва равандҳои ҳаёти сиёсӣ аз ҷониби сарчашмаҳои иттилоотии ғаразнок огоҳ карда шаванд.

Системаи миллии воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон на танҳо бояд, ки воқеаву ҳодисаҳоро дуруст шарҳу тафсир намоянд, балки бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ тариқи воситаҳои гуногун онро зебу зиннат дода, баъдан пешкаши омма гардонанд. Яъне вазифаи воситаҳои ахбори омма на танҳо дар сари вақт пешкаш намудани иттилоот, балки аз таъмини ҷолибияти иттилоот, зудҳазмшавӣ ва хусусияти таъсиррасонанда доштани он ба шуури ҷамъиятӣ вобаста мебошад.

Ҳамон тавре ки А.И. Пирогов мешуморад, «давлат бояд дар баробари воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ шабакаҳои нави коммуникатсияи сиёсӣ, аз он ҷумла интернет–форум, блогҳо, чат ва дигар воситаҳои электрониро низ дар раванди идоракунии сиёсӣ

мавриди истифода қарор диҳад. Зеро коммуникатсияи сиёсӣ, аз он ҷумла воситаҳои ахбори оммаи электронӣ захираҳои стратегии давлат мебошанд. Ҳокимияти олӣ тадриҷан ба дасти элитаҳои иттилоотӣ интиқол меёбад, яъне он гурӯҳи шахсоне, ки иттиллотро меофаранд ва истифода бурда метавонанд» [61, с.44].

Ташаккули шуури ҷамъиятӣ на танҳо ба ҳокимият ва сохторҳои он такя мекунад, балки дар баробари мақомоти масъули давлатӣ субъектони дигаре мавҷуданд, ки бо роҳҳои гуногун дар рушди афкори ҷамъиятӣ нақши намоён доранд. Ба ин қабил ташкилот, пеш аз ҳама ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, институтҳои илмию таҳлилӣ ворид мешаванд, ки дараҷаи шуур, афкори ҷамъиятиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, иттилоот ва натиҷаҳои таҳлилии бадастомадаро то ба ҳокимият бурда мерасонанд.

Ҳамин тавр, таъсири коммуникатсия ба шуури ҷамъиятӣ дар раванди идоракунии сиёсӣ дорои аҳаммияти зиёд мебошад. Ҷанбаи асосии масъала бо он вобаста аст, ки миёни коммуникатсия, шуури ҷамъиятӣ ва идоракунӣ робитаи доиравӣ вуҷуд дорад. Рушди яке аз онҳо ба рушди дигаре ва тағйир ёфтани яке ба шакливазкунии хусусиятҳои ташаккулёбии дигаре сабаб мешавад.

Дар ҷомеаи муосир шуури ҷамъиятӣ беш аз пеш зери таъсири коммуникатсияи сиёсӣ қарор мегирад, зеро дар баробари зиёд шудани воситаҳои нави коммуникатсионӣ технологияи коркарди амалинамоии коммуникатсияи сиёсӣ бештар ба назар мерасад. Вобаста ба ин, идоракунии сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба даҳсолаҳои қабл имконияти бештари татбиқи самарноки худро пайдо кардааст. Дар ин радиф, бояд ба эътибор гирифт, ки на танҳо субъектони идоракунии сиёсӣ, балки объекти идоракунии сиёсӣ низ дорои имконоти бештари таъсиррасонӣ ба равандҳои сиёсии кишварро пайдо мекунанд. Аз ин рӯ, тамоми равандҳои идораи ҷамъиятию сиёсӣ дар Тоҷикистон бояд бо

дарназардошти манфиатҳои рӯзмарраи иштирокчиёни ҳаёти сиёсӣ ба роҳ монда шавад. Дар акси ҳол, ҳар ду ҷониб (субъект ва объекти идоракунии сиёсӣ) низ неруи худро баҳри фишори якдигар истифода бурда, ҳаёти сиёсиро зери буҳрони ҷиддӣ қарор хоҳанд дод.

# БОБИ III. ВАЗЪ ВА ДУРНАМОИ ТАЪСИРИ КОММУНИКАТСИЯИ СИЁСӢ ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ СИЁСИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ ва таъсири он ба равандҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон

Сиёсат маҳсули ҳамкориҳо ва муносибатҳои байни субъектони он мебошад. Ҳамкориҳои субъектони ҳаёти сиёсӣ метавонад ҳам дар шакли мусолиҳа ва ҳам дар навъи муборизаи оштинопазир арзи ҳастӣ кунад ва дар кадом шакле, ки амалӣ нашаванд, таъсири гуногунро ба равандҳои сиёсии ҷомеа мерасонанд. «Субъектони сиёсат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мухталиф мебошанд: ба он синфҳои ҷамъиятӣ, умумиятҳои иҷтимоии одамон, давлат, ташкилоти сиёсӣ, институтҳои сиёсӣ, мақомоти ҳокимият, институтҳои ҷамъиятӣ, мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва шаклҳои мухталифи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои иҷтимоӣ ва ғайра дохил мешаванд» [53, с. 172]. Дар раванди фаъолияти худ ҳамаи онҳо ба коммуникатсияи сиёсӣ ниёз доранд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сиёсиро бидуни коммуникатсияи сиёсӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ба маънои дигар, тасаввур намудани фаъолияти сиёсӣ бидуни чунин шакли муносибатҳо дар шароити муосир ғайри қобили тасаввур мебошад. Аз ин рӯ, коммуникатсионии сиёсӣ дар ҳама ҳолат муносибат ва ҳамкориҳои иттилоотии субъектони сиёсиро байни ҳамдигар ва бо ҷомеа ифода мекунад ва дар ин замина, фаъолияти сиёсиро ташаккул ва рушд медиҳад. Зери фаҳмиши ҳамкориҳои коммуникатсионӣ, пеш аз ҳама, мубодилаи иттилооти сиёсӣ миёни субъектони ҳаёти сиёсӣ бо мақсади идоракунии равандҳо ва манипулятсияи афкор дар назар дошта мешаванд.

Ин ҷо лозим аст, ки ба ҷанбаи иттилоотию коммуникатсионии фаъолияти сиёсӣ таваҷҷуҳ намуд. Муносибатҳои байни субъектони сиёсӣ

дар ҷараёни мубориза баҳри ба даст овардан, нигоҳ доштан ва истифодаи ҳокимият, сарфи назар аз хусусиятҳои амалишавиашон–рақобатнок, мусолиҳатомез ва ё бетарафона ҳамеша дар шакли мубодилаи иттилоотӣ зуҳур меёбад. Тамоми ин равандҳои мубодилаи иттилоотӣ дар шакли рамзҳо, сухан, тарзи амалу рафтор, нигоҳҳо ва ғайра амалӣ мешавад, ки он худ ифодаи коммуникатсия мебошад. Ҳамин тавр, дилхоҳ навъи фаъолияти сиёсӣ ченаки коммуникатсионии худро соҳиб мебошад [11].

Ниёзи системаи сиёсӣ аз воситаҳои коммуникатсияи сиёсӣ, субъектони сиёсат, усулҳои қабули қарорҳои сиёсӣ, хусусиятҳои давлат ва дигар омилҳо вобаста мебошад [198]. Ҷумҳурии Тоҷикистон наметавонад дар ҳама ҳолат ва вазъият аз методи маҷбурнамоии легитимӣ истифода кунад, зеро масъалаҳои зиёде ҷой доранд, ки барои ҳалли онҳо истифодаи методҳои дигар, аз он ҷумла боваркунонӣ хосияти ҳатмӣ пайдо мекунад ва он бештар аз тариқи воситаҳои коммуникатсияи сиёсӣ татбиқи воқеии худро пайдо мекунад.

«Солҳои охир бо дастгирии Президенти мамлакат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дигар бахшҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ низ тағйироти куллӣ ба амал омада, аз тарафи Ҳукумат дар самти тағйир ва беҳбуд ёфтани инфрасохтори ТИК ва амалигардии лоиҳаҳо барои татбиқ ва ҷалби ТИК дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа корҳои зиёд ба анҷом расонида шудаанд» [94, с. 159–164].

Тавре ки аз таҳлили мавзуъ бармеояд, дар чаҳорчӯби таҳқиқи коммуникатсияи сиёсӣ мутахассисон равишҳои гуногуни тавзеҳи падидаро мавриди истифода қарор додаанд, аммо дар ҳама гуна хулосаҳои илмии онҳо ҷойгоҳи коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун дастгоҳи идоракунии ҷомеа, воситаи нигоҳдории мавқеи элитаи сиёсӣ дар давлат

ва омили муассири манипулятсияи афкори умум бетағйир боқӣ мемонанд.

Ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ дар пояи андешае асос меёбад, ки мувофиқи он истеҳсол ва паҳннамоии иттилооти ҷамъиятию сиёсӣ набояд дар дасти фақат як нафар актори сиёсӣ қарор дошта бошад. Барои ташаккул додани шуури муштарак нисбат ба равандҳо ва ҳодисаҳои ҳаёти сиёсӣ мубодилаи пайвастаи он байни субъектони ҳаёти сиёсӣ хеле зарур мебошад [146, с.135-137].

«Дар марҳилаи кунунии таҳияи сиёсатгузорӣ коммуникатсияи сиёсӣ дар Тоҷикистон ба сифати раванди пахши иттилооти сиёсие баромад мекунад, ки зимни гардиши иттилоотӣ унсурҳои гуногуни системаи сиёсӣ ба ҳам пайваст карда мешаванд. Дар натиҷаи раванди доимии мубодилаи иттилоот байни шаҳрвандон ва ҳокимият ва ё миёни идоракунандагон ва идорашавандагон созиш ва ҳамгирой ба вуҷуд меояд» [104, с.69-76].

Таркиби сохтории коммуникатсияи сиёсӣ чунин аст: сарчашмаи иттилоот (субъект), шабакаи паҳннамоии иттилоот, восита ва технологияи расонидани иттилоот (объект). Дар ин асос, нақши асосии коммуникатсияи сиёсӣ дар сиёсат ҳангоми амалисозии раванди интиқоли иттилоот дар байни иштирокчиёни равандҳои иттилоотӣ, яъне субъект ва объекти он бештар ба мушоҳида мерасад.

Дар асоси афкори ҷамъиятӣ на танҳо нуқтаи назари оммавӣ ташаккул меёбад, балки нигоҳи фардии ҳар як сокини Тоҷикистон ба ҳодисаҳо ва равандҳо низ тавлид мешаванд. Аз ин рӯ, аз ҳадафҳои асосии таъмини ҳамкориҳои мутақобилаи коммуникатсионӣ байни субъектони ҳаёти сиёсӣ пешгирии ҳолатҳое мебошад, ки зери таъсири эҳсосот, ангезаи равонӣ миёни омма нисбат ба равандҳои сиёсӣ нигоҳи ғайриобъективӣ ташаккул ва рушд меёбад. Аксуламали изтирории давлат дар чунин ҳолат муколамаи осоиштаи байни иштирочиёни

равандҳои мубодилаи иттилоотиро таъмин намуда, то ҳадди имкон нигоҳи ягонаро нисбат ба онҳо эҷод мекунад. Дар акси ҳол, ҷомеа ба низоъи сиёсӣ кашида хоҳад шуд.

Ҷомеаи инсониро ҳамеша низоъҳои сатҳи гуногун ҳамроҳӣ мекунанд. Иттилоот ба субъектони мухталифи раванди низоъ таъсир расонида, бо ин васила муносибатҳои байни онҳоро метавонад шаклан ва мазмунан тағйир диҳад. Дар замони муосир бисёре аз низоъҳо мазмун ва хосияти иттилоотӣ касб мекунанд, ки барои ҳаллу бартарафсозии онҳо, пеш аз ҳама, мудохилаи иттилоотӣ: истифодаи воситаҳои иттилоттию коммуникатсионӣ ба сифати унсури зарурӣ ва муфид баромад мекунанд. Дар вақт ва замони муайян бавуҷудоии низоъ дар дилхоҳ ҷомеа амри маҳол аст. Маҳз бавуҷудоии низоъ дар давлат ва ё ҷомеа масъалаи таъсиррасонӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва бо ин васила идораи равандҳои сиёсиро боз ҳам муҳим мегардонад. Вобаста ба ин, нақши алоқаҳои коммуникатсионӣ дар ҳалли осоиштаи муносибатҳои субъектони низоъ хеле муҳим мебошад.

Хусусияти истифодаи силоҳи иттилоотӣ дар муборизаҳои сиёсӣ дар он зоҳир мегардад, ки тариқи чунин восита ё ғалаба имконпазир мегардад ва ё мақсади гузошташуда бо харҷи камтар ба даст меояд. Рақибро лозим намеояд, ки ҳангоми мубориза бо рақиби сиёсии худ аз қувва ва ё техникаи пуриқтидори ҳарбӣ истифода барад. Дар низоми муборизаҳои сиёсии муосир нисбат ба иқтидори анъанавии ҳарбӣ ба санъати истифодаи силоҳи иҷтимоӣ – иттилоот ҳамчун неруи ҷангӣ бартарии зиёд дода мешавад. Таъсиррасонии иттилоотӣ тавассути таҳоҷуми иттилоотӣ, иғвоандозии иттилоотӣ ва назарфиребии иттилоотӣ раванди инкишофи низоъро суръат бахшида, дар бисёр ҳолат идоракунии онҳоро метавонад ба буҳрон гирифтор намояд. Яъне имрӯз ҳар як субъекти муборизаҳои сиёсӣ имконият дорад, ки бо истифода аз василаҳои технологию иттилоотӣ шуури ҷамъиятиро зери таъсир қарор

дода, динамикаи низоъҳоро ба нафъи худ тағйир диҳад. Бо дарназардошти нақши муайянкунанда доштани воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба шуури ҷамъиятӣ моҳи июли соли 2000-ум дар «Хартияи ҷомеаи ҷаҳонии иттилоотӣ, ки аз ҷониби сарварони «ҳаштгона» дар саммити Окинав қабул шудааст, «технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ яке аз омилҳои муҳимтарин ва таъсиррасон дар ташаккули ҷомеаи асри XXI» эътироф карда шудааст» [1].

Ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ дар ҳар як давлат хусусият ва шаклу тарзи амалишавии ба худ хосро соҳиб мебошад. Хусусияти амалишавии коммуникатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба се ҷиҳат вобаста мебошад.

Якум, сатҳ ва сифати амалишавии коммуникатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи фарҳанги сиёсии шаҳрвандон ва рафтори сиёсии онҳо алоқамандии зич дорад. Яъне коммуникатсияи сиёсӣ инъикосгари фарҳанги мавҷудаи сиёсӣ дар низоми равобити байни субъектони сиёсат мебошад. Ба маънои дигар, «фарҳанги сиёсии шаҳрвандон ва қишрҳои идорӣ аз бисёр ҷиҳат хусусияти коммуникатсияи сиёсиро дар кишвар бозгӯ мекунад. Шакли бархӯрд ба ҳодисаҳо ва равандҳо, аксуламал нишон додан ба қабули қарорҳои сиёсӣ, ибрози андешаҳои иҷтимоию сиёсӣ нисбат а масъалаҳои муайян, тарз ва шеваҳои рафтори шаҳрвандон дар мавридҳои мушаххас, нишон медиҳад, ки дар ҷомеа то кадом андоза коммуникатсияи сиёсӣ ба роҳ монда шудааст» [144, с.41-45].

Дуюм, мазмуну муҳтаво, тарз ва усули амалишавии коммуникатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шакли низоми сиёсӣ вобаста мебошад. «Низоми сиёсӣ фазоест, ки дар он коммуникатсияи сиёсӣ тавлид мешавад, ташаккул меёбад ва рушд мекунад. Вобаста ба ин, ҳамон тавре ки ин фазо сохта шудааст, коммуникатсияи сиёсӣ низ дар қолаби арзишҳо ва анъанаҳои ҳамин фазо амалӣ мешавад. Ҷой доштани

чунин иртиботи арзишӣ миёни низоми сиёсӣ ва коммуникатсияи сиёсӣ имкон медиҳад, ки бо дарназардошти ҳолати яке аз онҳо ба дигараш баҳои воқеӣ дода шавад» [144, с.45].

Дар шароити муосир низоми демократӣ ягона низоме шуморида мешавад, ки дар он таъмини коммуникатсия сиёсии самаранок кафолат дода мешавад. Дар ҷомеаҳои демократӣ, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати демократӣ маҳсуб меёбад, демократияти давлат муайянкунадаи коммуникатсия сиёсӣ ва коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун меъёри баҳогузорӣ ба дараҷаи рушди демократия шинохта мешавад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба он равона карда мешавад, ки фазои сиёсӣ монеаи рушди коммуникатсияи сиёсӣ нашавад ва он озоду бидуни монеаҳои сунъӣ рушд кунад.

Дар амалияи ҷамъиятӣ фазои озоди иттилоотӣ маъмулан се самари бунёдиро дар муносибатҳои ҷомеа ва шаҳрвандон ба вуҷуд оварда метавонад:

а) самараи аввал, ин интихобнамоӣ мебошад, яъне, имконияти интихоби озоди сарчашмаи иттилоот аз ҷониби одамон ба вуҷуд меояд;

б) самари дуюм, иттилоотӣ мебошад, яъне одамон баҳри ба даст оврадани иттилооти сиёсӣ ва иштирок намудан дар сиёсат манфиатдор мегарданд;

в) самараи сеюм, ин рушди муносибатҳои байниҳамдигарӣ ба шумор меравад ё ба мазмуни дигар, хусусияти интерактивии воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра имкон медиҳад, ки иттилоот дар шакли дутарафа миёни истеҳсолкунандагон (нашркунандагони иттилоот) ва истеъмолкунанда (гирандагони иттилоот) мубодила шавад [179, с.38].

Сеюм, коммуникатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба элитаҳои сиёсӣ алоқаманд мебошад. Элитаҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон яке аз субъектони асосии коммуникатсияи сиёсӣ мебошанд. Рафтори элитаи сиёсӣ ва чигунагии нигоҳи онҳо ба зарурати унсурҳои коммуникатсияи

сиёсӣ дар ҳаёти сиёсии давлат моҳияти падидаро муайян мекунад. Рушди технологияи иттилоотию коммникатсионӣ, афзалиятҳои истифодабарии Интернет дар низоми идоракунии давлатӣ, афзоиши сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои элитаҳои сиёсӣ, ки яке аз принсипҳои фаъолияти онҳо бароҳмонии алоқаи мустаҳкам бо гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, имконияти муносиби огоҳӣ пайдо намудан аз мушкилоти гуногуни аҳолӣ, муаррифии худ ва мустаҳканамоии муносибатҳо бо шаҳрвандонро фароҳам меорад. Ба мазмуни дигар, элитаҳои сиёсӣ дар низоми имрӯзаи иттилоотӣ имконоти васеи дастрасӣ ба иттилооти саривақтӣ ва муфассалро атрофи вазъи ҷомеа доро мебошанд. Чунин шароит худ яке аз асосҳои таъмини субот дар ҷомеа маҳсуб меёбад, зеро бе огоҳӣ аз ҳаёти воқеии халқ ва дарки масоили вобаста ба ҳаёти онҳо қабул намудани қарори сиёсӣ ба ноустувории раванди идоракунии сиёсӣ ва бавуҷудоии мушкилоти васеи ҷамъиятӣ оварда расониданаш мумкин аст.

Ҳар се ҷиҳат, ки рушди коммуникатсия бо онҳо алоқамандии зич дорад, зарфият ва қиёфаи умумии коммуникатсияи сиёсиро бозгӯ мекунанд. Хусусиятҳои шаклгирии коммуникатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бисёр маврид аз вазъияти дар даҳсолаҳои охир баамаломадаи иҷтимоию сиёсӣ ва куллан дигаргун шудани низоми сиёсии ҷомеа робитаи қавӣ дорад. Дар ин ҷо на танҳо ташаккули давлатдорӣ, балки дар як маврид, ҷустуҷӯи парадигмаҳои нави идеологӣ низ дар назар дошта мешавад. Раванди мазкур на ба сифати ташаккули зина ба зина ва таҳаввулёбӣ, балки дар заминаи азбайнравии низоми федеративии давлатдорӣ, гузашт аз арзишҳои иҷтимоию идеологӣ ва сохтори иҷтимоии ҷомеа ба вуҷуд омадааст. Ин марҳила ба ибтидои солҳои 90–ум рост меояд.

Дар таърихи сиёсии Тоҷикистони соҳибистиқлол таъсири коммуникатсионӣ ба афкори ҷамъият ва аҳаммияти он ба идоракунии

сиёсӣ хеле назаррас мебошад. Бахусус дар ду даҳсолаи аввал воситаҳои ахбори омма ҳамчун унсури неруманди баамалбарорандаи коммуникатсияи сиёсӣ ба раванди идоракунии сиёсии ҷомеа мақоми хосаро касб намудаанд.

Дар ин давра таваҷҷуҳ ба коммуникатсияи сиёсӣ аз ду ҷиҳат муҳим ба шумор мерафт:

1. Дар ибтидои бадастории истиқлолияти давлатӣ барои бунёди ҷомеаи демократӣ тай намудани чанд марҳилаи гузариш ногузир буданд ба монанди азбайнравии авторитаризм, либераликунонии системавӣ, демократикунонии институтсионалӣ, давраи демократияи ноустувор ва дар интиҳо устувории демократӣ ва ғайра. Яъне дар назди давлати дар ҳоли гузариш қарордошта боз чанд давраи гузариши дохилисистемавӣ ва ҷамъиятӣ дар пеш истода буд. Табиист, ки паси сар намудани ин марҳилаҳои системавӣ ниёзро ба истифодаи васеи коммуникатсияи сиёсӣ ҳамчун обзори мутобиқсозу сафарбаркунанда ва бавуҷудорандаи эътимоду боварӣ миёни омма бештар намуданд.

2. Ҷумҳурии Тоҷикистон зери таъсири омилҳои дохилию хориҷӣ ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Вазъияти буҳронӣ нигоҳи шубҳаомези оммаро ба ояндаи низоми амалкунанда ва зиёда аз ин, худи арзишҳои давлатдорӣ боз ҳам афзуд. Ҳамаи ин боис гардид, ки татбиқи равандҳои нави сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ки баробари ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ оғоз гардида буданд, яъне масъалаи таъмини воқеии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва рушди мустақилонаи он бо дарназардошти талаботи замони нав ба таъхир андохта шуд [12, с. 18]. Фазои шубҳа ва нобоварӣ зарурати истифодаи роҳу усулҳои пурзӯри ҷалби оммаро атрофи идеяҳои солими давлатдорӣ ва инкишофи ояндаи он хосияти ҳатмӣ бахшиданд, ки ба ҳайсӣ чунин неру боз ҳам истифодаи коммуникатсияи сиёсӣ баромад менамуд.

Ҳолат ва хусусияти коммуникатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

– дар низоми коммуникатсияи сиёсӣ нақши калидиро мақомоти давлатӣ иҷро мекунанд, онҳо муайянкунандаи ҳолат ва хусусияти равандҳои коммуникатсионӣ мебошанд;

– ҷомеаи шаҳрвандӣ дар марҳилаи ҳамкории самарабахш бо мақомоти давлатӣ қарор дошта, роҳҳои муносиби ҳалли масъалаҳои идоракунӣ ва масъалаҳои сиёсиро ҷустуҷӯ мекунад;

– қисми муайяни аҳолӣ таҷрибаи иштирок дар муҳокима ва қабули қарорҳои маъмуриро соҳиб нест ва сатҳи нокифояи фарҳанги ҳуқуқию сиёсӣ миёни онҳо ба назар мерасанд;

– ҷой доштани таъсири зиёди анъанаҳои миллӣ ва динӣ, ки ҳазорҳо сол ин ҷониб арзи ҳастӣ доранд ва дар ҳама равандҳои коммуникатсияи сиёсӣ нақши мусбат ва ё манфии худро мегузоранд;

– бо дарназардошти таъсири омилҳои геополитикӣ ва равандҳои дохилии сиёсӣ эҳтимоли зери таъсири манипулятсияи сиёсӣ қарор гирифтани аҳолӣ аз ҷониби қувваҳои беруна мавҷуд мебошад ва ғ.

Бо дарназардошти ин омилҳо муайян кардани хусусиятҳои коммуникатсия сиёсӣ, ҳамбастагии коммуникатсияи сиёсӣ ва таркибҳои гуногуни системаи сиёсӣ дар кишвар нисбатан муносиб ба назар мерасад. Он дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, мубаддалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд.

Бояд зикр намуд, ки баъди бадастории истиқлолият дар тамоми низоми ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бозсозӣ ба вуҷуд омада, он минбаъд ба ташаккули навъи нави коммуникатсияи сиёсӣ замина фароҳам овард. Давлат ба низоми демократии идоракунӣ рӯ оварда, барои он заминаҳои ҳуқуқию меъёрӣ фароҳам оварда шуд, аммо ин гузариши бунёдӣ ба осонӣ ба даст наомад. «Набудани таҷрибаи зарурии

бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳанӯз ҳам зери таъсири идеологияи сотсиализм қарор доштани шуури омма ва нигоҳи шубҳаноки шаҳрвандон ба ояндаи низоми демократӣ раванди бе ин ҳам мураккаби гузаришро якбора душвор менамуданд» [71, с. 39]. Илова бар ин, ба вазъи болозикр ҷанги шаҳрвандӣ зам шуд, ки фазоро барои дарку татбиқи арзишҳои воқеии демократия танг менамуд. Маҳз дар чунин давраи ҳассоси сиёсию иедеологӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ниёзи давлат ва ҷомеа ба унсурҳои коммуникатсияи сиёсӣ боз ҳам афзоиш ёфт.

Ҳар он кишваре, ки ба ҷомеаи демократӣ қадам мегузорад, ниёз ба истифодаи воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онро дорад. Таҷрибаи Тоҷикистони соҳибистиқлол низ нишон медиҳад, ки рӯзномаву маҷаллаҳо ва телевизиону радио ҳамчун яке аз воситаҳои асосии ба афкори ҷомеа таъсиррасон нақши муҳимро иҷро намудаанд.

Дар низоми коммуникатсияи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои ахбори омма ҷойгоҳи асосиро ишғол мекунанд. Воситаҳои ахбори омма обзори тавонои таъмини робита, ҳамбастагӣ, созиш ва эътимоди байни институтҳои ҳокимияти давлатӣ, элитаҳои сиёсӣ ва шаҳрвандон мебошанд. Андешаҳои болоро оид ба нақши воситаҳои ахбори омма ба шуури омма ва дигар паҳлӯҳои муҳимми муносибатҳои ҷамъиятӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониашон дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100–солагии матбуоти тоҷик боз ҳам амиқ баён намудаанд. Пешвои миллат чунин қайд намудаанд: «Имрӯз беш аз пеш маълум мегардад, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷомеаи муосир чӣ гуна бузург аст. Дар ҳақиқат матбуот ва воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд» [147].

Таҳлили мухтасари таърихи воситаҳои ахбори омма ҳамчун унсурҳои муҳимми коммуникатсияи сиёсӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол нишон медиҳад, ки ибтидои солҳои 1990 қонунгузориҳо

оид ба соҳа мавҷуд буданд ва барои қабулу паҳнкунии иттилоот, мустақилияти васоити ахбори омма шароити мусоид фароҳам оварда буданд. Дар ин қонунҳо озодӣ ва мустақилияти матбуот, плюрализм ва гуногунрангии ҷамъиятӣ, тиҷоратӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма дастгирӣ меёфтанд. Бо вуҷуди он, дар давоми солҳои сипаришуда матбуоти тоҷик ин имкониятро дар сатҳи лозимӣ истифода бурда натавонистанд. Ба ҷуз аз як қатор матуботи давлатӣ ва «матуботи зард», ки тавонистанд аз ин озодӣ ба таври всеъ истифода баранд. Инҳо, пеш аз ҳама, нашрияи «Чароғи рӯз», «Растохез», «Адолат», ҳамзамон матбуоти давлатӣ – «Ҷумҳурият» ва «Садои мардум» ба шумор мерафтанд.

Гарчанде онҳо худро чун пешоҳангони сиёсикунии ҷомеа нишон доданӣ мешуданд, бо вуҷуди ин, бисёре аз маводи онҳо хусусияти ихтилофангез ва зиддиинсонӣ низ доштанд, бисёре аз ин маводҳо ноумедӣ ва баъзан зидди манфиатҳои одамон буданд. Дар фаъолияти онҳо шеваи «сиёҳкунӣ», «рекламаи сиёҳ» ба таври васеъ истифода шуда, бо ин васила фаъолияти нафаре ва ё гурӯҳе ба риштаи мазаммат ва таҳқир кашида мешуданд. Дар маҷмуъ, фаъолияти онҳо як навъ ҷанги иттилоотию психологӣ бо ҳукумат, шахсиятҳои сиёсӣ, байни худ ва баъзан бо ҷомеаро мемонд. Дар ин давра қисмати бузурги воситаҳои ахбори омма ба сифати воситаи рақобат ва муборизаҳои сиёсии қувваҳои мушаххас аз худ дарак медоданд.

Маълумотҳои дар боло зикршуда тасдиқ мекунанд, ки воридшавии воситаҳои ахбори оммаи мустақил дар солҳои 1990 ба фазои иттилоотии Тоҷикистон раванди бисёр мураккабро пушти сар намуд. Дар ин давра дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 130 нашрия (асосан давлатӣ) амал мекарданд. Алакай, дар соли 1992 шумораи рӯзномаҳои мустақил ба 30 адад расиданд [79, с.23]. Пас аз истиқлоли давлатӣ касб намудани Тоҷикистон шумораи воситаҳои ахбори оммаи мустақил дар кишвар аз шумораи воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ зиёд шуданд ва аз рӯйи навъбандӣ

воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ, хусусӣ, ҳизбӣ ва соҳавиро ташкил мекарданд.

Масалан, то моҳи ноябри соли 2014 аз 516 номгӯйи рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои дар дохили кишвар нашршаванда, 307–тои он ғайридавлатӣ маҳсуб меёфтанд, аз 68 адад шабакаи радио 49 –то ва аз 11 номгӯи телевизион 10 – тои он ғайриҳукуматӣ буданд [133]. Омори зикршуда собит месозад, ки дар як давраи кӯтоҳи таърихӣ фазои Тоҷикистон аз воситаҳои дохилии иттилоърасон пур гардид. Чунин ҳолат, албатта, ба раванди шаклгирии шуури ҷамъиятӣ бетаъсир набуд. Бахусус, дар даврае, ки омма бар асари вазъи мураккаби сиёсӣ ниёз ба иттилооти бештар ва дақиқтар дошт.

Табиати таъсири коммуникатсионии воситаҳои иттилоотӣ дар аввали солҳои истиқлол аз ду ҷиҳат иборат буд: «Бо роҳу усулҳои гуногун таъсир расонидан ба афкори ҷамъиятӣ; ба даст овардани калиди идораи афкори ҷамъиятӣ ва ҳамин тавр, ба даст овардани зимоми идораи давлат» [94, с.159]. Бо аз байн рафтани идеологияи ягона ва бунёди шуури ҷамъиятӣ дар фазои сиёсию идеологӣ воситаҳои ахбори омма унсури якатозро мемонд, ки шуури ҷамъиятиро бо тарзу услуби ба худ хос ташаккул медод.

Мамлакат дар вазъияте қарор дошт, ки аз як сӯ сохтору мақомоти давлатӣ аз уҳдаи пешгирӣ кардани алангаи ҷанги бародаркуш ва аз вартаи буҳрони амиқи сиёсиву иҷтимоӣ раҳо бахшидани ҷомеа баромада наметавонистанд ва аз сӯи дигар, ба таъхир гузоштани ташкили мақомоти нави ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла интихоби конститутсионии роҳбарияти нави сиёсӣ ғайриимкон буд [19].

Дар марҳилаҳои аввали ташаккули идоракунии давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва атрофи идеяи ягонаи миллию давлатдорӣ ҷамъ овардани омма воситаҳои ахбори омма нақши бағоят созгор гузоштанд. Аз он ҷумла соли 1993 дар овоне, ки қисме аз аҳолии кишвар ба хоки

Афғонистон ва дигар давлатҳои ҳамсоя фирор карданд, барномаҳои телевизионию радиоӣ дар баргардонии гурезагон ва овардани онҳо ба кишвар хизмати шоиста намуданд. Соли 1993 барномае бо номи «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳтар» тавассути радиои Тоҷикистон садо дод ва дар шумораи аввали он Муроҷиатномаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамватанони фирорӣ ҷой дода шуд, ки фишурдааш чунин буд: «…Ҳамватанони азиз, ман ба шумо кӯҳи тилло ваъда намедиҳам. Як бурда ноне, ки дорем, бо ҳам мехӯрем. Пушту паноҳи шумо Ватан аст. Шуморо хонаву даратон, фарзандонатон, хешу таборатон интизоранд… Ба Ватан баргардед, ҳамватанони гиромӣ…!» [19].

Барномаи дуюм низ бо номи «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳтар» ва барномаи сеюм номи «Хоки Ватан»-ро гирифта бо рубоии «Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар» оғоз гардид. Барномаҳои нахуст ҳафтае як маротиба рӯзи сешанбе, аз охири моҳи апрел дар як ҳафта ду маротиба – рӯзҳои сешанбе ва ҷумъа, соати $6^{15}$ ба муддати 45 дақиқа пахш гардида, такроран соати $13^{15}$ дақиқа садо медоданд.

Дар барнома масъалаҳое матраҳ мешуданд, ки баррасии онҳо дар ҳамон шабу рӯз зарур буд ва радио метавонист чун воситаи муқтадири иттилоотию коммуникатсионӣ дар баррасии онҳо мусоидати фаъол намояд: «Аввалан, баргардонидани гурезагон ба Ватан, дуюм, тарғиби сиёсати сулҳҷӯёнаи роҳбарияти олии мамлакат, сеюм, дигаргун намудани афкори сиёсии гурезагон ва тавассути тарғибу ташвиқ дилгарм намудани онҳо барои бозгашт ба Ватан, чаҳорум, ба роҳ мондани набарди иттилоотӣ бар зидди расонаҳои хориҷӣ, ки ҳамвора бар зидди Ҳукумати Тоҷикистон маводи муғризона ва буҳтономез пахш ва Ҳукуматро ҳамчун ҳукумати «коммунистмаоб» нишон дода, онро ба «поккории қавмӣ» муттаҳам мекарданд» [19].

Баъди пахши ҳамагӣ чанд шумораи барнома роғибони он зиёд шуда, маҳбубияташ дучанд гардид, зеро дар ҳар шумораи барнома

гурезагон ба Ватан даъват мешуданд, номаҳои онҳо қироат ва маводи дорои хусусияти ҳамбастагиву даъват ба суботи саросарӣ қироат мешуд.

Президенти Ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон борҳо нақши барномаи «Хоки Ватан»-ро дар ҳамоиши миллӣ ва баргардонидани фирориён, таҳкими сулҳу субот ва худогоҳии миллӣ дар арафаи ҷашнҳои миллӣ зикр намуда, ба нақши он дар як давраи муайяни таърихӣ баҳои баланд додааст. Аз ҷумла, зимни таҷлили 20-умин солгарди Иҷлосияи 16–уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бори дигар нақши таърихии ин барнома зикр гардид: «Ман аҳсант мегӯям ба роҳбарони ҳамонвақтаи Кумитаи телевизион ва радио ва онҳое, ки аввалин шуда ба Душанбе омаданд. Зеро дар он шабу рӯз ҳеҷ кас намехост ба пойтахт равад. Бисёр аъзои Ҳукуматро маҷбур ба пойтахт бурдем. Баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, таъмини онҳо бо маводи ғизоӣ ва ҷои кор, барқарор намудани манзилҳои харобгашта яке аз ҳассостарин лаҳзаҳои раванди сулҳи тоҷикон ва аз ҷумлаи накутарин аъмоле мебошад, ки дар таърихи муосири халқи тоҷик бо чунин натиҷаи нек анҷом ёфт. Дар ин ҷо хизмати бузурги комиссияи ҳукуматӣ оид ба бар гардонидани гурезаҳо калон аст ва ман бояд рӯйирост иқрор шавам, ки барномаи «Хоки Ватан» нақши калон ва хизмати бузург кард. Ман миннатдории худро баён мекунам ба ҳамаи онҳое, ки дар таҳияи ин барнома хизмат карданд» [19].

Бо эътимоди қавӣ метавон гуфт, ки таҷрибаи бадастовардаи барномаи «Хоки Ватан» дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ нахустин буда, дар миқёси байналмилалӣ низ лоиқи дастгирӣ, баррасӣ, омӯзиш ва истифода аст. Муҳимтар аз ин, мо тоҷикон, бори нахуст бо такя ба имкониятҳои бузурги ВАО барои бозгардонидани фирориёни иҷборӣ, тарғиби ғояҳои ваҳдати миллӣ ва ватандӯстӣ роҳе пайдо намудем ва он пуле шуд байни фирориён, давлатмардон ва мардуми диёр. Муҳимтар аз ин, афкори ягонаи миллиро ба вуҷуд овард.

«Барномаи «Хоки Ватан» аз соли 1993 то моҳи декабри соли 1996 беш аз 800 маротиба садо дод. Ҳангоми тадқиқоти бойгонӣ маълум шуд, ки тавассути барномаи мазкур зиёда аз 60 ҳазор нафар аз Тоҷикистон ба хешу ақрабои худ муроҷиат намудаанд (шояд зиёдтар ҳам бошад), 50 ҳазор нафар аз Афғонистон ба пайвандон ва ҳамдиёрони худ номаву паём фиристодаанд. Аз 50 то 60 ҳазор нафар маҳз тавассути барномаи мазкур ҳамдигарро пайдо ва беш аз 600 ҳазор бо таъсири он ба Ватан баргаштаанд» [200].

Бо натиҷагирӣ аз воқеияти дар боло овардашуда, зикр намудан бамаврид аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон телевизион ва радио ҳамчун воситаи самарноки коммуникатсияи сиёсӣ ҷойгоҳи хоса доранд. Дар таҷрибаи давлатдории мустақил ин воситаҳои иттилоотӣ ба сифати унсури асосии сафарбарнамоӣ ва муттаҳидсозӣ, ҳамзамон чун объекти муборизаҳои сиёсӣ баромад намудаанд.

Таҷрибаи нодири истифодаи радио ҳамчун омили коммуникатсияи сиёсӣ, ки дар Тоҷикистон амалӣ шуд, имрӯз низ истифодаи он барои кишварҳои дар ҳоли низоъ, амсоли Ироқ Сурия, Яман ва Афғонистон ба мақсад мувофиқ мебошад.

Ҳанӯз дар даврони ҷанги шаҳрвандӣ афзалияти телевизионро мадди назар қарор дода, моҳи майи соли 1992 ҷонибдорони оппозитсия ба таври иҷборӣ бинои маркази телевизионро дар Душанбе ба ихтиёри худ даровtriданд. Муддати муайян ягона шабакаи телевизион ва радио ба дасти оппозитсия афтода, барои тарғиботу ташвиқоти ҳадафҳои сиёсии онҳо чун воситаи коммуникатсияи сиёсӣ бо пайравон ва ҳамақидагонашон ба таври васеъ истифода бурда шуданд.

Вобаста ба воқеиятҳои хоси ташаккули коммуникатсияи сиёсӣ муҳаққиқи тоҷик А. Е. Комилбеков барои рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол чанд омили асосиро зикр кардааст, ки дар қатори онҳо нақши воситаҳои ахбори омма ва захираҳои иттилоотию технологияи

коммуникатсионӣ дар замони муосир мақоми барҷастаро соҳиб мебошанд [43].

Дар шароити таҳаввулоти иттилоотии муосир он ба силоҳи неруманди гурӯҳҳои манфиатҷӯй, табақаҳои ҳукмрони байналхалқӣ, абарқудратҳо мубаддал гаштааст, ки аксаран дар минтақаҳо ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти байналхалқӣ, тавлид сохтани муаммоҳо ҳамчун муайянкунанда баромад менамояд ва тавассути ҳамлаҳои иттилоотӣ афкори умумро ба худ тобеъ мекунад. Ҳамин тавр, мавқеи коммуникатсия дар сиёсат назаррас буда, дар дӯши хеш рисолати дифои манфиатҳои миллӣ ва давлатиро дорад.

Рушди коммуникатсияи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва санадҳои фарогири соҳа вобастагии зич дорад. Ягон давлат имкон надорад, ки бидуни асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ коммуникатсияи сиёсии самаранокро ба роҳ монад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ як қатор санадҳоро дар ин самт қабул намудааст, ки то ин дам мавриди татбиқ қарор дода шудаанд.

«Дар бахшҳои мухталифи ҳаёти кишвар як қатор масъалаҳои консептуалию амалии ташаккули коммуникатсияи сиёсӣ ҳалли худро пайдо намудаанд. Инҳо пеш аз ҳама таҳия ва татбиқи асосҳои меъёрию ҳуқуқӣ, чунончи: қарорҳо, қонунҳо, барномаҳо, консепсия ва стратегияҳое мебошанд, ки барои» [94] таъмини гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳалли масъалаҳои мухталифи он равона шуда, раванди ташаккули коммуникатсияи сиёсиро ҳамчун бахши марказии ҷомеаи иттилоотӣ фаро гирифтаанд.

Як қатор қонунҳои соҳавие дар самти рушди иттилоотикунонии кишвар таҳия ва мавриди амал қарор дода шудаанд, ки барои такмил ёфтани унсурҳои гуногуни инфрасохтори ҷомеаи иттилоотӣ ва ҳалли масъалаҳои мухталифи он равона шуда, раванди ташаккул ва такмили

коммуникатсия сиёсиро ҳамчун бахши маркази ҷомеаи иттилоотӣ фаро гирифтаанд.

«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ» (6 августи соли 2001 №40) дар низоми қоунунгузории кишвар аввалин санаде мебошад, ки роҳро барои истифодаи имкониятҳо ва таҳияи санадҳои навбатии соҳа боз кард. Қонуни мазкур муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки дар рафти ташаккулу истифодаи иттилооти ҳуҷҷатшуда ва манбаъю захираҳои иттилоот ба миён меоянд, офаридани технологияҳои иттилоотӣ, шабакаву системаҳои автоматиконидашудаи иттилоотро танзим мегардонад, тартиби муҳофизати захираи иттилоот, инчунин ҳуқуқ ва вазифаҳои субъектҳоеро, ки дар равандҳои иттилоотонӣ ширкат меварзанд, муайян мекунад» [4].

Мақсади Қонуни зикргардида муҳайё кардани шароити мусоид барои қонеъ гардонидани талаботи шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ ва мақомоти идораи давлатӣ ба иттилоот дар асоси ташаккул додани инфраструктураи ҳозиразамони иттилоот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, якҷоя кардани он бо шабакаю системаҳои байналмилалии иттилоот мебошад. Қонун шартҳои ҳимояи манфиатҳои қонунӣ ва ҳуқуқҳои давлат, шахсҳои ҳуқуқӣ ва воқеиро дар рафти тартиб додан, захира кардан, нигоҳдориву ирсол кардан ва интишор додани иттилоот бо воситаҳои технологияи ҳозиразамони иттилоотӣ муқаррар менамояд. Асосҳои қонуни мазкурро ҳимояи иттилоот ва ҳуқуқи субъектҳое, ки дар раванди иттилоотӣ бо татбиқи воситаҳои технологияи иттилоотӣ иштирок менамоянд, ба монанди идора ва танзими равандҳои иттилоотӣ, амалӣгардондани сиёсати давлатӣдар соҳаи иттилоотонӣ ташкил медиҳад.

Минбаъд бо дарназардошти шароит ва талаботи замон як қатор қонунҳои дигар низ таҳия ва тасдиқ карда шуданд. Аз он ҷумла:

«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» (10 майи соли 2002 № 55). Қонуни мазкур меъёрҳои умумии ҳуқуқи гирифтан, истифода намудан, паҳн кардан ва ҳифз намудани иттилоотро муқаррар менамояд, ҳуқуқи субъекти муносибатҳои иттилоотиро ба иттилоот дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин системаи иттилоот ва манбаъҳои онро таҳким бахшида, мақоми иштирокчиёни муносибатҳои иттилоотиро муайян мекунад, дастрас намудани иттилоотро танзим ва ҳифзи онро таъмин, шахсият ва ҷомеаро аз иттилооти бардурӯғ муҳофизат менамояд» [4].

«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуҷҷатҳои электронӣ (10 майи соли 2002 № 51. Қонуни мазкур асосҳои ба кор бурдани ҳуҷҷатҳои электронӣ, талаботи асосӣ ба ҳуҷҷатҳои электронӣ, инчунин ҳуқуқ, вазифаҳо ва масъулияти иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқиро, ки дар соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ба амал меоянд, муқаррар менамояд» [6].

Дар Қонуни мазкур чунин мафҳумҳои асосӣтавзеҳ ёфтаанд: ҳуҷҷати электронӣ, имзои электронӣ, шабакаҳои иттилоотӣ.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи иттилоот».(2 декабри соли 2002 №71) [7]. Қонуни мазкур принсипҳои асосии таъмини ҳифзи иттилоот ва танзими муносибатҳои ҳуқуқии дар ин соҳа ба вуҷуд омадаро муқаррар менамояд.

«Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистондар бораи имзои электронии рақамӣ (30 июли соли 2007 № 320). Мақсади Қонуни мазкур аз таъмини шароити ҳуқуқии истифодаи имзои электронии рақамӣ дар ҳуҷҷатҳои электронӣ иборат аст, ки ҳангоми риояи он имзои электронии рақамӣ дар ҳуҷҷати электронӣ ба имзои дастии дар ҳуҷҷатҳои ҳомили коғазӣ мавҷуд буда баробар эътироф карда мешавад. Амали Қонуни мазкур нисбат ба муносибатҳое, ки ҳангоми истифодаи дигар имзоҳои бо ҳам монанди дастӣ ба миён меоянд, паҳн намегардад» [8].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи имзои электронии рақамӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ҳангоми созмон додан ва истифодаи имзои электронии рақамӣ дар ҷараёни ташаккул ва истифодаи ҳуҷҷатҳо дар шакли инъикоси электронӣ тавассути системаи иттилоотии автоматикунонидашуда ва телекоммуникатсионӣ, воситаҳои барномавию техникӣ ба танзим медарорад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот (18 июни соли 2008№ 411) [9]. Мақсади Қонуни мазкур фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои амалӣ гардонидани ҳуқуқи ҳар шаҳрванд ба ҷустуҷӯи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он, ҳамчунин таъмини ошкорои иттилоотии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилоту мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот мебошад.

Қонунҳои таҳия ва тасдиқшуда нишон медиҳанд, ки қонунгузорӣ дар соҳаи коммуникатсияи сиёсӣ ва рушди муносибатҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз соли 2000–ум ба ин тараф ташаккул ёфтаанд.

Дар самти ташакули фазои коммуникатсионии муносибатҳо номгӯи зиёди консепсия ва стратегияҳо фаъолият мекунанд, ки ё ба таври бевосита ва ё бавосита барои амалишавии сиёсати давлат дар самти бароҳмонии коммуникатсияи сиёсӣ мусоидат мекунанд: «Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 ноябри соли 2003 № 1174; Барномаи давлатии рушд ва амалисозии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, № 468; Стратегияи ислоҳоти системаи идораи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2006, № 1713; Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 апрели соли 2008 № 451; Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643; Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Тартиби талаботи ягона барои веб–сайт ва шабакаи маҳдуди

баҳисобгирии мақомоти идораи давлатӣ» аз 1 апрели соли 2011, №166 ва ғайра» [43]. Дар баробари санадҳои мазкур инчунин, портали интернетии хадамоти давлатӣ мавҷуданд, ки вобаста ба самти фаъолияти худ ба шаҳрвандон номгӯи муайяни хизматарсониҳоро пешниҳод месозанд.

Ҳамаи сандаҳои зикршуда ҷанбаъҳои мухталифи рушди коммуникатсияи сиёсиро дар кишвар фаро мегиранд. Дар ин миён оид ба Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд махсус қайд намуд. Маҳз дар заминаи он Ҷумҳурии Тоҷикистон қадамҳои ҷиддиро дар самти гузариш ба низоми муосири коммуникатсияи сиёсӣ, таъмини ислоҳот ва рушди идоракунии давлатӣ гузошта истодааст. Дар асоси он кишвар зина ба зина ҳукумати электрониро татбиқ намуда истодааст, ки он яке аз унсурҳои муҳимми коммуникатсияи сиёсӣ ба шумор меравад.

Агар дар гузашта воситаҳои ахбори омма, таблиғоту ташвиқот, ҳамчун унсури ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ дар Тоҷикистон маҳсуб меёфтанд, ҳоло дар баробари ҳамаи ин унсурҳо робитаҳои иттилоотию электронӣ ҷойгоҳи хосаро касб намуда, муҳтавои муносибатҳои ҷамъиятиро аз дидгоҳи самаранокӣ комилтар намудаанд. Ба истилоҳи дигар, рӯ овардани кишвар ба низоми ҳукумати электронӣ ҳамчун унсури муосири коммуникатсияи сиёсӣ фазо ва роҳи сифатан ва шаклан навро дар муносибатҳои субъектони ҳаёти сиёсӣ боз намуд. Ҳукумати электронӣ ҳамчун нигоҳи нав ба ислоҳоти низоми идоракунии сиёсии ҷомеа ва давлат дар заминаи консепсияи «давлати кушод» ба вуҷуд омада, айни замон ба ҷузъи ҷудонопазири ислоҳоти низоми коммуникатсияи сиёсии давлатҳо табдил ёфтааст.

Тули таърих муносибат миёни давлат ва шаҳрвандон яке аз мавзуъҳои муҳимтарини ҷомеа маҳсуб ёфта дар асри муосир, ки замони илму фановарӣ мебошад, масъалаи мазкур аз мубрамияти хоссае бархурдор аст. Зеро ҷомеаи муосири иттилоотӣ вобаста ба махсусиятҳои

худ аз қабили дастрасии оммавии иттилоот ва гардиши босуръати он дар ҷомеа аз замони гузашта ба таври назаррас фарқ карда, имконияти нави коммуникатсияро миёни ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд меорад.

Агар дар ин ду давраи инкишоф давлат ба сифати нозир ва халқ ҳамчун қувваи истеҳсолкунанда баромад менамуд, дар ин аср вазифаҳо акси он аст. Ҳоло давлат асоси истеҳсолот буда, халқ ҳамчун нозири раванди истеҳсолоти давлат, яъне пешниҳоди хизмати давлатӣ эътибори хоссаро пайдо мекунад. Воқеияти мазкур дар унсури асосии ҷомеаи иттилоотӣ – ҳукумати электронӣ ба таври возеҳ инъикос меёбад.

Чуноне ки М. Абдуҷабборов қайд мекунад: «Ҳукумати электронӣ шакли нав ва самараноки ташкили фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиест, ки зимни истифодаи васеи технологияи иттилоотии компютерӣ (ТИК) дараҷаи суръатнокӣ ва муносиби дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатӣ барои шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ таъмин карда шуда, мушкилоти замонӣ, маконӣ (маҳаллӣ), моддиву физикии шаҳрвандон зимни аз байн рафтани «ташрифи шахсӣ» батадриҷ рафъ мегардад» [94, с.159-164].

Ҳукумати электронӣ ҳамчун воситаи муассири коммуникатсияи сиёсӣ дар муҳити муносибатҳои давлат ва шаҳрванд дар Тоҷикистон ҳоло таҷрибаи нав аст. Дар ҷомеаи саноатӣ рушду пешрафти давлат аз рӯи суръати инкишофи саноат ва сохтмони объектҳои саноатӣ вобаста бошад, пас дар ҷомеаи иттилоотӣ нишондиҳандаи муайянкунандаи дараҷаи муваффақияти сиёсати давлатӣ ва пешрафти давлат аз сатҳи азхудкунӣ ва истифодабарии воситаҳои иттилоотӣ вобаста аст. Ченаки пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, вобаста ба он ки чӣ гуна технологияи иттилоотиро дар соҳаи мухталифи ҷомеа, бахусус идоранамоии давлатӣ роҳандозӣ намудааст, муайян карда мешавад [94, с.159-164].

Ташкили ҳукумати электронӣ бунёди низоми муайяни давлатии идораи ҷамъиятиро пешбинӣ менамояд, ки ҳалли маҷмӯи вазифаҳои вобаста ба идораи аснод ва ҷараёни коркарди онҳоро дар бар мегирад. Ин система ба баланд бардоштани самаранокии идораи давлатӣ ва коҳиши хароҷоти иҷтимоию коммуникатсионии аҳолии кишвар мусоидат менамояд.

Имрӯз бештари хизматрасониҳои электронии хусусӣ, ба монанди харидани чиптаи электронӣ, пардохтҳои гуногун тавассути терминалҳои бонкӣ, мобилӣ, интиқоли пулӣ, эълонҳои электронӣ, хариду фурӯши мавод тавассути шабакаҳои электронӣ ба як чизи муқаррарӣ табдил ёфтааст. Бештари муштариёни бозори интернету алоқаи мобилии кишвар ба хубӣ аз ин хизматрасониҳо огоҳ ҳастанду аз онҳо бархӯрдоранд. Ҳоло шаҳрвандон метавонанд аз дилхоҳ гӯшаи кишвар нома, арзу шикоят ва дархости худро нисбат ба хизматрасониҳои гуногуни ҷамъиятию давлатӣ ба сомона ва суроғаҳои электронии мақомоти дахлдор бифиристанд ва ҷавоби худро бигиранд. Дастрасӣ ба чунин хизматрасонӣ дар сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон http://www.president.tj ба таври мукаммал ба роҳ монда шудааст.

«Дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ дар сомонаи www.mometavonem.tj дар шаҳри Душанбе низ нишонаи ҳукумати электронӣ мебошад. Хизматрасониҳои хоҷагии коммуналии пойтахт тавассути ин лоиҳа ба роҳ монда шуда, имкон медиҳад, ки сокинони пойтахт дар беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ шарики мақомоти давлатӣ бошанд» [130, с.256-257].

Ҳукумати электронӣ ин пешниҳоди хизматрасонии шакли интегратсиягардида тавассути шабакаи Интернет, ба шаҳрванд ва истифодабарандагон мебошад. Ба ҷойи он ки баҳри иҷрои кадом як коре шахс ба чандин идора муроҷиат намояд, ҳамагӣ лозим меояд, ки бо истифода аз Интернет ба сомонаҳои ин мақомот ворид шуда, тавассути

он дархосту талаботи худро расонад ва ҷавоби дархости худро пайдо кунад. Ин навъи фаъолияти ҳукумати электронӣ бо фомулаи 24:7, ва 365:1 ифода мешавад. Формулаи мазкур дар 1 ҳафта 7 рӯз ва дар 1 сол 365 рӯз дар хизмати шаҳрвандон будани мақомоти давлатиро ва ё имконияти исифода намудани хизмати давлатиро аз ҷониби шаҳрвандон ифода мекунад. Баҳри аз байн бурдани нобаробарии иттилоотӣ давлат метавонад технологияи муосиррро дастраси ҳадди ақали мардум созад ва ё таълими малакаи истифодабарии компютерро байни аҳолӣ роҳандозӣ намояд. Барои ин аз воситаҳои гуногун ва барномаҳои мухталиф метавон истифода намуд.

Ҳукумати электронӣ наздикнамоии кормандони давлатиро бо шаҳрвандон таъмин намуда, омилҳои субъективиро паст месозад. Ин маънои онро дорад, ки шаҳрвандон на танҳо натиҷи иҷрои дархости худро мустақиман мушоҳида мекунанд, балки аз раванди иҷрои он низ бохабар мешаванд. Муносибати рӯ ба рӯйи байни ҳукумат ва шаҳрвандон миёнрав ва шахси севумро аз байн мебарад. Зеро дар бисёр ҳолат миёнрав асоси муносибатҳои коррупсионӣ дар ҷомеа мегардад.

Ҳукумати электронӣ амали тақлидӣ ва орӣ аз аҳамият нест. Он бахши муҳими ҷомеаи демократӣ буда, дорои аҳамияти зерин аст: [114, с.12]

- масрафҳоро дар соҳаи маъмурӣ кам ва самаранокии кори онро зиёд менамояд;
- монеаҳои комуникатсияи иҷтимоиро паст менамаояд;
- тағйироти ҷиддиро дар муносибатҳои байни ҷомеа ва ҳокимият ба вуҷуд меорад;
- мукаммалии демократияро таъмин намуда, ҷавобгарии ҳукуматро дар назди мардум беш мегардонад;
- дараҷаи иштироки ҳамаи интихобкунандагонро дар ҷараёни роҳбарӣ ва идоранамоӣ баланд мебардорад;

- рушди шаҳрвандони дорои маълумоти технологӣ ва умуман соҳибтахассусро таъмин менамояд;
- таъсири омилҳои маҳалливу географиро (навобаста аз фасли сол макони ҷойгиршавӣ) паст менамояд.

Дар рушду инкишофи фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ саҳмгузор мебошад. Ин санад аз мақсаду афзалиятҳои муҳими давлатдорӣ, ба монанди расидан ба рушди иқтисоду беҳдошти иҷтимоии мардуми, таҳким бахшидани самтҳои сиёсиву иҷтимоии кишвар иборат мебошад. Ҳамчунин баҳри онҳое, ки аз истифодаи дурусти технологияҳои иттилоотӣ огоҳанд, муҳити технологиро фароҳам оварда, кори онҳоро дар фазои иттилоотӣ осон мегардонад.

Зеро ислоҳоти идоракунии давлатӣ бо назардошти ташаккул додани низоми рушди миллӣ дар кишвар ва электронӣ кардани коргузориҳо омилҳои асосии шаффофият, масъулиятшиносӣ ва мубориза бо коррупсия мебошанд.

Бо назардошти воқеияти кунунии кишвар, бахусус дастовардҳои технологии бозори мобилии ватанӣ ва такя ба қонеъ гардондани ниёзи шаҳрвандон, бавижа шаҳрвандони хориҷӣ тавассути хизматрасониҳои электронӣ, инкишофи босуръату бобарори ҳукумати электронӣ имконпазир аст. Ҳамин тавр, ҳамкории ҷонибҳо (ҳукумат ва шаҳрвандон) Тоҷикистонро дар самти бунёди ҳукумати электронӣ таҳрик бахшида, ба як кишвари транзитии коммуникатсионӣ мубаддал хоҳад кард.

«Ҳамкориҳои иттилоотию коммункатсионӣ дар равандҳои сиёсии муосир дар воқеъ нақши муҳим мебозанд. Агентҳои сиёсӣ, ки ба таҳияи иттилоот машғуланд, дар робитаҳои иттилоотӣ обзори муйянкунада ба ҳисоб мераванд. Зеро онҳо нигоҳҳо ва андешаҳоеро ташккул медиҳанд,

ки дар фарҷом ба афкори ҷамъиятӣ мубаддал мешаванд. Ба агентҳои сиёсӣ асосан ҳамаи мақомоти расмии намояндагии давлат, васоити ахбори оммаи давлатӣ, васоити ахбори оммаи мустақил ва хориҷӣ, иттиҳодияҳо ва созмонҳо ҷамъиятӣ ворид мешаванд» [67, с.38]. Ҳар як субъекти сиёсӣ дар бозори иттилоотӣ стратегия ва манфиатҳои худро соҳиб мебошад. Новобаста аз ин, дар низоми ҳамкориҳои коммуникатсионӣ ташаккули афкори омма ҳамеша мақоми намоёнро касб мекунад.

Дар маҷмӯъ, натиҷаи ҳамкориҳои коммуникатсионии суъектони ҳаёти сиёсиро дар Тоҷикистони соҳибистиқлол метавон дар чанд самти муҳими муносибатҳо мушоҳида намуд:

1. Хотима додан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва ба даст овардани ваҳдати миллӣ. Ҷанги шаҳрвандӣ, ки дар Тоҷикистон аз авали солҳои 1990 то 1997 идома намуд, на танҳо тамоми инфрасохтори иттилоотию коммуникатсиониро хароб кард, балки муҳити ҷудоихоҳияю душмании байниҳамдигарии қувваҳои сиёсӣ муоиширати солимро ҳамчун воситаи анъанавии коммуникатсияи сиёсӣ зери суол бурда буданд. Бо вуҷуди ин, ва сарфи назар аз ҳама монеаҳои ҷойдошта байни қуувваҳои мухталифи сиёсӣ коммуникатсияи сиёсӣ барқарор карда шуд ва натиҷаи доду гирифт ва мубодилаи афкору надшеаи онҳо буд, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон хотима дода шуда, сулҳу субот барқарор гардид.

2. Ташаккули нафрат ба ҷангу низоъ ва муҳаббат ба сулҳу субот ва осоиштагӣ. Таблиғу ташвиқи сулҳу оромӣ ва инъикоси пайвастаи натиҷаҳои харобиовари низои сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ниҳоди аҳолӣ, ҷомеа нисбат ба ҷангу хунрезӣ ҳисси нафратро бедор намуда, нигоҳи онҳоро ба сулҳу субот ва ояндаи кишвар кулан тағйир дод.

3. Ҷой намудани мафкураи миллӣ дар тафаккури шаҳрвандон. Баъди ба даст овардани истиқлоляити давлатӣ зарурати эҳёи арзишҳо ва

суннатҳои милӣ ба вуҷуд омаданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз чаҳорчӯбаи танги идеологию маҳдудиятҳои худамалисозии миллӣ берун баромада, ба як давлати воҳид табдил ёфта, дарҳол рӯ ба арзишҳои миллӣ овард. Тамоми дастгоҳи идеологии кившар баҳри бедор намудани ҳисси худшиносӣ ва бедории миллӣ равона гардида, таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа нисбат ба муқаддасоти гузашта ва имрӯзи миллат баланд бардошта шуд.

4. Тарғиби арзишҳои демократӣ. Тавре дар қисматҳои аввали боби мазкур зикр гардид, воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар давлатҳои ғарбӣ ҳамчун воситаи асосии демократикнуонии ҷомеа эътироф гардидааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нақши воситаҳои мазкур дар тавсеа ёфтани институти демократӣ, ташаккули арзишҳои он - озодии баён, сарчашмаи ҳокимият шинохта шудани халқ, интихоботи озод, раъйпурсӣ ва ғайра бисёр назаррас мебошад.

5. Рушди фарҳанги сиёсии оммавӣ. Дараҷаи рушди фарҳанги сиёсӣ дар ҳар давру замон меъёри муайянкунадаи рушди коммуникатсияи сиёсӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муносибатҳои мардум нисбат ба равандҳои ҳаёти сиёсии солҳои қабл хеле тағйир ёфтааст, дараҷаи баҳогузори падидаву ҳодисаҳои сиёсӣ ва акслуамали онҳо ба ҳар гуна қарорҳои сиёсӣ баёнгари рушди фарҳанги сиёсии ҷамъиятӣ дар кишвар мебошад.

6. Афзудани имиҷӣ ҳокимият миёни шаҳрвандон. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон коммуникатсияи сиёсӣ бо идеяи муқаддас будани ҳокимият асос ёфтааст. Чунин тарзи фаҳмиш аз бисёр ҷиҳат ба фазои сиёсию фарҳанги рушди коммуникатсияи сиёсӣ ва воситаҳои ахбори омма таъсири худро низ расонидааст. Коммуникатсияи сиёсӣ дар кишвар заминаи болоравии эътимоди халқ нисбат ба ҳокимият, институтҳои он ва боварӣ ба ояндаи неки давлатдорӣ гардидааст.

7. Ба равандҳои муосири рушди ҷомеаи иттилоотӣ ворид шудани Ҷумҳури Тоҷикистон. Татбиқи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди фаъолияти муассисаву ташкилотҳо, такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти иттилоот ва дастрасӣ ба он, рушди унсурҳои гуногуни ҳукумтаи электронӣ ва ба таври васеъ фаъолият намудани воситаҳои ахбори оммаи давлатию хусусӣ дар кишвар барои гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ шароити муосид фароҳам оварданд.

Ҳамин тавр, ки коммуникатсияи сиёсӣ дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ на танҳо нақши мубодила ва паҳнамоии иттилоотро иҷро мекунад, балки дар баробари ин вазифаҳо, ҳамзамон қувваи таҳрикдиҳандаи рушди равандҳои демократӣ дар давлат маҳсуб меёбад. Инстиутҳои сиёсие, ки дар шаклгирии равандҳои сиёсӣ иштирок мекунанд, бояд иттилооти кушода, дуруст ва объективиро барои ҳамаи иштирокчиёни муносибатҳои иттилоотию коммуникатсионӣ пешниҳод кунанд.

Давлат ва сохторҳои он дар ҳалли масъалаҳое, ки миёни иштирокчиёни гуногуни мубодилаи иттилоот ба вуҷуд меоянд, бояд механизмҳои муассири коммуникатсияи сиёсиро истифода барад. Иттилооти паҳншаванда бояд пурмӯҳтаво, гуногунранг, пурра ва таъсирбахш бошанд, то ки омили шубҳаро миёни омма аз байн бурда, барои наздикшавии онҳо бо институтҳои ҳокимияти давлатӣ заминаи мусоид фароҳам орад. Васеъшавии шабакаҳои коммуникатсияи сиёсӣ имкон медиҳанд, ки субъектони сиёсат боз ҳам зиёдтар ба масъалаҳои ҷомеа ҷалб карда шаванд ва тарҳи муносибатҳои сиёсию стратегӣ дар ин асос мушаххас карда шаванд. Иштироки субъектони ҳаёти сиёсӣ дар муносибатҳои иттилоотию коммуникатсионӣ натанҳо барои қабули қарори муҳими сиёсӣ ва стратегӣ, балки истифодаи фикру андешаҳои онҳо барои ояндаи сиёсати давлатӣ низ пешбинӣ мешавад.

### 3.2. Вазъият ва нерӯи таъсири Интернет–ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти

Рушд ва тавсеа ёфтани технологияи интернетӣ - коммуникатсионӣ дар солҳои охир коммуникатсияи сиёсиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи сифатан нав оварда расонида аст. Он пеш аз ҳама, заминаро баҳри бавуҷудоии фазои мустақили виртуалию коммуникатсионие фароҳам овард, ки дорои принсипҳои хоси фаъолият ва неруи фаъоли таъсиррасон ба равандҳои воқеии сиёсӣ мебошанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳанӯз аз миёнаҳои солҳои 90-уми асри ХХ дар самти таҳлилу барасии коммуникатсияи сиёсӣ яке аз мавзӯъҳои бунёдиро рушди интернет ташкил менамуд. Омӯзиши масъала, асосан аз нуқтаи назари консепсияи ҷомеаи иттилоотӣ амалӣ мешавад.

Дар бораи имкониятҳои иттилоотию коммуникатсионие, ки имрӯз интернет фароҳам овардааст, ҳанӯз дар асри гузашта муҳаққиқон бисёр пешгӯиҳо анҷом дода буданд, вале он вақт андешаҳо нисбатан ҷанбаи ояндабинӣ дошта бештар ба миф шабоҳат доштанд. Акнун, ки интернет ба ҷузъи муҳимми ҷомеа ва давлат табдил ёфтааст, сохтор, вазифа ва моҳияти коммуникатсияи он низ хеле тағйири шакл менамояд.

Дар замони муосир, ки ҳамчун замони иттилоот дониста мешавад, дар ин замина коммуникатсия низ нақши муайянкунандаро соҳиб мебошад, ки инҳам бошад аз он далолат медиҳад, ки ҷомеаи иттилоотӣ дар шакли шабакавӣ созмон ёфтааст, ки онро бе технологияҳои муосири коммуникатсионӣ, аз он ҷумла интернет тасаввур кардан гайри имкон аст. Интернат ҳамчун унсури ҷаҳонии коммуникатсионӣ табдил ёфта, таъминкунандаи муносибатҳои субъектони ҳаёти сиёсӣ баромад мекунад.

«Дар ҳаёти сиёсӣ ва равандҳои идоракунии сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон интернет–технология тавонист, ки ба амалишавии

коммуникатсияи сиёсӣ нақши назаррас бозида, дар идораи афкори ҷамъиятӣ таъсир расонад ва падидаву ҳодисаҳои сиёсиро дар шаклу усулҳои нав ба субъектони муносибатҳои сиёсӣ пешниҳод созад. Интернет–технология дар фарқ аз солҳои қаблӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди идоракуни сиёсӣ, ҳам дар дохили давлат ва ҳам дар контексти сиёсати хориҷӣ хеле фаъолона ба кор бурда мешавад. Ин ҷо сухан на фақат атрофи он меравад, ки технологияи интернет–коммуникатсия имконияти хуби татбиқи коммуникатсияи сиёсии самаранок ва рушди муносибатҳои ҷамъиятиро фароҳам меорад, балки дар барори ҷанбаи мусбати воситаҳои мазкур ҳамзамон паҳлӯи манфии воситаҳои интернет - технология дар назар дошта мешавад» [144, с.41-45].

Дар замони муосир Интернет ягона воситае мебошад, ки субъектони сиёсиро ба ҳам меоварад. Аз тарафи дигар имрӯз давлатҳои абарқудрат ин имконияти коммуникатсиониро баҳри дигаргун намудани режимҳои сиёсӣ, ва ноором кардани вазъ истифода мебаранд, ки дар ин маврид интернетро ҳамчун омили бuҳронзо ва азбайнбарандаи коммуникатсия баҳо медиҳанд. Қудратҳои бузурги ҷаҳонӣ бо мақсадҳои татбиқи манфиатҳои сиёсии худ давлатҳои алоҳидаи ҷаҳонро мавриди ҳадафи иттилоотии худ қарор медиҳанд. Мавҷуд будани чунин навъи сиёсатгузориҳои фаромиллӣ давлатҳои ҷаҳон, хусусан Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки марҳилаҳои тозаи рушдро аз сар мегузаронад, водор месозад, ки ба масъалаи таъмини амнияти иттилоотии фазои миллии коммуникатсионӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намояд.

Тибқи таҳлилҳо технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ ба воситаи таъмини идораи ҷаҳонӣ ва манфиатҳои давлатҳои ғарбӣ табдил ёфтааст. Ин давлатҳо зери шиорҳои авомфиребонаи демократӣ дар воситаҳои ахбори омма институтҳои сиёсию иқтисодии муайянро мавриди таҳоҷум ва саркубсозии иттилотии худ қарор медиҳанд. «Дар

интернет имрӯз технологияи хоси иттилоотие фаъол аст, ки барои вайрон намудани сохтори фарҳангии ҷомеа ва дар тафаккури омма ҷойгир кардани арзишҳо ва рамзҳои нави ҷамъиятӣ, ҳамзамон эҷоди мифҳои гуногуни сиёсӣ, ки бевоиста ба сохтори миллии режимҳои сиёсии мавҷуда таъсир мерасонанд, мавриди истифодаи фаъол қарор мегиранд» [157, с.5].

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки муҳақиқон дар низоми коммуникатсияи сиёсӣ нисбат ба нақши воситаҳои ахбори омма ва интернет нигоҳи ҷудогона доранд. Аз ҷумла Г. Маркузе нақши воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ ва интернетро гуногун тасвир мекунад. Ӯ нақши воситаҳои ахбори анъанавиро дар ҷонибдорӣ ва пуштибонии режими сиёсӣ дар давлатҳо ва интернетро дар барҳам задани субот, вайрон кардани системаҳои сиёсии миллӣ аз берун бо роҳи тағйир додани фазои арзишҳои анъанавӣ ва идеологӣ арзёбӣ мекунад [50]. Иттилоотикунонӣ ва виртуализатсияи равандҳои сиёсии муосир, пеш аз ҳама, хосияти мубориза барои афкори намояндагони ҷомеа, тағйир додани рафтори онҳо ва ворид намудани арзишҳои муайянро фаро мегирад ва бо ин роҳ идоракунии сиёсӣ аз берун ба даст оварда мешавад. На танҳо муборизаҳои иттилоотӣ, балки ҳама навъи муборизаҳои сиёсии муосир хусусияти мубориза бо ақл, андеша ва афкори одамонро ба худ соҳиб мешаванд. Аз ин рӯ, ҳама гуна чораҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими фазои иттилоотию коммуникатсионии худ ба роҳ мемонад, маънои ҳифзи ақл, андеша, шуур ва ҷаҳонбинии сокинони кишварро дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шароити муосир бидуни алоқаи мобилӣ, компютер ва дастгоҳи пурзури технологӣ, интернет ва сомонаҳои давлатӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Интернет дар як муддати кӯтоҳ ба яке аз шабкаҳои муошироти байнишахсӣ ва давлат

ва ҷомеа табдил ёфта, имконияти васеи дастрасӣ ба иттилооти сиёсиро фароҳам овард.

Дар Тоҷикистон омӯзиши паҳлӯҳои мухталифи таъсири интернет ба фазои сиёсию идоракунӣ имрӯзҳо ҷаҳиши тоза пайдо мекунад. Ҷанбаи муҳимро дар раванди омӯзиши масъала гуногунсоҳа будани падидаи интернет соҳиб мебошад. Омӯзиши масъалаи интернет дар шароити муосир на фақат аз дидгоҳи техникию сиёсӣ, ҳамчунин аз ҷониби муҳаққиқони соҳаҳои гуногун – фалсафа, ҷомеашиносӣ, психология, таърих ва иқтисод омухта мешавад. Омӯзиши масъалаи мазкур аз дидгоҳи илми сиёсӣ низ бараъло ба назар мерасад, ки ин омил сабаб гардидааст, зарурати интернет дар низоми муносибатҳои сиёсӣ таҳлилу таҳқиқи шоистаро пайдо намояд.

Имкониятҳои бемаҳдуд ва таъсири гуногунсамта доштани интернет ба равандҳои васеи сиёсию ҷамъиятӣ мифҳои зиёдро атрофи он чун арзиши муҳимтарини ҷомеи иттилоотӣ эҷод намудааст. Ба миф табдил ёфтани арзишҳои ҷомеи иттилоотӣ бо он асос меёбад, ки ҷомеаи мазкур дар якҷоягӣ се ҷаҳон - ҷаҳони воқеӣ, ҷаҳони иттилоотӣ ва ҷаҳони рамзӣ (виртуалӣ)–ро дар худ фаро гирифта, фарҳанги муосирро ба як навъ «олами рамзӣ» шабеҳ намудааст. Иттилоот ва коммуникатсия ба сифати меъёр ва андозаи ду ҷаҳони охир баромад намуда, на танҳо ба навъи асосии фаъолият, балки ба сарчашмаи стратегии ҷомеаи иттилоотӣ табдил ёфтааст. Дар навбати худ, шабакаи ҷаҳонии Интернет яке аз воситаҳои асосии коммуникатсия ва сарчашмаи стратегии ҷомеаи иттилоотӣ маҳсуб меёбад.

Интернет дар низоми ҷомеаи иттилоотӣ воситаи комилтарини коммуникатсия мебошад. Дар фарқ аз воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ, дар интернет сарчашмаи хабар ва миқдору андозаи иттилоот беҳудуд мебошанд. Бо дарназардошти чунин хусусияти интернет, барои шаҳрвандоне, ки хоҳиши зиёди иштирок дар раванди қабули қарор ва

умуман, равандҳои ҳаёти сиёсии ҷомеаро соҳибанд, имконияти зиёд фароҳам омада, нобаробарии имкониятҳо ва дараҷаи иштироки шаҳрвандон миқдоран ва сифатан кам мегардад.

«Шабакаи интернет бо дарназардошти он, ки тамоми иттилоотро барои истифодабарандагонаш ба таври мустақим паҳн месозад, амалан ҷойи тамоми сарчашмаҳои дигари иттилоотӣ - газета, китоб, маҷалла, китобхона, архив, хонаи кино, телевизор, осорхона, бинои консертӣ, варзишгоҳ ва ғайраҳоро низ соҳиб шудааст» [107]. Ҳамаи ин ба тағйирёбии андоза ва усули истеҳсолу паҳни иттилоот дар ҷомеа оварда расонидааст.

Интернет–коммуникатсия ба шаҳрвандон имкони озоди дастрасӣ ба иттилооти сиёсӣ, ба таври оммавӣ муҳокима намудани ҳодисаҳои сиёсӣ ва таъсир расонидан ба раванди қабули қарори сиёсиро дода, алоқаи бевоситаи онҳоро бо элитаҳои сиёсӣ таъмин мекунад. Муколамаи байни шаҳрвандон ва элитаҳои сиёсӣ иштироки нави онҳоро дар ҳаёти сиёсии кишвар фароҳам оварда, эътибор ва имиҷи ҳокимиятро меафзояд.

Бояд қайд кард, ки талаботи низоми сиёсӣ ба воситаҳои коммуникатсия аз вазифаҳои он дар ҷомеа, шумораи ташкилотҳои сиёсӣ, усулҳои қабули қарорҳои сиёсӣ, андозаи худи давлат ва омилҳои дигар вобаста мебошад. Дар айни замон давлатҳо кӯшиш мекунанд, ки ҳар чи бештар дар низоми идоракунии сиёсии давлат технологияи интернетиро ворид намуда, фосилаи байни мақомоти ҳокимияти давлатиро бо аҳолӣ коҳиш диҳанд ва ҳар чи бештар имкониятҳо ва роҳҳои нави муоширот ва муколамаи байни субъектони сиёсат, афзоиши нақши ҷомеаи шаҳрвандиро дар равандҳои сиёсӣ таъмин намоянд. Зеро дар низоми демократӣ нақши асосиро шаҳрвандон иҷро мекунанд. Аз фаъолнокӣ, масъулиятшиносӣ, салоҳиятнокӣ, мустақилият ва худамалисозии онҳо роҳи рушди давлат муайн мегардад. А. де Токвил дар робита ба ин нақши ташкилоти шаҳрвандиро муҳим арзёбӣ намуда, барои мушаххас

намудани мақсаду ҳадафи ҷамъият мавҷудияти онҳоро зарур мешуморад [77].

Бавуҷудоии воситаҳои нави алоқаи техникӣ, ки унсурҳои муҳимми ҷомеаи иттилоотӣ номидан мумкин аст, заминаи тағйирёбии сифатии коммуникатсияи сиёсӣ дар Тоҷикистон гардиданд. Дар мавриди худ, паҳншавии шабакаи компютер ва маъмул шудани истифодаи он дар тамоми сохторҳои ҷамъиятӣ омили ба вуҷудоии технологияи нав дар сиёсат шуданд. Аз он ҷумла, дар натиҷаи фароҳам омадани имконияти озоди мубодилаи иттилоот ва бадастории он, яке аз дигаргунии ҷиддӣ ба он алоқаманд буд, ки вобастагии шаҳрвандон дар масъалаи ҷамъоварии иттилоот аз сохторҳои давлатӣ, маъмурони давлатӣ, сиёсатмадорон ва воситаҳои ахбори омма хеле коҳиш ёфт·

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, интернет ба истифодаарандагон ду сатҳи мухториятро фароҳам овард. Аввал, интернет ба истифодабарандагоне, ки аз воситаҳои дигари иттилоотӣ қаноатманд нестанд, ба сарчашмаҳои дигари иттилоотӣ ва селаи бузурги иттилоот имкони дастрасӣ пайдо намуданро фароҳам овард. Дуюм, ба онҳое, ки аз шакли маъмулии иштироки сиёсӣ чандон розӣ нестанд, фазо ва майдони нави иштирок дар равандҳои сиёсиро эҷод намуд.

Нақши коммуникатсия дар низоми идоракунии сиёсии Тоҷикистон на танҳо дар паҳн ва интиқоли иттилоот мансуб аст, балки ҷанбаи нисбатан муҳим ва асосии он дар бадасторӣ ва нигоҳдории ҳокимият зоҳир мешавад. Барои тасдиқи ин андеша ҳаминро қайд намудан мумикн аст, ки интернет на воситаи яксамтаи паҳн ва интиқоли иттилоот, балки дорои имконияти бисёрсамтаи коммункиатсияи байни шаҳрвандон ва субъектони сиёсат мебошад. Ҳамчун ҷузъи воситаҳои ахбори омма дар баробари инъикоси манфиатҳои иҷтимоию сиёсии шаҳрвандон, ҳамзамон ба сифати воситаи таъсирноктарин дар сиёсат ва миёнрави байни ҳокимият ва ҷомеа аз худ дарак медиҳад.

Бояд зикр намуд, ки воридшавии web–технология дар равандҳои сиёсию идоракунии Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои худро дорад. Шартан онро ба ду давра ҷудо намудан мумкин аст:

1. Давраи иттилоотӣ. Моҳияти ин давра ба воридшавии иттилооти сиёсӣ ба шабака вобаста мебошад. Асосан, ин сомонаҳои ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ, роҳбарони сиёсӣ, сомонаҳои нашрияҳо, маҷаллаҳо, ҳамзамон маводҳои таҳлилии ташилотҳои тадқиқотӣ мебошанд.
2. Давраи иттилоотикунонии сиёсат ва кӯшиши истифодакунии интернет ба сифати дастгоҳи коммуникатсияи сиёсӣ ва технологияи сиёсат мебошад. Аксари ташкилотҳо кайҳо ин бартараии интернетро дарк намуда, дар фаъолиятҳо ва рекламаҳои сиёсии худ бештар ба он рӯ меоранд. Сабаби рӯории ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба интернет ҳамчун воситаи неруманди таъсиррасонии психологӣ ба чанд бартариҳои он вобаста мебошад. Масалан, маводи таблиғотии мансуб ба ягон ташкилоти сиёсӣ ва ё нафари муайян агар дар телевизион сонияе ва дар нашрия чанд рӯз умр бинад, маводи таблиғотие, ки дар шабакаи интернет пахш мешавад, моҳҳо ва солҳо боқӣ мемонад ва аз ҷониби истифодабарандагон мудом бознашр мегардад. Ҳамзамон, аз нуқтаи назари имконниятҳои муносиби ҷалби бештари таваҷҷуҳи одамон ва сарф намудани маблағ барои таблиғоту ташвиқот, интернет воситаи нисбатан қулай ва бисёр муфид ба ҳисоб меравад. Чунин хусусияти интернет мақом ва нақши онро дар татбиқи механизмҳои самаранок ва таъсирбахши технологияҳои сиёсат боз ҳам меафзояд.

Воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ дар аксар маврид ба сифати монологи иттилоотӣ фаъолият мекунанд ва иттилооти аз ҷониби онҳо паҳншаванда фақат хосияти таъсиргузорӣ ба аудиторяи муайянро дорост. Ин дар ҳолест, ки дар низоми муосири идоракунии давлат ба

муносибатҳои мутақобилаи субъектони ҷомеа, ки тариқи воситаҳои интернетию коммуникатсионӣ ба вуқӯъ мепайвандад, таваҷҷуҳи асосӣ равона карда мешавад. Технологияи компютерӣ дар ин самт унсурҳои навро ба коммуникатсияи сиёсӣ ҳамроҳ намуд. Аз он ҷумла, ҳар як истифодабарандаи он метавонад, ки дар як вақт ҳам ба сифтаи гирандаи иттилоот ва ҳам ба ҳайси фиристонанда ва ё манбаи иттилоот баромад кунад.

Дар фазои иттилоотию коммуникатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол ҷойгоҳ ва аҳамияти интернет афзоиш меёбад. Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон мавриди истифода қарор дода мешаванд. Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ рӯз аз рӯз ба дастгоҳи муҳимтарини баланд бардоштани сатҳи рушди иқтисодӣ, технологӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии инсоният табдил меёбанд. Зиёда аз ин, ба унсури сиёсатгузорӣ ва инкишофи раванди идоракунии давлатӣ табдил ёфтани интернет дар фазои коммуникатсияи сиёсӣ дигаргуниҳои ҷиддиро ба вуҷуд овард. Таҳаввулоте, ки солҳои охир дар идоракунии давлатӣ ба вуҷуд омаданд, дар бештари мавридҳо ба воридшавӣ ва мавриди истифодаи хизматӣ қарор гирифтани технологияи интернет вобастагии амиқ доранд.

Пайдоиш ва ба унсури муҳимми сиёсат табдил ёфтани интернет дар Тоҷикистон марҳилаҳои хосро пушти сар намудааст. Интернет ба фазои Тоҷикистон миёнаҳоли солҳои 1995 ворид гардид. Он дар оғоз хизматрасониҳои худро дар самти почтаи электронӣ пешкаш намуд. Дар ин давра бо дастгирии фонди Сорос, соҳибкори хусусӣ Сергей Болдарев ва ташкилоти амрикоию венгерӣ Central Asian Development Agency (CADA) провойдерҳои аввалин дар Тоҷикистон таъсис ёфта, хизматрасонии интернетиро ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба тариқи ройгон дастрас намуданд. Аз он ҷумла, дар панҷ шаҳрҳои асосии Тоҷикистон - Душанбе, Хуҷанд,

Бохтар (собиқ Қурғонтеппа), Хоруғ, Рашт марказҳои аввалини дастрасии умум ба интернет таъсис дода шуданд. Декабри соли 1998 оператори маҳаллии телекоммуниктсионӣ «Телеком Технолоҷи», минбаъд аз паси он, соли 2000–ум ширкати «Интерком» ва ҳамзамон «Бабилон–Т» пайи ҳам таъис ёфта, фазои васеи дастрасӣ ба интернетро фароҳам оварданд [212].

Соли 2001 ба бозори телекоммуникатсионии кишвар «Тоҷиктелеком», соли 2002– ширкати «Комстел» ва соли 2003 ширкати «Истера» ба бозори интернетии кишвар ворид шуданд. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 11 ширкатҳои хусусӣ баҳри расонидани интернет ба шаҳрвандон хизмат мекунанд [212].

Инқилоби интернетӣ дар Тоҷикистон соли 2005, замоне ки аввалин бор дар ҷаҳон, аз ҷумла дар кишвари мо иртиботи мобилӣ бо стандарти 3G (UMTS, CDMA 2000) муаррифӣ ва бомуваффақият озмоиш шуд, рух дод. Аввалин хадамоти ҷолиб барои сокинон, ин тамосҳои видеоӣ буданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди интернетро асосан ба се марҳалаи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст:

Марҳаллаи аввал – ташаккули воситаҳои муаррификунандаи иттилооти сиёсӣ дар фазои интернетии кишвар ( 2000–2004). Дар ин давра иттилооти расмии сохтори давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, мансабдорони давлатӣ мавриди дастрасии омма қарор гирифтанд.

Давраи дуюм - гузариш аз имконятҳои иттилоотӣ ба коммуникатсионӣ тариқи интернет (2004–2011). Дар давраи мазкур инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионӣ ва базаи меъёрии ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон ташаккул ёфтанд. Дар фазои иттилоотию коммуникатсионӣ дараҷаи фаъолнокии шаҳрвандон ва истифодабарандагони интернет афзоиш ёфт.

Давраи сеюм – «истифодабарии фаъоли имкониятҳои истифодабарии интернет дар сиёсат, тиҷорат, робитаҳои миёни сохтори

давлатию шаҳрвандон рушд намуданд (2011 – то имрӯз)» [107]. Дар натиҷаи рушди воситаҳои интернетӣ ташкилоти зиёди шаҳрвандӣ дар фазои равандҳои сиёсии Тоҷикистон фаъол гардиданд. Инро метавон оғози истифодабарии имкониятҳои коммункиатсионии интернет дар сиёсат номид. Ҳолати мазкурро бавуҷудоии майдони доимии муносибатҳои истифодабарандагони интернет (интернет–формуҳо, блогҳо ва ғ.) тавсеа бахшиданд.

Дар фазои иттилоотии кишвар хусусияти асосии интернет ба он пайваст мебошад, ки равандҳои бегонашавии сокинон аз институтҳои анъанавӣ ба вуҷуд омада, манфиатҳои онҳо зина ба зина ба фазои виртуалӣ мекӯчад. Муҳити муносибатҳои шаҳрвандонро меъёрҳои ахлоқии виртуалии берун аз қолаби фаҳмиши пешина фаро гирифта, ҳаёти онҳоро ба рамзҳо табдил медиҳад. Робитаҳои байни шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ дар самти хизматрасониҳои гуногуни давлатӣ хусусияти электронӣ касб мекунад.

Имрӯзҳо ҳамаи сохторҳои давлатию сиёсӣ ва тиҷоратии Тоҷикистон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва аксарияти аҳолии кишвар фаъолияти худро аз тариқи Интернет ба роҳ мемонанд ва барои ин, аз тамоми имкониятҳои коммуникатсионии Интернет истифода мешавад.

Яке аз санадҳои бунёдии рушди интернет ва коммуникатсияи сиёсӣ дар Тоҷикистон Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад, ки 5–уми ноябри соли 2003 қабул шудааст. «Дар заминаи стратегияи мазкур 3 декабри соли 2004 «Барномаи давлатии рушд ва амалисозии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва ҳар сесола татбиқ мегардад. Давраи охири қабули барнома соли 2018 амалӣ шуд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 20 ноябри соли 2018 барномаи нави давлатии рушд ва амалисозии технологияи иттилоотию

коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018 – 2020 ба тасвиб расонд, ки он асосан барои таҳкими саводи компютерии ходимони давлатию аҳолӣ ва ҳузури бештари давлату тиҷорат дар интернет равона шудааст» [202]. Дар барномаи мазкур таъкид шудааст, ки барои ташаккули босамари ҷомеаи электронӣ дар Тоҷикистон як қатор монеаҳои боздоранда мавҷуданд, ки бояд бартараф шаванд. Аз ҷумла, зарур хонда мешавад, ки ҳузури давлат, бахши соҳибкорӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ дар шабакаи интернет густариш ёбад. Тибқи ин барномаи давлатӣ ташкили инфрасохтор барои хадамоти давлатии электронӣ ба аҳолӣ бо истифодаи имзои рақамӣ дар кишвар бояд вусъат дода шавад.

Истифодабарии васеи интернет дар кишвар ба коммуникатсияи сиёсӣ ва амалшавии он ҷузъиёти куллан навро ворид намуд. Пеш аз ҳама, он чаҳорчӯбаи дарк ва баҳогузории коммуникатсияро ҳамчун интиқоли иттилоот аз як самт ба самти дигар аз байн бурда, ба он хусусияти дутарафа ва бисёрҷонибаи иртиботиро зам кард. Акнун интернет шароит ва имкониятеро фароҳам оврадааст, ки коммуникатсияи сиёсӣ на танҳо аз боло ба поён, балки аз поён ба боло низ амалӣ шавад. Ба вуҷуд омадани тарҳи мазкур дар низоми амалишавии коммуникатсияи сиёсӣ, пеш аз ҳама, сатҳи ниёзи ҳокимиятро ба мавқеъ ҷонибдории омма боло бурд. Дар баробари он ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба ҷомеа иттилооти лозимиро интиқол медиҳанд, ҳамзамон омма низ чунин мақоми интиқолдиҳандаи иттилоотро соҳиб мешаванд.

Ҳамин тавр, дар низоми муосири коммуникатсия фақат паҳну интиқоли иттилоот дигар меъёри шаффофияти сиёсат нест, шаффофиятро ҳамон ҳолате собит мекунад, ки байни давлат ва ҷомеа шабакаҳои васеи додугирифти иттилоот ва мубодилаи он фароҳам

оварда шавад. Дар ин самт, албатта интернет нақши аввалиндараҷаро иҷро намуда истодааст.

Ҷанбаи муайянкунандаро дар низоми коммуникатсия тағйирёбии усулҳои амалишавии он ташкил медиҳад. Коммуникатсия дар гузашта, ки асосан аз тариқи воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ ва сохторҳои алоҳида ба тариқи бевосита амалӣ мешуд, хусусияти пахшнамоиро дошт. Яъне иттилоот аз ҷониби субъекти коммуникатсия пахш мешуд, вале унсури иртибот дар он ҷой надошт. Дар айни замон бошад, бо шарофати интернет иртибот ва муколамаи субъектони сиёсат ба омили асосии рушди коммуникастяи сиёсӣ ва идоракунии сиёсии ҷомеа табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, дар шароити имрӯза ҷавоб ҷустан ба ин саволҳо: «То куҷо гузариш аз тарҳи «пахш» ба тарҳи «муколама» дар ҷомеа ҳалли худро ёфтааст? Дастрасӣ ба дастгоҳҳои коммуникатсионӣ оё барои аксари аъзои ҷомеа ягон тағйротеро дар хусусиятҳои коммуникатсияи сиёсӣ ворид кардааст», хосияти рӯзмарра пайдо мекунад.

Муҳаққиқон интернетро ҳамчун сарчашмаи иттилооти иҷтимоӣ меноманд, ки тавассути он метавон пурсишҳои сотсиологӣ, фокус–группа ва ғайра баргузор намуд. Равоншиносон истифодабарии интернетро дар психикаи инсон мавриди омӯзиш қарор дода, ба хулосае омаданд, ки имкониятҳои тафреҳӣ (бозӣ) ва коммуникативӣ (мукотиба тариқи шабкаҳои иҷтимоӣ Фейсбук, Вконтаке, Одноклассникӣ, Емайл, инстаграмма ва ғ), аз як тааф ба рушди ҳаматарафаи инсон мусоидат кунад, аз ҷониби дигар ба равандҳои манфӣ оварда мерасонад. Дар муносибати истифодабарандаи шабакаи иҷтимоӣ ду хусусиятро мушоҳида кардан мумкин аст:

Якум, истифодабарандагон дар шабакаҳои иҷтимоӣ аккаунтҳои худро боз намуда, дар навбати аввал бо анбӯҳи зиёди иттилоот аудиторияи фаъол рӯ ба рӯ мешаванд. Муҳокимаи зиёди иттилооти рӯз аз ҷониби истифодабарандагони интернет ва пайдошавии иттилооти пай

дар пай онҳоро ногузир ба раванди муҳокима ва ибрози андеша водор месозад ва тақрибан ба тамоми мавзӯъҳои баррасишаванда мавқеи худро изҳор медоранд. Ҳамаи сарчашмаҳои хабариро боз намуда, аз хабарҳои охир огоҳӣ пайдо мекунад. Яъне ба истифодабарандаи фаъоли шабкаҳои иҷтимоӣ табдил меёбад.

Дуюм, бо гузашти вақт баъди марҳилаи фаъолнокӣ итифодабарандаи интернет оҳиста-оҳиста ба иттилоот ва масъалаҳои баррасишаванда бетаваҷҷуҳ мешавад. Ҳатто ба мавзӯҳои таваҷҷӯҳбарангези сиёсӣ низ чандон мароқ зоҳир намекунад. Яъне марҳилаи хастагии истифодабаранда дар шабкаи иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд. Аз ду ҳолате, ки атрофи истифодабарандагони интернет дида шуд, бармеояд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ дар интиҳо то як андоза истифодабарандагонро ба бемайлии сиёсӣ оварда мерасонад.

Ҳолати фаъолию бетаваҷҷуҳии истифодаарандагон, агар аз як тараф, ба вазъи равонии онҳо вобаста бошад, аз ҷониби дигар, ба аксуламали мақомоти ҳокимияти давлатӣ низ вобастагӣ дорад. Яъне агар масъалаҳои баррасишавандае, ки дар шабкаҳои иҷтимоӣ анҷом дода мешаванд, аз ҷониби мақомоти дахлдор ҷавоби расмӣ дода шаванд, пас он майли итифодабарандагонро меафзояд. Дар сурати акс, ҳолати рӯҳафтодагиро дар ниҳоди онҳо бедор менамояд.

Ҳамин тавр, падидаҳое, ки дар партави истифодабарии интернет ба ҳайси воситаи муосири комуникатсияи сиёсӣ ба вуҷуд омаданд, аз он шаҳодат медиҳанд, ки интернет нисбат ба аҳамияти иттилоотӣ доштанаш бештар моҳияти иҷтимоӣ пайдо кардааст. Рушди раванди истифодабарии интернет дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ падидаҳои нав, ба монанди демократияи электронӣ, ҳукумати электрониро тавлид намуданд. Имрӯз ин ду падида дар сатҳи ҷаҳонӣ меъёри рушди ҷомеаи иттилоотӣ шинохта шудааст. Давлатҳо ба хотири таъмини пояҳои иҷтимоии сохтори идоракунӣ ва легитимияти ҳокимияти давлатӣ ба

таври васеъ ба демократияи электронӣ ва ҳукумати электронӣ рӯ меоранд.

Дар Тоҷикистон интернет воситаи муҳими коммуникатсия маҳсуб меёбад. Албатта, дар аксар давлатҳои абарқудрат интернет аксаран баҳри тиҷорати онлайнӣ истифода бурда мешавад, аммо дар Тоҷикистон маъмулан, он барои коммуникатсия, гуфтугӯ, пахши хабар ва реклама мавриди истифода қарор мегирад. Миллионҳо одамон ҳаррӯза шабкаи интернетиро барои навъҳои гуногуни фаъолият ҳам дар хона ва ҳам дар кор мавриди истифода қарор медиҳанд. Тавре соли 2016 дар ҳошияи суханронии худ ба ифтихори 25 – солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҷурии Тоҷикистон аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зикр гардид, агар дар соли 1991–ум шумораи истифодабарандагони алоқаи телефонӣ ҳамагӣ 214 ҳазорро ташкил дода, қисми зиёди онҳо муассисаву идораҳо бошанд, пас ин нишондиҳанда соли 2015–ум ба 11,2 миллион расида, 52 баробар афзоиш ёфтааст. [12].

Ҳамзамон, дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ бо суръати тез рушд мекунад. Ин раванд ба дунбол қадамҳои нави рушди коммуникатсияро, ки ба пахши рақамӣ алоқамад аст, тавлид мекунад. Раванди мазкур дар рушди коммуникатсияи сиёсӣ гардиши бузург мебошад. Сухан атрофи он меравад, ки ин давраи гузариш бештар моҳияти иҷтимоӣ пайдо мекунад. Дар бисёр давлатҳои ҷаҳон дар чунин марҳилаҳо кӯшишҳо баҳри он равона карда мешаванд, ки нобаробарии иттилоотӣ байни деҳа ва шаҳр, минтақаҳо ва марказ аз байн бурда шуда, дар кишвар фазои ягонаи суръат ва сифати интернет ва иттилоот таъмин карда шавад [140, с.50-54].

Дар ин миён истифодаи шабкаҳои иҷтимоӣ ҳамчун сарчашмаи дастрасии хабар, воситаи муносиби мукотиба ва фазои озоди ифрози андеша атрофи масоили гуногуни ҳаёти сиёсӣ маҳбубияти хоса пайдо мекунад.

Тоҷикистон ки дар давраи гузариши ҷиддӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ қарор дорад, дар ин давра яке аз вазифаҳои муҳим ин баланд бардоштани фаъолнокии сиёсии шаҳрвандон, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, сатҳи маърифатнокии аҳолӣ ва дар ин замина баланд бардоштани коммуникатсияи сиёсӣ дар кишвар мебошад.

Мувофиқи тадқиқоти «Медиа Консалтинг» дар соли 2016 30% пурсидашудагон умуман интернети худро қатъ намекунанд, ҳамзамон ҳамин миқдор ҳаррӯза чанд соати худро дар муоширaт мебахшанд ва тақибан 18% пурсидашудагон 3–4 маротиба дар як ҳафта ба интернет ворид мешаванд. Новобаста аз монеаҳои техникӣ ва молиявӣ шумораи дастрасии истифодабарандагони интернет дар Тоҷикистон рӯ ба афзоиш аст. Мувофиқи ҳамин пурсиш қариб нисфи онҳо имконяти молиявии истифодабарии интернетро соҳиб нестанд. Аз ҳама захираҳои маъмули Интернет дар Тоҷикистон ин шабкаҳои тафреҳӣ ва иттилоотӣ мебошанд.

Чуноне ки дида шуд, миёни истифодабарандагони интернет аз ҳама бештар шабакаҳои иҷтимоии русӣ – Одноклассники ва ВКонтакте маъмул мебошанд, зеро нисбат ба шабакаҳои иҷтимоии дигар пештар ба бозор ворид шуданд. Ба ин ҷиҳат нигоҳ накарда нисбат ба солҳои қабл рейтинги ин шабакаҳои иҷтимоӣ низ поин меравад. Шабкаҳои иҷтимоии русӣ интизориҳои блогерони тоҷикро чандон бароварда натавонистанд. Бисёриҳо ба ин ақидаанд, ки иттилооти шахсии онҳо дар шабакаҳои иҷтимоии русӣ дар сатҳи зарурӣ ҳифз намешаванд.

Барои возеҳ намудани шумораи истифодабарандагони шабкаҳои иҷтимоӣ ва мақоми онҳо дар Тоҷикистон тадқиқоти муқоисавиро дар давлатҳои Осиёи Маркази овардан бамаврид ҳисобида мешавад.

Мувофиқи ҳисоботи «2018 Global Digital», WeAreSocial ва Hootsuite мақоми истифодаи шабкаҳои иҷтимоии ВКонтакте, Одноклассники ва Инстаграм дар давлатҳои Осиёи Марказӣ чунин аст:

| Давлатҳо | ВКонтакте | Одноклассники | Инстаграм |
|---|---|---|---|
| **Қазоқистон** | 3 | 8 | 12 |
| **Қирғизистон** | 4 | 5 | 14 |
| **Тоҷикистон** | 7 | 4 | 17 |
| **Туркманистон** | 12 | 4 | |
| **Узбекистон** | 6 | 3 | 14 |

Тибқи таҳлилҳо шумораи истифодабарандагони шабкаи иҷтимоии Фейсбук дар Тоҷикистон бо суръати тез меафзояд. Нисбат ба дигар шабкаҳои иҷтимоӣ (Вконтакте Одноклассники Инстаграм) аксрияти аҳолии кишвар Фейсбукро барои гуфтугӯи расмӣ ва ҷиддӣ мувофиқ мешуморанд. Аз ин нуқтаи назар, шабкаҳои иҷтимоии дигар новобаста аз зиёд будани шумораи истифодабарандагонашон, дар фарқ аз Фейсбук ҳамчун фазои муоширати расмӣ ва ибрози мавқеи гуногуни шаҳрвандӣ аҳамияти худро аз даст медиҳанд. Дар як сол шумораи истифодабарандагони Фейсбук дар Тоҷикистон тақрибан ду маротиба зиёд мегардад. Мувофиқи таҳлилҳо аз 1 январи соли 2017 то 1 январи соли 2018 шумораи истифодабарандагони он 182% зиёд шудаанд, ки дар миқёси давлатҳои Осиёи Марказӣ ин омор Тоҷикистонро дар мақоми аввалин қарор медиҳад.

Аксарияти истифодабарандагони Фейсбук ва Инстаграм мардҳо мебошанд. Фаъолии занон дар ин шабкаҳо нисбатан камтар ба назар мерасад. Мувофиқи тадқиқоти сотисологии «2018 Global Digital», We Are Social ва Hootsuite дар соли 2017дар Фейсбук 24% занон ва 76% мардон, дар Инстаграм 23% занон ва 77% мардон аз Тоҷикистон фаъол будаанд [213].

Барномаҳои маъмули мобилӣ дар Тоҷикистон (WhatsApp, Imo, Viber, Messenger Мессенджер, Line, Telegram) WhatsApp ба шумор меравад. Истифодаи бештари WhatsApp дар Тоҷикистон аз шумораи

истифодабаранагони зиёд доштани он дар Русия низ то андозае вобаста мебошад. Дар Русия он дар ҷойи дуюм қарор мегирад. Зеро дар ин кишар садҳо ҳазор муҳоҷирони тоҷикистонӣ кору фаъолият доранд, ки ҳаррӯза тариқи ин барномаи мобилӣ бо наздикони худ дар Тоҷикистон тамос мегиранд.

Қувваи сиёсию коммуникатсионии шабкаҳои иҷтимоиро дар ҳодисаҳои Баҳори Араб ба эътибор гирифта дар давлатҳои Осиёи Марказӣ дар баъзе мавридҳо истифодабарии онҳо қатъ карда мешавад. Ин таҷиба бисёртар дар Туркманистон, Узбекистон ва Тоҷикистон зиёд мавриди истифода қарор мегирад. YouTube, Facebook, Twitter, VK, ҳамзамон WhatsApp, Skype ва Viber дар Тоҷикистон дар давоми сол мудом дастнорас мегарданд ва ин ҳолат ҳафтаҳо тӯл мекашад.

Дар Тоҷикистон вақтҳои зиёд дастрасӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ ва барномаҳои пайёмрасон маҳдуд мешаванд. Давоми сол чандин маротиба дар ҷумҳурӣ кори Facebook, Instagram, ВКонтакте ва Одноклассники, инчунин чанд сомонаи хабарӣ баста мешавад. Маъмулан бастани сомонаҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби масъулин ба сабаби таъмини амният ва ҳифзи суббот дар кишвар маънидод карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештари вақт ба ҷанбаъҳои зараровари интернет ишора карда мешавад. Интернет ҳамчун фазои тавлиди андешаҳои ифротӣ низ маънидод мегардад. Моҳи майи соли 2018 дар ҳошияи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез» аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардид, ки «Яке аз омилҳои густариш ёфтани ифротгароӣ ва терроризм ин аз ҷониби ташкилотҳои террористӣ васеъ истифода гардидани технологияҳои муосири иттилоотӣ, бахусус, шабакаи интернет бо мақсади пешбурди ташвиқоти экстремистӣ, ба сафҳои худ ҷалб намудани аъзои нав, омода ва роҳбарӣ намудан ба амалҳои харобкоронаи онҳо маҳсуб мeёбад» [214].

Андешаҳои Президенти кишвар дар суханронӣ дар ҷаласаи нахустини Шӯрои миллии кор бо ҷавонон соли 2016 низ давоми андешаҳои боло буданд: «Бо таъсири интернет, шабакаҳои мухталифи иҷтимоӣ ва дигар воситаҳои иттилоотӣ иддае аз ҷавонони сустиродаву ноогоҳ ба доми тазвири гурӯҳҳои манфиатҷӯ афтида, ба миллату Ватани худ хиёнат менамоянд, обрӯ ва мақоми мамлакатро дар арсаи байналмилалӣ паст мегардонанд» [215]. Албатта дар равнади баваҷудоии падидаҳои манфии ҷомеа омили интернет ҳамеша ба назар мерасад, ки яке аз сабабҳои аслиаш нисбат ба дигар воситаҳои ахбори омма имконияти бемаҳдуди ибрози андешаро соҳиб будани он аст.

Аз тарафи дигар, коршиносон фарзияи хатарзо будани интернет ва шабкаҳои иҷтимоиро барои фазои сиёсии кишвар инкор мекунанд. Яке аз мутахассисони соҳа Асомиддин Атоев ба ин ақида аст, ки чунин нигоҳи алтернативӣ, пеш аз ҳама, ба талошҳои кишварҳои минтақа зарба зада, онҳоро метавонад ба масъалаҳои дуюмдараҷа табдил диҳад. Масалан, талошҳои Тоҷикистон баҳри татбиқи авлавиятноки ТИК дар ҳалли масъалаҳои ватанӣ, аз ҷумла рушди ҳукумати электронӣ, ва илова бар ин, табдил додани кишвар ба маркази транизити электронии минтақа, моҳияти худро гум карда, ҳолати вобастагии кишварро ҳамчун истеъмолкунандаи маводи дигарон дар даврони иттилоотӣ низ нигоҳ медорад. Андешаи ӯ дар фарқ аз иқдоми пешгирифтаи абарқудратҳои минтақа, номаҳдуд кардани татбиқи ТИК, балки баръакс, рӯ овардан ба технологияҳои интернетӣ воситаи эмин нигоҳ доштани кишвар аз таъсири вируси «баҳори араб» мебошад.

Дар раванди муосир, ки давлатҳо барои ворид намудани технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт мубориза мебаранд, ба назар расидани баъзе монеаҳои ҷойдошта дар Тоҷикистон ба манфиати рушди кишвар ва гузариш ба ҷомеаи иитилоотӣ буда наметавонад. Яке аз мушкилоте, ки то ин дам ҳалли

худро пайдо накардааст, ин суст будани суръати интернет дар Тоҷикистон ва ҷой доштани маҳудудиятҳо дар дастрасии он мебошад. Таҳлилҳои ҳарсолаи вазъ аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалии консалтингӣ нишон медиҳанд, ки вазъи мавҷуда дар ин соҳа то ҳол нигаронкунанда мебошанд.

Интернет –технология воқеан ба омили асосии коммуникатсияи сиёсӣ ва ҷузъи ҷудонопазири раванди идоракунии сиёсӣ дар Тоҷикистон табдил ёфтааст. Ташаккули афкори ҷамъитиро дар Тоҷикистон дар баробари дигар институтҳо - оила, мактаб, воситаҳои ахбори оммаи анъанавӣ, ҳамзамон бидуни интернет тасаввур кардан аз имкон берун мебошад. Зиёда аз ин, дар шароити муосир, ки Тоҷикистон, яке аз ҳадафҳои стратегии худро ба давлати индустриалӣ табдил додан унвон кардааст, наметавон бе истифодаи самаранок ва татбиқи интернет - технология ба ин ҳадаф расид.

Тавре аз таҳлилҳо ва мушоҳидаҳо бармеояд, интернет имрӯз яке аз ниёзҳои аввалияи сокинони Тоҷикистон шудааст. Сатҳу сифати он, будан ва набудани интернет, метавонад ба нигоҳи омма нисбат ба ҳокимияти давлатӣ ва равандҳои сиёсӣ таъсири ҷиддӣ расонад. Вазъияти бавуҷудомада дар моҳи апрели соли 2019 ин ҷиҳатро собит месозад.

Ширкатҳои мобилӣ рӯзи 13-уми апрели соли 2019 муштариёнашонро огаҳ карданд, ки минбаъд бар асоси тарофаҳои наве, ки Хадамоти зиддиинҳисорӣ тақозо мекунад, пул мегиранд. Акнун ҳар муштарӣ дар Тоҷикистон барои истифодаи як мегабайт на камтар аз 5 дирам мепардозад, қимате, ки ду баробар аз қиматҳои пешина болотар аст. Пас аз чанд рӯз Хадамоти зиддинҳисорӣ қарор баровард, ки тибқи он қимати истифодаи Интернет дар Тоҷикистон боло рафт. Қиммати истифодаи як гигабайт Интернет дар Тоҷикистон на 30–35 сомонӣ, балки то ба 62 сомонӣ баланд бардошта шуд. Дар пайи ин қарор ширкатҳои мобилӣ нархи як мегабайт интернетро ба 6,2 дирам расонданд ва қимати

як гигабайти он 62 сомонӣ муқаррар гардид. Ҳамзамон арзиши зангҳои телефонӣ низ ду баробар зиёд карда шуд. Ин баҳс тӯли ду ҳафта ба шиддат дар байни мардум ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ ҷараён дошт.

Рӯзи 17 марти соли 2019 нуҳ созмон бо намояндагӣ аз ҷомеаи шаҳрвандӣ - «Ташаббуси шаҳрвандии сиёсати Интернет», «Анҷумани ширкатҳои мобилӣ», «Маркази мустақил оид ба ҳифзи ҳуқуқи инсон», «Анҷумани миллии расонаҳои мустақил», «Иттифоқи истеъмолкунандагон», «Имкониятҳои баробар», «Баробарӣ» ва «Анҷумани соҳибкорони хурду миёна» бо муроҷиатнома аз Хадамоти зиддиинҳисорӣ талаб кардаанд, ки қарори боло бурдани нархи Интернет ва гуфтугӯҳои телефониро бекор кунад. Онҳо талаб намуданд, ки боло бурдани нархи Интернет «бо вазъи иҷтимоӣ ва сатҳи даромади сокинон мувофиқ нест» ва ҳуқуқи бунёдии мардум, аз ҷумла озодии баёнро маҳдуд мекунад. Раҳбарони нуҳ созмони иҷтимоии Тоҷикистон дар муроҷиати худ ин қарорро нақзи дастрасӣ ба иттилоъ ва монеа барои рақобату расидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар донистаанд. Онҳо гуфтаанд, Хадамоти зиддинҳисорӣ «бо додани афзалият танҳо ба яке аз ширкатҳо рушди бозори телекоммукатсионӣ ва кулли иқтисоди кишварро зери хатар мегузорад». Кор ба ҳадде расид, ки гурӯҳе аз фаъолон муроҷиатномаеро ба номи раиси ҷумҳур омода карданд ва дар яке аз маҳаллаҳои маркази Душанбе ҷамъ омада ва аз мардум имзо ҷамъ карданд. Сноска нест

Баъди талошҳои бенатиҷа барои поин бурдани нархи истифода аз интернет, фаъолони ҷомеа тасмим гирифтанд, бо як муроҷиатномаи дастҷамъӣ ба раиси ҷумҳур ва додситони кул муроҷиат кунанд. Онҳо рӯзи 22–юми апрел ба ҷамъоварии имзо дар Душанбе оғоз карданд. Ҷомеаи шаҳрвандӣ қарори боло бурдани нархи Интернетро беадолатӣ унвон карда, қайд намуданд, ки беш аз як миллион аҳолии Тоҷикистон дар хориҷ кору иқомат мекунанд ва ягона василаи иртиботи волидон ё

зану фарзанди онҳо бо муҳоҷирон Интернет ва василаҳои иртиботӣ ба мисли Вайберу ИМО ва Вотсапп мебошад. Зиёда аз ин, чунин иқдом бо вазъи иҷтимоӣ ва сатҳи даромади сокинон мувофиқ нест» ва ҳуқуқи бунёдии мардум, аз ҷумла озодии баёнро маҳдуд мекунад [199].

Гурӯҳе аз фаъолони ҷомеа рӯзи 22–юми апрели соли 2019 дар назди Театри опера ва балет зери муроҷиатномаи дастҷамъӣ ба раиси ҷумҳур ва додситони кул имзо ҷамъ овbooked, ки дар он хоста шуд то қарори боло бурдани қимати интернет беэътибор карда шавад. Тибқи иттилоъи воситаҳои ахбори омма дар давоми ду соат дар муроҷиатнома беш аз 200 нафар имзо гузошта, ному насаб ва суроғаи ҷойи зисти худро навиштаанд. Дар маҷмӯъ, зери муроҷиатнома ҳудуди 600 нафар имзо гузоштаанд [203].

Ҳамин тавр, дар пайи мавҷи зиёди эътирозҳои сокинони кишвар шоми 23–юми апрели ҳамон сол Хадамоти матбуоти президенти Тоҷикистон хабар дод, ки «нархи истифодаи интернет ва арзиши тарофаҳои ширкатҳои мобилӣ ба ҳолати аввала баргардонида шуд» ва «нисбат ба шахсони масъуле, ки ба ин кор роҳ доданд, чораҷӯӣ карда шуд» [216].

Дар хабар аз ҷумла зикр шуд, ки Эмомалӣ Раҳмон Президенти Тоҷикистон дастур дод, ки нархи истифода аз Интернет ва гуфтугуҳои телефонӣ ба ҳолати пешин оварда шавад ва онҳое, ки дар боло бурдани он даст доранд, ҷазо дода шаванд.

Тавре котиби матбуотии Дастгоҳи иҷроия Абдуфаттоҳ Шарифзода рӯзи 23–уми апрел (2019) хабар дод, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз норозгии мардум огоҳ гашта, амр додааст, ки қимати истифода аз Интернет ва зангҳои телефонӣ ба ҳолати пешин оварда шавад. Бекор кардани қарори Хадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистонро, ки мардум бо хушнуди пазируфтанд, онро як ҳаракати нодири Пешвои милат номиданд.

То замони бекор кардани қарор мушоҳида мешуд, ки қарор ба афкори умум таъсири бад гузошт. Ба қавли Сайфулло Сафаров интернет ба як ҷузъи зиндагии мардум табдил ёфтааст ва гарон кардани он ба гарон кардани қимати маводи озуқа баробар мебошад. Аз ин рӯ, норизоии умумиро ба вуҷуд меовард.

Ҳолати мазкур собит мекунад, ки коммуникатсияи сиёсӣ ба вазъи сиёсӣ таъсири мустақим мерасонад. Дараҷаи устуворӣ ва оромии давлат аз он вобастагии амиқ дорад. Он собит мекунад, ки то чӣ андоза интернет барои ҳаёту фаъолияти шаҳрвандон аҳамият дорад ва то куҷо метавонад ба мавқеи шаҳрвандон, афкори онҳо таъсир раоснад. Он ба таври возеҳ вазъ ва иқтидори таъсири муносибатҳои интернетию коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсиро ба идоракунии сиёсӣ нишон медиҳад. Яъне шаҳрвандон ба хотири ҳифзи манфиатҳои коммуникатсионӣ мубориза бурда, бо чунин шакли кӯшиши дастаҷамъӣ метавонанд ба раванди идоракунӣ таъсири худро расонанд.

Воқеан, дар ҳар давру замон яке аз сабабҳои азбайнравии субот, парокандагӣ дар давлат аз заифшавии пайвастаи коммуникатсияи дохилӣ миёни гурӯҳҳои иҷтимоӣ вобаста мебошад. Эҷоди маҳдудиятҳои бешумор аз тарафи давлат нисбат ба шаҳрвандон ба он оварда мерасонад, ки қишрҳои муайяни иҷтимоӣ имкониятҳои татбиқи манифтаҳои худро аз даст медиҳанд. Дар натиҷа, ба қуввае табдил меёбанд, ки низоми мавҷудаи идоракунии сиёсиро гирифтори бӯҳрон намуда, давлатро дар баробари хатарҳои беруна осебпазир мегардонанд [178].

«Пешрафти рӯзафзуни технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва таҷрибаи ҷаҳони имрӯза аз он далолат мекунад, ки истифодаи самараноки воситаҳои электронии ахбор натанҳо боиси пурра гардидани фазои иттилоотӣ мегардад, балки бо истифода аз онҳо

ба таъмини беҳтари амнияти иттилоотии кишвар ноил шудан мумкин аст» [147].

Дар самти дастрасӣ ба интернет Тоҷикистон муваффақиятҳои зиёдро соҳиб шудааст. Бо вуҷуди ин дар тафовут ба вазъи интернет дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳолати интернет дар Тоҷикистон ниёз ба беҳбудӣ дорад. Зеро дастрасии сартосарӣ ва ҳамешагии омма ба интернети баландсуръат кафили робитаҳои наздики давлат ва ҷомеа буда, фазои мусоидро барои табодули саривақтии иттилоот фароҳам меорад.

Хулоса, таҳлили захираҳои интернетию коммуникатсионӣ нишон медиҳанд, ки интернет барои муттаҳид сохтан ва таъсисёбии гурӯҳҳои фаъоли сиёсӣ аз ҳисоби шаҳрвандон, ташкили баҳсу мунозираҳои сиёсӣ атрофи масъалаҳои муҳимми рӯз ва таъсир расонидан ба равандҳои сиёсӣ нақши асосӣ дорад. Интернет дар ташаккули афкори шарвандон, фаъолияти сиёсӣ, қударти дарки сиёсат ва кӯшиши иштирок дар он мусиодат мекунад. Бо шарофати афзалиятҳои зиёди интерактивии интернет ин имконият боз ҳам афзоиш меёбад.

Интернет, дар маҷмӯъ ба тамоми навъи воситаҳои ахбори омма ва механизми фаъолияти онҳо тағйироти назаррасро ворид намуд. Тағйироте, ки дар фазои иттилоотию коммуникатсионӣ ба вуқӯъ омаданд, дар навбати худ, самтҳои муайяни амалишавии сиёсати давлатиро низ фаро гирифтанд. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, ба дарки моҳияти равандҳои сиёсӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки таҳкими муносибатҳои сохторҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат хоҳад намуд. Равандҳои имрӯза дар Тоҷикистон собит месозанд, ки сиёсати давлатӣ дар самти иттилоотикунонӣ ва рушди коммуникатсия аз тарҳи анъанавии пахши иттилоот, ба ҷузъи муҳими татбиқи сиёсати стратегии кишвар мубаддал шудааст.

# ХУЛОСА
## I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Таҳлили нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа нишон медиҳад, ки сиёсат бо унсурҳои иттилоотӣ робитаи зич дошта, идоракунии сиёсии ҷомеа аз истифодаи имконияятҳои васеи коммуникатсионӣ вобастагии зиёд дорад. Дар навбати худ иттилоот ва воситаҳои паҳннамоии он мақоми худро ҳамчун захираи асосии ҳокимият нигоҳ дошта, истифодабарии самараноки онҳо афкори мусбати ҷамъиятиро ташаккул медиҳад, онро назорат мекунад ва пеши роҳи тавлиди мавқеъгириҳои ба сиёсат нолозими шаҳрвандонро мегирад. Низоми коммуникатсияи сиёсӣ дар ҷомеаи муосир яке аз омилҳои асосии ба даст овардани ҷонибдории ҷамъиятии ҳокимият, таъмини легитимияти он ва суботи ҷамъиятӣ мебошад. Дар шароити моусири рушди давлатдорӣ, ки принсипҳои шаффофоияти хизмати давлатӣ, озодии андеша, дастрасӣ ба иттилоот дар қатори дигар арзишҳо ба омили таҳкимбаши демокартия ва ташакули давати ҳуқуқию иҷтимоӣ баромад мекунанд, коммуникатсияи сиёсӣ ва дараҷаи истифодаи самаранок аз он ба сифати кафили рушди эътимоди омма нисбат ба институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва таъмини робитаҳои мустаҳками давлат ва ҷомеа баромад хоҳанд намуд. Бо дарназардошти ин, чанд ҷанбаи муҳимро оид ба нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа метавон зикр кард.

1. Коммуникатсияи сиёсӣ дар системаи иҷтимоию сиёсӣ, дар навбати аввал баҳри таъмини суботи ҷамъиятию сиёсӣ, мутавозинсозии робитаю муносибатҳо, манофеи қишри идории давлат ва гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ нақши асосиро иҷро мекунад. Танҳо зарур аст, ки тарзи ба роҳ мондани коммуникатсияи сиёсӣ ба табиати иҷтимоию психологии одамон, моҳияти сиёсат ва ҳокимият ҳамчун падидаи ҷамъиятӣ мувофиқат намояд. Танҳо дар он сурат он ба таҳкими сиёсати муслоиҳатомез замина гузошта, дар чаҳорчӯби манфиатҳои тарафайн

амалӣ гардидани ҳама гуна ташаббусҳои сиёсию ҷамъиятиро таъмин менамояд.

2. Чуноне ки таҷрибаи равандҳои муосир нишон медиҳад, идоракунии сиёсӣ ба таври назаррас ба хусусиятҳои асосии фаъолияти ҷомеа, субот ва муваффақияти он таъсир мерасонад. Ҷомеа ҳамеша бо вазъияте рӯ ба рӯ мешавад, ки қабули қарорҳои идоракунӣ хосияти ҳатмӣ пайдо намуда, амалисозии фаъолияти босамари идоракунӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳаёт ба яке аз вазифаҳои асосӣ табдил меёбанд. Аз ин рӯ, ба маънои сиёсиаш дарк намудани коммуникатсия ва тадқиқи аҳамияти он дар идоракунии сиёсӣ аҳамияти зиёд пайдо менамояд. Зеро фаъолияти инсонӣ бо падидаи идоракунӣ алоқамандии зич дорад.

3. Мутобиқи Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ мебошад. Низоми демократӣ барои давлатдории навин дар Тоҷикистон ҳам омили асосии машруияти ҳокимияти давлатӣ ва ҳам асли суботу ваҳдат дар кишвар мебошад. Аммо татбиқи босамари арзишҳо ва принспиҳои демократия дар ҷомеа бидуни коммуникатсияи сиёсии муносиб тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Зеро коммуникатсияи сиёсӣ ташаккул ва рушди арзишҳои давлатдорӣ, татбиқ ва тақвияти формулаи умумиэътирофшудаи демократия, яъне - «халқ сарчашмаи ҳокимият»-ро дар кишвар таъмин хоҳад намуд. Дар чунин мазмуни худ, коммункатсияи сиёсӣ меъёр демократизм Ҷумҳурии дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

4. Панҷсолаи охир бо рӯйдодҳо ва ҳаводиси бузурги сиёсӣ дар олам пайваст буд. Пайдоиш ва паҳншавии пандемияи каронавируси нав да соли 2020, ки кулли сокинони сайёраро барои гузаштан ба низоми хонагии фаъолият водор сохт ва ба қатъ шудани равобити ҳузурии сокинони кишварҳои олам сабаб шуд, собит намуд, ки унсури коммуникатсия, ҳам дар фаҳми умумиҷамъиятӣ ва ҳам дар маънои сиёсиаш то чӣ ҳад бахри ҳифзи набзи ҷомеа, ҳукумат ва идоракунии сиёсӣ зарур будааст. Паҳншавии беморӣ мушкилоти алоҳида ва қатъи

нисбии комуникатсияи сиёсӣ душвориҳои дигарро ба вуҷуд овард. Зеро идораи раванди бӯҳрон ва пандемия идоракунии томи сиёсиро тақозо менамуд, ки будини роҳҳо ва василаҳои амалисозии коммуникатсияи сиёсӣ номумкин ба назар мерасид. Ба ҳар ҳол давлатҳои ҷаҳон тадриҷан худро ба ин раванд мутобиқ намуда, тавассути истифодаи шеваҳои маҷозии иртибот робитаи худро дубора барқарор сохтанд. Истифодабарии таркибҳои муосири коммункатсияи сиёсӣ, бахусус гузариш ба ҳукумати электронӣ, ба таври васеъ ба роҳ мондани робитаҳои маҷозӣ аз тариқи баргузори нишастҳои фосилавӣ ва пахши иттилооти саривақтӣ имкон фароҳам оварданд, ки иртиботи алтернатвии байни ҳукумат ва омма барқарор гардад, мутобиқан идораи электронии вазъият таъмин карда шавад.

5. Таҷриба нишон медиҳад, ки истифодаи воситаҳои муосири коммуникатсионӣ дар замони муосир боиси паёмадҳои муайяни сиёсӣ низ мегардад. Масалан, ба вуҷуд омадани низоъҳои сиёсӣ дар давлатҳои олам аз болоравии нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар идоракунии сиёсӣ дарак медиҳад. Инқилобе, ки соли 2020 баъд аз интихоботи президентӣ дар Ҷумҳурии Белорус ба вуқӯъ пайваст, моҳияти масъаларо бештар бозгӯ мекунад. Инқилоби мазкурро коршиносон «инқилоби телеграммӣ» низ меноманд, зеро маҳз шабакаи иҷтимоии Телеграмм яке аз локомотивҳои бавуҷудой ва авҷгирии инқилоб дар Белорус шуд. Мусбат ва ё манфӣ будани худи ин падида аз нуқтаи назари давлатдорӣ ва манофеи миллӣ баҳси дигар аст, аммо «инқилоби твиттерӣ», «инқилби фейсбукӣ», «инқилоби телеграммӣ» унвон шудани моҷароҳҳои муосири сиёсӣ дар ин ё он кишари олам далели возеҳи нақшофар будани воситаҳои муосири коммуникатсияи сиёсӣ мебошанд. Ибрати ин падидаҳои барои кишварҳои миллӣ чӣ аст? Пеш аз ҳама дар эътирофи иқтидори шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун воситаи қавии коммуникатсияи сиёсӣ, назорати ин фазо ва истифодаи имкониятҳои он барои таъмини робитаи наздику фарогир бо ҷомеа ва ғайра.

6. Васеъ шудани фазои коммуникатсияи сиёсӣ, аз он ҷумла ҷойгоҳи хосаро соҳиб шудани шабакаи умумиҷаҳонии интернет дар муносибатҳои субъетони ҳаёти сиёсӣ эҳтимолияти сар задании хатарҳои иттилоотӣ ва дар ростои рақобатҳои идеологияи ҷангҳои иттилоотӣ қарор гирифтани давлатҳои миллӣ аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз эҳтимол дур намесозад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки гурӯҳҳои алоҳида баҳри аз байн бурдани якпорчагии давлат, бо мақсадҳои сиёсии хеш истифода бурдани афкори ҷамъиятӣ воситаҳои коммуникатсиониро ба унсури асоии муборизаҳо табдил додаанд. Ҳамин вазъият заруратеро ба миён меорад, ки мавқеъ ва механизмҳои истифодабарии коммуникатсияи сиёсӣ дар ҷомеаи тоҷикистонӣ бояд боз ҳам тақвият бахшида шаванд. Дар чунин шароит ягона дастгоҳи таъмини боварии халқ ба давлат ин робитаи пайваста ва дастрас намудани иттилооти зарурӣ мебошад.

7. Рушди интернет - технология аз соли 2003 то имрӯз ба тағйирёбии зиёд дар муносибатҳои ҷамъиятӣ оварда расонид; ҷаҳиши сифатӣ дар самти истеҳсол, муаррифӣ ва истифодабарии иттилоот ба вуҷуд омад; барои татбиқи мақсадҳои шахсӣ истифодабарии фазои нави иттилоотӣ аз ҷониби акторҳои сиёсӣ ба ҳукми анъана даромад. Ҳамзамон, як қатор консепсияҳо, стратегияҳо, қонунҳо дар фазои нави иттилоотию коммуникатсионӣ коркард карда шуданд. Дар ин давра ба таври назаррас мақомоту идораҳои давлатӣ (мақомоти марказӣ, вилоятӣ ва шаҳру ноҳияҳо), ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва шаҳсони алоҳида дар фазои интернет фаъол гаридиданд. Шумораи майдонҳои мубодила ва мубоҳиса оид ба масъалаҳои муҳими ҷомеа дар шабакаи интернет афзоиш ёфт.

8. Омӯзиш ва баррасии накш ва ҷойгоҳи коммуникатсияи сиёсӣ дар рушди Тоҷикистони муосир айни замон хеле зарур ва муҳим мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз мушкилоти иқтисодию

сиёсӣ, тавонист, ки ба фазои глобалии иттилоотию коммуникатсионӣ пайваст шавад, технологияи муосири иттилоотию иртиботиро дар бахшҳои гуногуни ҳаёт татбиқ намояд ва ба ҳамин тариқ шароити муносибро баҳри таъмини коммуникатсияи субъектони равандҳои иҷтимоию сиёсӣ фароҳам орад.

9. Хусусиятҳои фаъолияти субъектони сиёсӣ, ҳадафҳо, усулҳо, роҳҳои муносибат, инчунин, сохтор, сатҳ ва самти равандҳои коммуникатсионӣ барои фаҳмиши падида усулҳои гуногуни консептуалиро эҷод мекунад. Дар асоси таҳлили парадигмаҳои имконпазири омӯзиши коммуникатсияи сиёсӣ (бихевиористӣ, интераксионӣ, экзистенсиализм, иҷтимоию фарҳангӣ, иттилоотӣ ва кибернитикӣ) муаллиф ба хулоса меояд, ки ҳар яки онҳо дар ошкор намудани яке аз паҳлӯҳои муҳимми предмети омӯзиши кори илмӣ муассир мебошанд.

